Сиёсат ва кӯшишҳои маъмурияти Ҷо Байден низ дар муносибат ба Шарқи Наздик умуман аз Трамп чандон фарқ надоранд. Амрико мехоҳад, худро аз минтақаи ноором дур кунад. Бо вуҷуди ин, президенти Амрико наметавонад, мавҷи хушунатҳоро нодида бигирад ва аз ин рӯ, бояд муноқишаро, ки даҳсолаҳо идома дорад, ҳал кунад. Аммо, воқеаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки ИМА аз уҳдааш набаромада истодааст. Мусаллам аст, ки қазияи Исроил ва Фаластин рӯзҳои охир аҳли ҷомеаи башарро ба ташвиш овардааст. Зиёда аз 75 сол мешавад, ки дар сарзамини Фаластин хунрезиву ноороми ҳукмфармост. Ҳафтуми октябри соли 2023 ин ҷангҳо аз нав ба вуқуъ пайвастанд, ки дар натиҷа, аз ҳар ду ҷониб талафоти зиёд шуд, ҳазорҳо нафар қурбонии задухӯрд шуданд, ҳамчунин, қисми зиёди мардум ҷароҳатҳои вазнин бардоштанд. Мутаассифона, дар байни ин захмдидагону қурбониён «шумораи занҳо, калонсолон ва хусусан кӯдакон хеле зиёданд» [335]. 15-уми августи соли 2024 Комиссари олии СММ

оид ба ҳуқуқи инсон Фолкер Тюрк изҳор кард, ки «шумораи кушташудагон аз ҷониби Фаластин ба 40 000 расид» [359].

Дар ҳуҷуми нави Исроил алайҳи Фаластин на танҳо ИМА, балки кишварҳои ғарб низ рӯирост Исроилро пуштибонӣ мекунанд. Президенти аз нав интихобшудаи ИМА Доналд Трамп изҳор кардааст, ки аз Исроил ҷонибдорӣ хоҳад кард. Сарфи назар аз ин, Арабистони Саудӣ яке аз муҳимтарин муттаҳидони ИМА боқӣ мемонад.

Дар маҷмуъ, мавқеи стратегӣ, нақши муассир доштан дар ҷаҳони арабу ислом ва соҳиби бузургтарин захираи нефти ҷаҳон будан Арабистони Саудиро барои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хеле муҳим гардонидааст. Арабистони Саудӣ яке аз манбаъҳои асосии таъмини нефти Иёлоти Муттаҳида буда, дар як рӯз ба бозори Амрико беш аз як миллион баррел нефт медиҳад. Инчунин, Арабистони Саудӣ қарздиҳандаи бузурги ИМА ба ҳисоб меравад. Вазорати молияи ИМА бори нахуст соли 2016 «ҳаҷми қарзи давлатии Амрикоро аз Арабистони Саудӣ то соли 2018 171,3 миллиард доллар» мушаххас кард [393; 394].

Умуман, ШАС дар баробари ҳамкорӣ бо ИМА, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, инчунин бо Чин, Россия ва Ҳиндустон низ таваҷҷуҳ дорад [ниг: 404; 412; 451; 466].

Хулоса, мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки гуногунсамтии (арабӣ-мусулмонӣ, аврупоӣ, амрикоӣ ва инчунин самтҳои навбунёди «осиёӣ») сиёсати хориҷии ШАС бо ҳам мухолифат намекунанд. Баръакс, муносибатҳои кунунии робитаҳои сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ мукаммал мешаванд ва барои ШАС ҷиҳати ҳалли мушкилоти субот ва амният дар минтақаи Халиҷи Форс, Шарқи Наздик (Ховари Миёна) ва дар маҷмуъ ҷаҳони арабу мусалмон мусоидат мекунад.

2) Давлати Қатар дар шимолу шарқии нимҷазираи Арабистон воқеъ буда, дар ҷануб бо Арабистони Саудӣ ҳамсарҳад аст ва дигар қисматҳояшро халиҷи Форс иҳота кардааст. Дар шимолу ғарб бо ҷазираҳои Баҳрайн ва дар ҷанубу шарқ бо Амороти Муттаҳидаи Араб сарҳади баҳрӣ дорад. Қобили қайд аст, ки Қатар яке аз давлатҳои бойтарини дунё ба шумор рафта, дар ҷаҳон аз ҷиҳати захираҳои гази табиӣ мақоми сеюм ва аз ҷиҳати содироти гази табиӣ мақоми шашумро

ишғол мекунад. Ҳамчунин, яке аз содиркунандагони нефт ва маҳсулоти нефтӣ (ҷойи 21-ум дар ҷаҳон) мебошад. Тибқи иттилои портали Trend Economy, Қатар на танҳо ба кишварҳои Аврупо, аз ҷумла, Британияи Кабир, Италия, Испания, балки ба минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором – Япония, Хитой, Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ва Тайланд низ газ интиқол медиҳад. Имрӯз нишондодҳои рушди иқтисодии ин кишвар чашмрас буда, тибқи маълумоти расмии Бонки Ҷаҳонӣ солҳои охир Қатар аз рӯйи ММД ба ҳар сари аҳолӣ пешсафтарини давлатҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Аз ҷумла, соли 2023 маҷмуи маҳсулоти дохилии он «ба сари ҳар як нафари аҳолиаш 63428 доллярро ташкил дод» [379], ки он беҳтарин нишондиҳанда дар ҷаҳон маҳсуб меёбад.

Таърихи мухтасари Қатар: аз асри VII дар ҳайати хилофати араб; асрҳои XIII-XIV дар зери ҳукмронии амирони Баҳрайн; ибтидои асри XVI Португалия, сипас, то ҷанги якуми ҷаҳон Империяи Усмонӣ; солҳои 1916-1971 мустамлика (протекторат) ва зери нуфузу ҳимояти Шоҳигарии Британияи Кабир қарор дошт. 3-юми сентябри соли 1971 истиқлолият ва соҳибихтиёрии худро эълон намуд.

Пас аз истиқлолият дар соли 1971 ба сабаби бойигарии зеризаминӣ даромади саршори нефту гази табиӣ ин кишвар ба яке аз сарватмандтарин кишварҳои минтақа табдил ёфт. Ҳамаи мансабҳои асосӣ дар Қатар аз ҷониби оилаи Оли Сонӣ ё наздикони онҳо идора мешаванд. Аз соли 1992 инҷониб кишвар бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муносибатҳои васеъ дорад.

Соли 1995 дар таърихи навини Давлати Қатар таҳаввулоти ҷиддӣ ва тақдирсоз рух дод, ки «дар пайи як табаддулоти «нарм» Шайх Ҳамад ибни Халифа Оли Сонӣ ба ҷойи падари худ ба тахти амирӣ нишаст» [251, с. 172]. Дар давраи ҳукмронии худ номбурда дар Қатар ислоҳоти васеи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиро роҳандозӣ намуда, кишварро аз доираи буҳрони иқтисодӣ раҳонид ва ба сафи кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ қудратманди минтақа ва ҷаҳон ворид намуд. Дар замони ҳукмронии амир Ҳамад бин Халифа Оли Сонӣ (1995–2013) Қатар бо нақши шарики хурди Арабистони Саудӣ қаноат карда, сипас, оҳиста-оҳиста даъвои ҳуқуқи пешбурди сиёсати хориҷии мустақил, асосан, дар самти исломиро оғоз кард. Қатар дар ин самт мақоми роҳбарикунанда ишғол карданро

имконпазир медонад. Давлати Қатар яке аз давлатҳои пуриқтидори ҷаҳони араб маҳсуб шуда, бо қудрати сиёсату иқтисод ва фурӯши нефту газ дар байни мамолики араб баъди Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Аз соли 1961 узви Созмони кишварҳои содиркунандаи нефт буд, аммо «1 январи соли 2019 бинобар сабаби нофаҳмиҳо онро тарк кард» [337; 360].

Қатар солҳои охир кӯшиш мекунад, ки дар муноқишаҳои минтақавии олами араб нақши «посдори сулҳ»-ро иҷро кунад. Қатар ҳамчун миёнарав дар раванди ҳалли мушкилоти шӯришгарони Хартум ва Дарфури Судон, ихтилофи байни Президенти Яман Алӣ Абдуллоҳ Солеҳ ва шӯришчиёни хусӣ, «Ҳамос» ва Исроил иштирок дошт. Қатар тавонист дар паст кардани шиддат атрофи мушкилоти ҳастаии Эрон (дар якҷоягӣ бо Бразилия, Сурия ва Туркия) ва муноқишаи Ҷибутӣ ва Эритрея миёнаравӣ кунад [49, с. 17]. Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд Давҳа барои ин маблағҳои зиёд ҷудо кард, аммо ҳеҷ кадоме аз ин мушкилотро ҳал карда натавонист.

Имрӯз Давҳа ба пойтахти сиёсии ҷаҳони араб табдил ёфта, дипломатияи Қатар пешбарандаи сиёсати арабист ва ба эҳтимоли зиёд дар оянда низ ҳамин тавр боқӣ хоҳад монд. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз изҳороти доимии мақомоти маҳаллӣ дар бораи таъсири ҷиддии кишварашон ба бисёр равандҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, роҳбарияти Қатар дарк мекунад, ки бо тамоми қудрати молиявии доштаи худ бо давлатҳои бузурги ҷаҳони араб ба мисли Миср, Либия ва Сурия рақобат кардан душвор аст. Омӯзиши рӯйдод ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки роҳбарияти Қатар бо раҳбарони кишварҳои мазкур забон як карда натавонист.

Қатар бо ҳамсояҳои араби худ низоъҳои марзӣ дорад, аммо дар айни замон Давҳа бо Эрон равобити наздик барқарор карда, ба таври осоишта бо эрониҳо ҳуқуқ ба истифодаи бузургтарин кони гази ҷаҳон Гунбази Шимолӣ (Форси Ҷанубӣ)-ро тақсим мекунад [356]. Соли 2003 пойгоҳи асосии низомии Амрико дар минтақа аз Арабистони Саудӣ ба Қатар интиқол ёфт.

Солҳои охир бо назардошти як қатор гузоришоти матбуоти Россия, кишварҳои Ғарб ва Араб, Қатарро дар маблағгузории барномаҳои омодакунӣ ва

омӯзонидани пешвоёни интерактивӣ (дар иртибот буда), блогерҳои интернетӣ оид ба тарзи ташкили гирдиҳамоиҳо ва намоишҳои оммавии эътирозӣ, усули баровардани одамони гуногунафкори сиёсӣ ба кӯчаҳои шаҳрҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ гунаҳгор медонанд. Ғайр аз ин, тибқи гузоришҳои сершумори ВАО, мақомоти Қатар ба тазоҳургарон дар Миср, Либия ва Сурия кумакҳои моддӣ ва технологӣ (стратегӣ низ) расонида, инчунин, «тавассути инъикоси махсуси рӯйдодҳои сиёсати хориҷии ин кишварҳо дар шабакаи телевизионии «Ал-Ҷазира» [61, с. 157], ки аз ҷониби Қатар маблағгузорӣ мешавад, мусоидат мекарданд. Давҳа манфиатҳои эътирозгаронро дар ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ҷиддӣ пуштибонӣ карда, кӯшиши оғози амалиётҳои ҳарбиро барои тағйир додани низоми се кишвари дар боло номбаршударо дастгирӣ мекард. Дар баъзе масъалаҳо Қатар дар якҷоягӣ бо кишварҳои ҳамсоя – Арабистони Саудӣ ва Амороти Муттаҳидаи Араб, ки онҳо низ дар раванд ва натиҷаҳои «Баҳори Араб» ширкат доштанд, амал мекард.

Қатар дар чанд масъала бо Эрон ва Туркия ҳамраъйӣ дорад, аз ҷумла, ҳизби ҳокими Туркия – «Адолат ва тараққиёт»-и раисиҷумҳур Раҷаб Тайиб Эрдуғон низ ба бисёре аз муқаррароти ин таълимот шарик аст. Коршиносон мегӯянд, ки равобити Қатар бо Эрон ва ҳимояи исломи сиёсӣ сабаби моҷаро миёни Қатар ва ҳамсояҳояш гаштааст. Арабистони Саудӣ ва АМА ақидаи исломи сиёсиро хатарнок ва зараровар медонанд. Илова бар ин, яке аз талабҳои кишварҳои ҳамсоя аз Давҳа баста шудани шабакаи телевизионии «Ал-Ҷазира» ва пойгоҳи низомии Туркия дар Қатар буд. Бояд зикр кард, ки бо вуҷуди аҳаммияти рамзии оштии Қатар бо ҳамсояҳояш, онҳо дар як қатор даргириҳои минтақавӣ, аз ҷумла, ҷанги шаҳрвандӣ дар Либия, муқобили ҳамдигар боқӣ мемонанд ва ихтилофи назар аз байн нарафтааст. Қатар неруҳои исломиро, ки дар Шарқи Наздик (Ховари Миёна) амал мекунанд, фаъолона дастгирӣ мекунад. Аз ин рӯ, аз ҷониби коршиносон ва пажуҳишгарони гуногунсамт, аз ҷумла, муҳаққиқони ВАО ва сиёсатмадорони кишварҳои мухталиф, борҳо дар сарпарастӣ ва дастгирии созмонҳои террористии исломӣ айбдор карда мешавад [108, с. 38]. Ҳамчунин, 5-уми июни соли 2017 пай дар пай як қатор давлатҳои ҳамсоя – Баҳрайн,

Арабистони Саудӣ, Амороти Муттаҳидаи Араб, Яман, инчунин, Миср, Либия, Мавритания, Комор ва Малдив давлати Қатарро дар равобит бо созмонҳои террористӣ, дахолат ба умури дохилии давлатҳои минтақа гунаҳгор дониста, муносибатҳояшонро қатъ карданд [ниг: 318; 344; 354; 438; 439]. Урдун низ тасмим гирифтааст, ки «сатҳи намояндагии дипломатии худро дар Қатар коҳиш диҳад» [424].

Гузашта аз ин, чаҳор кишвари ҳамсоя аз ихроҷи ҳама субъектҳои Қатар ва қатъи робитаҳои нақлиётӣ хабар доданд. Ин муносибат чанде пас аз эълони амири Қатар Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ дар бораи зарурати наздикшавӣ бо душмани асосии геополитикии монархияҳои суннимазҳаби Халиҷи Форс – Эрон сурат гирифт. Баъдтар Қатар ҳақиқати ин суханро рад кард, аммо Арабистони Саудӣ ва муттаҳидонаш ҳеҷ гоҳ ба ин бовар надоранд. Арабистони Саудӣ, Баҳрайн ва Амороти Муттаҳидаи Араб аз шаҳрвандони Қатар талаб карданд, дар тули 14 рӯз қаламрави давлатҳои мазкурро тарк кунанд ва дар навбати худ аз шаҳрвандони худ низ тақозо намуданд, ки дар як вақт аз Қатар хориҷ шаванд. Илова бар ин, кишварҳои ҳамсоя муҳосираи пурраи Қатарро ҷорӣ карда, иштироки Қатарро дар амалиёти зидди ҳусиён дар ҷанги шаҳрвандии Яман низ бекор карданд [ниг: 314; 315; 343; 383].

Пас аз се соли мунозишаҳои дипломатӣ ва муҳосираи тиҷоратӣ моҳи январи 2021 кишварҳои араб таҳти сарварии Арабистони Саудӣ ва Амороти Муттаҳидаи Араб равобит бо Қатарро барқарор карданд. Бояд қайд кард, ки соли 2017 маҳз шоҳзода Муҳаммад бин Салмон яке аз ташаббускорони муҳосира буд, аммо ҳоло пешвоёни «ҷавон» (шоҳзода – 40 сола ва амири Қатар Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ – 45-сола) омодаанд, ки ихтилофоти гузаштаро фаромӯш кунанд. Сабаби асосии ин вохӯрӣ нишасти Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷи Форс буд. Пеш аз баргузории нишаст сарҳадҳо байни кишварҳо (монархияҳо) аввалин бор аз соли 2017 инҷониб, аз замоне ки баъзе кишварҳои араб Қатарро дар кумак ба терроризм муттаҳам карданд (Давҳа ин иттиҳомотро рад кард), кушода шуд. Ҳамчунин, ба Арабистони Саудӣ дигар кишварҳои олами араб, аз қабили АМА, Миср, Баҳрайн ва Яман низ пайравӣ намуда, муносибатҳоро барқарор карданд.

Барои оштӣ кунонидани кишварҳои Халиҷ маъмурияти собиқи Амрико Доналд Трамп талошҳои зиёд кард. Амрико аз муттаҳидони араби худ даъват кард, ки равобитро барқарор кунанд ва якҷоя бо Эрон мубориза баранд. Ҷаред Кушнер – домод ва мушовири раисиҷумҳури собиқи Амрико Доналд Трамп «махсус барои дидани ин вохӯрӣ ба Арабистони Саудӣ парвоз карда омад» [357].

Қобили тазаккур аст, ки хоҳиши Қатар барои ишғоли мавқеи пешсафӣ дар сиёсати минтақа на танҳо ба ғаразҳои шахсии раҳбаронаш, балки ба заминаи хеле мустаҳками иқтисодӣ асос ёфтааст. Имрӯз Қатар як давлати босуръат рушдёбанда аст, ки дар он манфиатҳои кишварҳои пешрафтаи ғарб мутамарказ шудаанд. Қатар бо суръати хеле баланди пешрафт дар соҳаҳои гуногун таваҷҷуҳи мутахассисон ва ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб мекунад. Вай дар давоми якчанд сол пайи ҳам суръати баланди афзоиши Маҷмуи маҳсулоти дохили (ММД)-ро нишон дода, аз ҷиҳати ҳаҷм ба ҳар сари аҳолӣ яке аз пешсафони ҷаҳон мебошад [336]. Даромади доимӣ аз содироти нефту газ ба Қатар имкон медиҳад, ки дар солҳои охир даҳҳо миллиард доллар дар лоиҳаҳои инфрасохторӣ сармоягузорӣ кунад. Махсусан, ба иншоотҳои инфраструктураи нақлиёт, сохтмони манзил, инчунин тиб ва варзиш диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Ин бештар ба он вобаста аст, ки Қатар мақоми кишвари мизбони Ҷоми ҷаҳонро оид ба футбол-2022 гирифт. Зикр ба маврид аст, ки бори аввал ба ҳайси мизбон гузаронидани чунин чорабинии варзишии сатҳи ҷаҳонӣ дар минтақаи Шарқи Наздик (Ховари Миёна) далели мақоми баланди Қатарро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки вазъи муътадили иқтисодӣ ба Қатар имкон медиҳад, то сиёсати хориҷии худро, ки нуктаи асосии он таъмини амнияти миллӣ мебошад, ба таври муассир амалӣ созад. Қатар дар «Индекси ҷаҳонии сулҳ» байни давлатҳои Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ дар мақоми якум меистад.

Қатар муносибатҳои хубро бо Эрон барқарор кард. Соли 1991 амири Қатар Халифа бин Ҳамад ас-Сонӣ иштироки Эронро дар талошҳои амниятӣ дар Халиҷи Форс истиқбол кард. Эрон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки соли 1972 пас аз табаддулоти давлатӣ ҳукмронии амир Халифа бин Ҳамадро эътироф кард.

Муносибатҳои байни ҳар ду кишвар, асосан, ба наздик будани мавқеи ҷуғрофӣ, робитаҳои муҳимми тиҷоратӣ ва манфиатҳои тарафайн асос меёбанд. Соли 1992 лоиҳаҳои интиқоли об аз дарёи Каруни Эрон ба Қатар таҳия карда шуданд. Ҷамъияти эрониён дар Қатар хеле калон аст ва ба низоми ҳукмрон хатар эҷод намекунад. Моҳи майи соли 1989 Эрон ва Қатар дар бораи истифодаи муштараки кони нефту гази Форси шимол-ҷануб ба мувофиқа расиданд.

Ҳузури дарозмуддати Британиё дар Халиҷи Форс ба барқарор намудани робитаҳои мустаҳками сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии байни ду кишвар мусоидат кард. Сафорати Британиё дар Давҳа ягона намояндагии дипломатие аст, ки дар ин кишвар назди бинои сафорат замин дорад. Ғайр аз ин, бисёре аз британиёиҳо дар ҳукумати Қатар ҳамчун мушовир кор мекунанд. Дар Давҳа бонкҳои Британиё ва дигар корхонаҳо намояндагӣ мекунанд. Бисёре аз қатариҳо дар Британиё таҳсил кардаанд, хонаҳо доранд ва ба ин кишвар мунтазам омадурафт мекунанд.

Воқеан, новобаста ба вазъи ниҳоят ноором дар минтақаи Ховари Миёна вазъи дохилии сиёсии Қатар бидуни зуҳуроти мухолифат ба низом муътадил боқӣ мемонад, ҳарчанд то ҳол дар Қатар фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳои дифои ҳуқуқи башар мамнуъ аст. Новобаста ба озодии баёни эълоншуда, дар амал назорати қатъӣ дар ВАО, аз ҷумла дар шабакаи машҳури телевизионии моҳвораии маҳаллии «Ал-Ҷазира» идома дорад.

Қатар мекӯшад, байни ҳукуматҳои Афғонистон, ИМА ва ҳаракати «Толибон» миёнаравӣ кунад. Аз соли 2012 дар Давҳа дафтари кории ҳаракати «Толибон» фаъолият дошт ва Ҳамад бин Ҷасим ба таври возеҳ изҳор дошт, ки вай ният дорад, музокиротро оғоз кунад, то раванди сулҳ роҳеъ ба оғози хуруҷи неруҳои НАТО аз Афғонистон оғоз шавад. Ҳамон вақт президенти собиқи Амрико – Барак Обама эълом дошт, ки ифтитоҳи дафтари «Толибон»-ро пуштибонӣ мекунад ва ишора кард, ки Амрико дар ҳама равандҳои сулҳҷӯёнае, ки барои хотима додан ба ҷанг дар хоки Афғонистон пешбинӣ шудаанд, ширкат хоҳад кард. Ниҳоят, бо дастгирии бевоситаи Қатар ҳаракати «Толибон» моҳи

августи 2021 дар Афғонистон аз нав ҳокимиятро ба даст оварданд. Айни ҳол Қатар яке аз тарафдорони асосии ҳаракати «Толибон» ба шумор меравад.

Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки бартарии асосии Амир (Сарвари давлат) дастгирии аҳолиест, ки аз ҷиҳати даромад ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон мақоми намоёнро ишғол мекунанд. Сатҳи миёнаи зиндагии онҳо на танҳо нисбат ба кишварҳои араб, балки байни давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба маротиб баландтар аст. Қатар дар ҳаводиси «Баҳори араб» аз мавҷи тазоҳуроти тағйири низомҳо бомуваффақият гузашт. Чунин ба назар мерасад, ки дар ояндаи наздик низ дар он ҷо чунин тазоҳурот имконнопазир аст, зеро дар муқоиса бо ҷаҳони араб дар Қатар намоишҳои эътирозӣ ё зиддиҳукуматӣ барпо нашуд. Ҳамзамон дастоварди муҳимме, ки давлати Қатар ба он ноил гардид, мизбонии Ҷоми Ҷаҳонии Футбол (2022) шуд. Бешак, ин пирӯзӣ ва ғалаба боиси ифтихор барои тамоми кишварҳои арабию исломӣ аст. Боиси тазаккур аст, ки давлати Қатар лоиҳаи дарозмуҳлатро бо номи «Дурнамои миллии давлати Қатар – 2030» амалӣ карда истодааст, ки ҳадафи асосии ин дурнамо то соли 2030 табдил додани Давлати Қатар ба як кишвари пешрафта ва мутараққӣ мебошад, ки қобилияти рушди устувор ва таъмини зиндагии осоиштаро барои мардумонаш дар солҳои оянда дошта бошад [5, 2023. – 9 декабр].

Ҳамин тариқ, аз таҳлил ва омӯзиши иштироки гуногунҷабҳаи Қатар дар раванди рӯйдодҳои тағйири низомҳои ҳукмрони бархе аз кишварҳои араб маълум мегардад, ки Қатари кӯчак солҳои охир ба як пешвои минтақа табдил ёфтааст, ки мехоҳад на танҳо дар минтақа нуфузи иқтисодӣ, балки сиёсӣ низ дошта бошад. Ин кишвари хурд бо истифода аз захираҳои бузурги молиявиаш хоҳиши роҳбари минтақавӣ шуданро дорад.

3) Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) 2-юми декабри соли 1971 шаш аморат (Абу-Забӣ أبو ظبي, Дубай دبي, Аҷман عجمان, Умм-ул-Қайвайн أم القيوين , ал-Фуҷайра الفجيرة ва аш-Шорика الشارقة) аз таъсиси федератсия бо номи Амороти Муттаҳидаи Араб хабар доданд. Аморати ҳафтум – Раъсу-л-Хайма (رأس الخيمة) 10-уми феврали соли 1972 ба он ҳамроҳ шуд. Номи пойтахти АМА- Абу Забӣ (أبو ظبي) дар маводди расонаҳои тоҷик бо номи Абу Дабӣ низ мустаъмал аст.

Ба даст овардани истиқлолият ва ҷаҳиши шадиди нархи нефт ва маҳсулоти нефтӣ ба давлати нав имконият фароҳам овард, ки «қадамҳои мустақилро дар соҳаи иқтисод ва сиёсати хориҷӣ гузорад» [71, с. 38]. Ба туфайли даромади нефт ва сармоягузории моҳирона ба рушди саноат, кишоварзӣ, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодии сершумор Аморатҳо тавонистанд дар муддати кӯтоҳ ба пешрафти иқтисодӣ ноил шаванд. Қобили қайд аст, ки АМА яке аз давлатҳои бойтарини дунё ба шумор рафта, дар ҷаҳон аз ҷиҳати захираҳои нефту гази табиӣ ва содироти маҳсулоти нефтӣ мақоми намоёнро ишғол мекунад. Имрӯз нишондодҳои рушди иқтисодии ин кишвар чашмрас буда, тибқи маълумоти Сандуқи байналмилалии асъор дар соли 2023 маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) Аморот «509,179 млрд. доллар (31-ум дар ҷаҳон) ва ба сари ҳар як нафари аҳолӣ 45,698 доллар (мақоми 8-ум дар ҷаҳон)-ро ташкил дод» [453], ки он нишондиҳандаи беҳтарин дар ҷаҳон маҳсуб меёбад.

Сохти давлатдории Аморот монархияи мутлақи федеративист, ки аз ҳафт аморат (монархияҳои мутлақ) иборат аст. Бояд қайд кард, ки байни ҳар кадом аз ин аморатҳо фарқиятҳои зиёде вуҷуд дорад ва «сохтори маъмурии АМА ба захираҳои нефт дар қаламрави аморатҳо асос ёфтааст» [326]. Аз ин рӯ, захираҳои нефт таъсири баъзе аморатҳоро, махсусан, аморатҳои Абу-Забӣ ва Дубайро дар муайян намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии ин кишвар муассир гардонидааст.

Мувофиқи Конститутсияи кишвар аз соли 1971 инҷониб азбаски Абу-Забӣ бузургтарин ва сарватмандтарин аморат аст, мақоми сарварии давлатро дорад ва амири аморати Дубай ҳукуматро роҳбарӣ мекунад. Аз 14-уми майи соли 2022 инҷониб Муҳаммад ибн Зоид Оли Наҳайён (محمد بن زايد آل نهيان) (баъди вафоти бародараш) вазифаи президентӣ ва амири аморати Дубай – Шайх Муҳаммад ибн Рошид ибн Саид Ал-Мактум (محمد بن راشد بن سعيد آل مكتوم) аз 4-уми январи 2006 вазифаи сарвазирии АМА иҷро мекунанд [353]. Мансаби президенти АМА бо мансаби амири аморати Абу-Забӣ омехта аст. Азбаски худи Аморот монархияи мутлақ аст, қудрат дар тамоми давлат меросӣ аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки «авлоди ан-Наҳаён зиёда аз 250 сол аст, ки ҳукмрони аморати Абу-Забӣ аст» [71, с. 35]. То соли 1966 дар Абу-Забӣ мисли Арабистони Саудӣ интиқоли қудрат аз

бародар ба бародар одат буд. Президенти АМА фармондеҳи олии қуввaҳои мусаллаҳ ва раиси Шурои олии мудофиа мебошад. Сардори давлат фармонҳо ва қарорҳоеро, ки Шурои Олӣ тасдиқ кардааст ва низомномаҳое, ки Шурои вазирон қабул кардааст, имзо мегузорад. Ғайр аз он, президент «аъзои корпуси дипломатӣ, мансабдорони воломақоми шаҳрвандӣ ва ҳарбиро таъйин мекунад, авф эълон ё ҳукми қатлро тасдиқ мекунад» [68, с. 128]. Ҳар як аморатро оилаҳое идора мекунанд, ки қудрати онҳоро ҷамоати қабилавӣ дастгирӣ мекунанд. Давлати АМА дар аввал, пеш аз ҳама, ҳамчун иттиҳоди иқтисодӣ ва гумрукии аморатҳо таъсис дода шуд. Тадриҷан ягонакунии қонунгузорӣ ин иттиҳодро мустаҳкам кард ва айни замон аморатҳо роҷеъ ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ, мудофиа ва қуввaҳои мусаллаҳ, амнияти дохилӣ, молия, неруи барқ, маориф, тандурустӣ ва ғайра ба қарорҳои мақомоти федералӣ итоат мекунанд. Муқаррароти сарқонуни федералӣ нисбат ба муқаррароти қонунҳои аморатҳо бартарият доранд. Аморатҳо ҳуқуқ доранд, ки қуввaҳои мусаллаҳи худро ташкил кунанд ва дар ҳолати таҳдиди беруна ба низоми мудофиавии федератсия дохил шаванд. Ҳар як узви федератсия (аморот) дар ҳолати зарурӣ ҳуқуқ дорад аз қуввaҳои мусаллаҳи федералӣ кумак дархост кунад. Аморатҳо вазифадоранд, ки мувофиқи қонуни федералӣ дар бораи буҷет солона як қисми даромади худро ба буҷети федератсия ҷудо кунанд. Мувофиқи конститутсияи АМА ваколатҳои зерин муқаррар карда шудаанд: «Шурои олии иттифоқ; Раиси Иттифоқ ва ҷонишини ӯ; Шурои вазирон; Маҷлиси Миллӣ ва Суди олӣ» [219, с. 238].

Дар Конституцияи АМА (моддаи 68) ҷойҳо барои намояндагӣ дар Маҷлиси Миллии федералӣ аз ҳафт аморат 40 нафар муайян шудааст: Абу-Забӣ ва Дубай ҳар кадом ҳашт курсӣ, Шарҷа ва Раъс-ал-Хайма шаш ва аморатҳои боқимонда чаҳоркурсигӣ доранд. Дар мавриди тарзи интихобот моддаи 69 инро «ба ихтиёри ҳар як аморат мегузорад» [436].

Асосан, иқтисодиёти АМА бештар аз истеҳсоли нефт, ҷалби сайёҳӣ ва сармоягузорони хориҷӣ вобаста буда, имрӯз ҳамчун як маркази иқтисодӣ ва сармоягузорӣ дар Шарқи Наздик (Ховари Миёна) шинохта мешавад. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон «АМА бо 10 %-и захираҳои нефти ҷаҳон пас аз

Арабистони Саудӣ ва Ироқ дар ҷаҳон дар ҷойи сеюм аст» [232, с. 116]. Аксари захираҳо дар аморати Абу-Забӣ ҷойгиранд. Аз рӯйи захираҳои гази табиӣ, ки 205 триллион (6 триллион м^3) арзёбӣ мешавад, АМА пас аз Россия, Эрон ва Қатар мутаносибан дар ҷаҳон мавқеи чорумро ишғол мекунад.

Ҳарчанд ин кишвар аз нигоҳи чуғрофӣ хурд ҳам бошад, аммо аз нигоҳи сиёсӣ ва иқтисодӣ солҳои охир дар ҷаҳон ҷойгоҳи хосеро касб кардааст. Чунонки дар боло зикр кардем, асоси иқтисодиёти АМА тиҷорат, истеҳсол ва содироти нефти хом ва газ мебошад. Истеҳсоли нефт дар як шабонарӯз тақрибан 2,2 млн. баррелро (бушка) ташкил медиҳад, ки қисми зиёди он дар аморати Абу-Забӣ истеҳсол карда мешавад. Дигар истеҳсолкунандагони нефт Дубай, Шарҷа ва Раъсу-л-Хайма мебошанд. Маркази тиҷоратии Дубай ва минтақаи озоди Ҷабал Алӣ сармоягузорони зиёди хориҷиро ҷалб кардааст. Бандарҳои Рашид ва Ҷабал Алӣ дар Дубай ва Фуҷайра аз ҷумлаи 40 бандари беҳтарини ҷаҳон ҳастанд, ки дар як сол беш аз 3 млн. контейнер интиқол медиҳанд.

Инчунин, дар АМА соҳаи сайёҳӣ низ хеле густариш ёфтааст. Мувофиқи маълумоти мутахассисони соҳа теъдоди сайёҳони хориҷӣ дар Дубай дар нимсолаи аввали соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 % афзоиш ёфта, ба 16, 7 млн. расид. Сайёҳон асосан, аз Чин – 11 %, инчунин, аз Уммон – 28 % ва Филиппин – 29 % буданд. Соли 2020 аз сабаби коронавирус маълумоти дақиқ вуҷуд надорад, аммо аллакай 2021 (11 моҳ) «8 500 000 н. сайёҳон ба тамошои Дубай рафтаанд» [362; 407].

АМА кишвари дорои сатҳи баланди рушди иқтисодӣ буда, дар он саноат ва хизматрасонӣ нисбат ба дигар соҳаҳо бартарӣ дорад. Ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ зиёда аз 58 % ва соҳаи саноат 40,2 %-и ҳаҷми умумии ММД-и кишварро ташкил медиҳад. Тақрибан 30 %-и буҷаи давлатӣ ба истихроҷи нефту газ рост меояд. Ҳукумати АМА саъй дорад афзоиши иқтисодиёти соҳаи энергетикаи атомиро таъмин кунад. Тибқи маълумоти ОПЕК, захираҳои исботшудаи нефт дар АМА 97,8 млрд. баррел (13 млрд. тонна)-ро ташкил медиҳад. Захираи исботшудаи гази табиӣ бошад – 6,1 триллион м^3 мебошад. Гузашта аз ин, мақоми АМА дар раванди иқтисодиёт ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ пайваста

баланд аст. Ба пешравиҳои иқтисодӣ суботи сиёсии давлат, мавҷудияти инфрасохтори сатҳи ҷаҳонӣ, нақшаҳои танзимшавандаи логистикӣ, инчунин, дастрасии бемаҳдуди бозор барои сармоягузорони Шарқи Наздик, Африқои Шимолӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, дар кишвар ҷиҳати баланд бардоштани ҷолибияти пешбурди тиҷорат ва нигоҳ доштани нақши «маркази иқтисодӣ» дар минтақа корҳои зиёд анҷом дода шудааст. Чунончи, ҳукумати АМА ба хориҷиён 100 % моликияти ширкатҳои дар АМА ба қайд гирифташударо иҷозат дод (қаблан – на бештар аз 49 %). Тартиби кушодани тиҷорат ба таври назаррас коҳиш дода шуд (соли 2010 – 15 рӯз, соли 2017 – 8 рӯз). Хароҷоти ширкат барои суғуртаи кормандон ва раводид барои мутахассисони баландихтисос кам карда шуд. АМА қонунгузориро дар самти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва дастгирии соҳибкории хурду миёна хуб ба роҳ мондааст. Ба гуфтаи коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ, солҳои оянда иқтисоди АМА ба афзоиши тадриҷии воқеии ММД ноил хоҳад гашт. Сармоягузории аморати Дубай ба лоиҳаҳои зерсохторӣ вобаста ба баргузории чунин намоишгоҳи бузургтарини ҷаҳонӣ «аллакай 7 миллиард доллярро ташкил додааст» [406].

Дар АМА бузургтарин фонди давлатӣ дар минтақаи Халиҷи Форс- Фонди «Abu Dhabi Investment Authority» таъсис дода шуд, ки захираҳои он наздики 900 (нуҳсад) миллиард доллярро ташкил медиҳад. Директори иҷроияи ширкати байналмилалии сармоягузории нефтӣ Ҳадим Ал-Кубайсӣ дар яке аз мусоҳибаҳояш иброз дошт: «Мо ҳама гуна имкониятҳоро ҷустуҷӯ хоҳем кард, ки пул (сармоя) кор кунем. Он (сармоя) метавонад дар ҳама ҷо – дар Шарқи Наздик, Осиё, Африқо, Аврупо ва ИМА пайдо шавад» [50, с. 16]. АМА ҳадафҳои асосии рушди кишварро муайян кардааст, ки онҳоро бояд то соли 2071 – соли садсолагии таъсисёбии ин давлати федералӣ амалӣ созад. Стратегияи дарозмуддати онро вориси тахти Абу-Забӣ Муҳаммад бин Зоид Оли Наҳён чунин таҳия кардааст: «Насли оянда бояд хушбахттар ва аз ҷиҳати экологӣ тозатар зиндагӣ кунанд, имкониятҳои бештар ва робитаҳои наздиктар бо ҷаҳон дошта бошанд» [352].

Дар навбати худ, сарвазири АМА – амири Дубай Муҳаммад бин Рашид ал-Мактум изҳор доштааст, ки ҳукумат бояд чунин шароитеро фароҳам орад, ки «ба хушбахтии ҳам шахс ва ҳам хонаводаҳо, инчунин, кормандони кироя» мусоидат кунанд. Ӯ таъкид кардааст, ки мақсад ва вазифаи асосии ҳукумат таъмини хушбахтӣ дар Амороти Муттаҳидаи Араб мебошад ва кӯдакони хушбахт метавонанд, барои кишвари худ ояндаи беҳтареро эҷод кунанд. Девони вазирони АМА моҳи январи соли 2017 Кумитаи миллии рушди устуворро таъсис дод, ки аз 17 нафар иборат аст [415]. Кумита вазифадор аст, ки рафти иҷрои густариши нақшаҳои тараққиёти ояндадори ҳар як аморатро назорат кунад. Мақсади асосӣ ояндаи якҷоя бо пешрафти муштарак ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сифати беҳтари зиндагӣ асос ёфтааст. Барои ҳукумати АМА муҳим аст, ки ҳарчи бештари одамон дар кишвар худро қаноатманд ва хушбахт ҳис кунанд. Аз ин рӯ, амири Дубай, сарвазири АМА Муҳаммад бин Рашид Ал-Мактум изҳор доштааст, ки ҳукумат бояд чунин шароитеро фароҳам орад, ки «ба хушбахтии ҳам шахс ва ҳам хонаводаҳо, инчунин кормандони кироя» мусоидат кунанд. «Мақсад ва вазифаи асосии ҳукумат таъмини хушбахтӣ дар Амороти Муттаҳидаи Араб мебошад ва таъкид кардааст, ки «кӯдакони хушбахт метавонанд барои кишвари худ ояндаи беҳтареро эҷод кунанд» [419].

Бузургтарин шарики тиҷоратии АМА Япония мебошад, ки ҳиссаи бештари содироти нефту гази АМА-ро мехарад ва таъминкунандаи асосии мошинҳо, электроника ва маҳсулоти гуногуни истеъмолӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки шаҳрвандони АМА танҳо дар соҳаҳои маъмурият ва тиҷорат фаъолият дошта, ҳамаи корҳои дигарро кормандони хориҷӣ иҷро мекунанд.

90 %-и қувваи кории кишварро муҳоҷирон аз Ҳиндустон, Покистон ва Бангладеш ташкил медиҳанд. Суботи сиёсӣ, инфрасохтори муосир ва вазъи аз ҷиҳати иқтисодӣ мусоиди кишвар муҳоҷирони баландихтисосро ҷалб кардааст. Барои дастгирии рушди иқтисодӣ ва сатҳи баланди зиндагӣ дар кишвар соли 1971 ҳукумати АМА барномаи муваққатӣ барои ташриф овардани коргаронро бо номи «Низоми сармоявии Кафолат» ҷорӣ намуд, ки ба шаҳрвандон ва ширкатҳои хориҷӣ иҷозат медиҳад, ки муҳоҷиронро барои кор ҷалб кунанд.

Ҳуҷум ва ишғоли Кувайт аз тарафи Ироқ барои мақомоти АМА ғайричашмдошт буд ва ҳаводису воқеаҳои баъдинаи минтақа нишон дод, ки ягонагии арабҳо дар масъалаи сиёсӣ вуҷуд надорад. Аморот дар муқобили таҷовузи Ироқ бо кишварҳои араб ҳамроҳ шуд ва истифодаи неруҳои ҳарбӣ алайҳи Ироқро дастгирӣ кард. Инчунин неруҳои ҳарбии АМА дар озод кардани Кувайт аз ишғоли Саддом Ҳусейн ширкат варзиданд.

Бояд тазаккур дод, ки Эрон мисли Ироқ яке аз ҳамсояи калон ва наздики АМА буда, мухолифи ашаддии ҳузури ҳарбии Иёлоти Муттаҳида дар минтақа буд ва ҳаст. То соли 1992 АМА шарики наздиктарини тиҷоратии кишварҳои араб бо Эрон ба шумор мерафт. Бинобар ин, тахмин меравад, ки буҳроне, ки моҳи апрели соли 1992 барои ҷазираҳои баҳсталаби Халиҷи Форс байни Эрон ва АМА сар зад, ғайричашмдошт ва аз имзои ҳамин созишнома сарчашма мегирад, зеро баҳси ҳудудӣ бо Эрон дар бораи соҳибихтиёрӣ бар се ҷазираҳои хурд (Абу Мусо, Тунби Калон ва Хурд) давоми 20 (бист) сол ба миён наомада буд. Ин ҷазираҳои хурд аз ҷиҳати стратегӣ хеле муҳимманд, чунки дар мавқеи пайвандшавии роҳҳои баҳрӣ ҷойгиранд. Ҳар яке аз тарафҳо «ҳуқуқи соҳибихтиёрии худро бар ҷазираҳои мазкур даъво дорад» [140, с. 84]. Дар арафаи истиқлолият соли 1971 аморати Шарҷа, ки салоҳияти ҷазираи Абу Мусоро дошт, байни Лондон ва Теҳрон созишномае ба имзо расонид, ки мувофиқи он Эрон ҳуқуқи таъсиси як пойгоҳи ҳарбӣ дар қисми шимолии ҷазира ва Шарҷа назорати аҳолии осоиштаи ҷазираро ба даст оварданд. Дар созишнома пешбинӣ шуда буд, ки Эрон ва Шарҷа фоидаи соҳаи нефти оффшориро тақсим хоҳанд кард, аммо масъалаи асосии соҳибихтиёрии комил дар ҷазира бояд дар оянда ҳал карда мешуд.

Охири соли 2017 дар сиёсати хориҷии АМА тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Чунончи, аз муҳосираи иқтисодии Қатар, аз мустақар кардани неруҳои ҳарбӣ ва иштирок дар ҷанги шаҳрвандии Яман пуштибонӣ кард ва ҳамчунин, аз Арабистони Саудӣ даъват намуд, ки аз муттаҳидони худ – исломистони радикалӣ даст кашад. 30-юми августи соли 2019 президенти Яман Абд Раббо Мансур Ҳодӣ дар ҷараёни музокирот валиаҳди АМА Муҳаммад бин Зоид Ал Наҳайёнро «дар мудохила ба корҳои кишвараш муттаҳам кард» [363].

Моҳи ноябри соли 2019 АМА ба дорандагони шиносномаҳои исроил иҷозат дод, ки дар ҷараёни ЭКСПО-2020 вориди кишвар шаванд. Ба исроилиён пешниҳод шуд, ки дар ин чорабинӣ «намоишгоҳи худро дошта бошанд ва ҳатто баъд аз он кишварро тамошо кунанд» [408; 410]. Соли 2020 АМА ва Баҳрайн пас аз Миср (1978), Урдун (1994) ва Мавритания (1999) чорумин кишварҳои арабие буданд, ки бо Исроил муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодӣ барқарор карданд. Агентиҳои иттилоотии ҷаҳон моҳи августи 2020 хабар доданд, ки “музокироти тулонӣ байни Исроил ва кишварҳои мазкур бо имзои созишнома дар бораи комилан ба эътидол овардани муносибатҳо хотима ёфт” [330].

Аммо сарфи назар аз он ки дар ивази ба эътидол овардани муносибатҳо бо Аморот ва Баҳрайн, Исроил аз нияти ба таври расмӣ ҳамроҳ кардани як қисми соҳили ғарбии дарёи Урдун даст кашид, роҳбарияти Фаластин созишномаҳои имзошударо шадидан маҳкум кард ва онро «зарба аз пушт» [442] номид. Ҷунбиши исломии «ҲАМОС» низ, ки дар Ғазза ҳукмронӣ мекунад, «шадидан ба ин созишнома муқобилат кард» [433]. Эътирозот ва тазоҳурот дар Байтулмуқаддас, масҷиди «ал-Ақсо» соҳили Ғарб, Ромуллоҳ ва Ғазза ба амал омад, ки дар он ҷо бо нишони эътироз аз созишномаи сулҳи байни Аморот ва Исроил «аксҳои бин Зайд –Президенти АМА-ро сӯзонда, имзои онро хиёнат ба ватан тавсиф карданд» [ниг: 423; 455; 460].

Эрон низ аз имзои созишномаи АМА ва Исроил тамоман истиқбол накард ва изҳор кард, ки «агар майдони исроилӣ дар минтақа кушода шавад, манфиатҳои мо бо АМА ихтилоф хоҳад кард» [430].

Аморот дар иҷрои барномаҳои байналмилалии барқарорсозии иқтисодиёти Ироқ, дастгирии молиявӣ, расонидани ёрии ройгони тиббӣ ба аҳолӣ, таъмири беморхонаҳо, маводҳои башардӯстона ва омӯзиши мақомоти қудратӣ саҳмгузор аст. Чунончи, аз соли 2003 инҷониб АМА барои фаъолияти Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Афғонистон 19 млн. доллар сармоягузорӣ карда, «барои барқарорсозии иқтисодиёти ин кишвар 30 млн. доллар ҷудо кардааст» [317].

Хулоса, Амороти Мутаҳҳидаи Араб дар сиёсати хориҷии худ нисбат ба дигар кишварҳои арабии узви Созмони ҳамкории кишварҳои араби Халиҷ фарқ

карда, як сиёсати самараноки муътадилро пеш мебарад. Ин кишвар дар миёни кишварҳои дигари Ховари Миёна аз нигоҳи рушди иқтисодӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Меҳвари сиёсати хориҷии ин кишвар рушду таъсис додани тиҷорат ва сармоягузорӣ мебошад. Ҳадафи асосии сиёсати хориҷии АМА ҷилавгирӣ аз паҳншавии буҳронҳои гуногуни минтақавӣ дар қаламрави худ мебошад.

1.2. Аз таърихи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб

Тоҷикистон чун кишвари омодаи ҳамкориҳои созанда ва чун мамлакати эътиқодманди усулу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байнадавлатӣ сиёсати «дарҳои кушода»-ро пайгирона пеш мебарад. Имрӯз ҳамкориҳои кишварамон дар сатҳҳои гуногун бо ҳама мамлакатҳои ҷаҳон бомуваффақият идома дорад ва Тоҷикистон омода аст, ҷиҳати пешбурди ҳамкориҳои натиҷабахши иқтисодӣ, ки тавонанд, рушди босуботи иқтисодиро дар минтақа ва ҷаҳон таъмин кунанд, минбаъд низ саъю талоши бештар намояд.

Лозим ба ёдоварист, ки яке аз ҳавзаҳои консепсияи сиёсати берунии кишварамон ҳамкорӣ бо доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро «на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайвандад» [206, с. 5]. Тоҷикистон аз солҳои аввали истиқлолияти миллӣ дар самти барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо давлатҳои араб иқдом кардааст. Ҳарчанд бо сабаби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ таҳкими равобити Тоҷикистон бо давлатҳои араб дар муқоиса бо кишварҳои дигари Осиёи Миёна каме дертар сурат гирифт, аммо аз соли 2007 инҷониб, дар сиёсати хориҷии кишвар, хусусан дар самти густариши муносибатҳо бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (Арабистони Саудӣ, Амороти Муттаҳидаи Араб, Қатар) робитаҳои фаъол шуруъ шуда, таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуқуъ омад. Ифтитоҳи сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар Ҷумҳурии арабии Миср, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб ва инчунин,

консулгарӣ дар шаҳри Дубай, сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ба давлатҳои араб ва дидори бархе аз мақомоти баландпояи давлатҳои араб аз Тоҷикистон далели рӯшани тақвият ёфтани равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб мебошанд.

Аз сафару мулоқотҳои мутақобилан судманди дуҷониба маълум мешавад, ки равобиту ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва кишварҳои мазкур ба таври чашмрас рӯ ба инкишоф аст. Дар ин давра Тоҷикистон бо ташаббусҳои сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сиёсати хориҷии худ ба густариш додани ҳамкориҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Дар маҷмуъ, «метавон оғози асри XXI-ро марҳилаи нави ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷаҳони ислом (давлатҳои арабӣ) номид» [170, с. 184].

Лозим ба ёдоварист, ки марҳилаи ташаккули муносибатҳо бо мамолики мазкур то имрӯз идома дорад ва сатҳи равобит дар зинаҳои гуногун қарор дорад. Аз таҳқиқот маълум мешавад, ки Тоҷикистон дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ ба таҳкими ҳамкориҳо бо кишварҳои мазкур диққати ҷиддӣ медиҳад**.** Аз ин рӯ, Тоҷикистон бо назардошти дурнамои стратегӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худро «таҳким ва густариши муносибатҳои дӯстона бо ин кишварҳо арзёбӣ кардааст» [253, с.154].

Мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи 14.08.2022 дар сомонааш чоп кардааст, бонк ва фондҳои кишварҳои араб дар татбиқи лоиҳаҳои зерин чунин сармоягузорӣ кардаанд:

- Лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, марҳилаи 4» – Фонди Саудии Рушд – 35 млн. доллар;
- Лоиҳаи «Обёрии заминҳои водии Данғара, марҳилаи 3» – Бонки Исломии Рушд – 26 млн.760 ҳ. доллар;
- Лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи (CASA – 1000) – Бонки Исломии Рушд – 70 млн. доллар;
- Лоиҳаи «Таҷдиди зеристгоҳи Равшан 220/35/10кВ» – Бонки Исломии Рушд – 12 млн. 641 ҳ. доллар;

– Лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб», қитъаи Шӯрообод – Фонди Абу-Забӣ – 15 млн. доллар, Бонки Исломии Рушд – 20 млн. доллар, Фонди Кувайтии рушди иқтисодӣ – 17 млн. доллар ва Фонди Саудии Рушд – 20 млн. доллар;
– Лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб, қитъаҳои А ва F» – Бонки Исломии Рушд – 20 млн. доллар, Фонди Саудии Рушд – 30 млн. доллар, Фонди Кувайтии рушди иқтисодӣ – 25 млн. 500 ҳ. доллар [346].

Дар баробари ин, зикр бояд кард, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити сарони давлатҳои олами арабу ислом ва Амрико таъкид кард, ки «дар ҷодаи тиҷорату иқтисод ва сармоягузорӣ то ҳол ҳамкориҳои мо ба таври муносиб ба роҳ монда нашудаанд. Имрӯз ҳиссаи кишварҳои арабӣ дар ҳаҷми умумии тиҷорати берунии Тоҷикистон ҳамагӣ якуним фоизро ташкил медиҳад. Ин дар ҳолест, ки мо кишварҳои арабиро ба ҳузури бештари иқтисодӣ, иштироки фаъолона дар сармоягузорӣ ва истифодаи муштараки захираҳои фаровони табиии Тоҷикистон пайваста даъват ва ташвиқ мекунем» [373]. Тоҷикистон барои КАХФ минтақаи нисбатан нав буда, бо боигариҳои табиию башарии худ иқтидори бузурги сармоягузории дарозмуддатро метавонад фароҳам оварад. Аз ин рӯ, доираҳои дахлдори кишварро, аз ҷумла, «дар ин роҳ бояд дипломатҳо ва ниҳодҳои дахлдори рушди иқтисодии кишвар фаъолияти бештар намуда, ҷиҳати ба сатҳи баланд расонидани ҳамкориҳо саъю талоши бештар намоянд» [192, с. 133].

А) Муносибатҳои Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ

Муносибат ва ҳамкорӣ бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (ШАС) дар контексти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хос дорад. Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо ин кишвар бо назардошти баъзе вижагиҳои низоми ин давлат ва манфиатҳои миллию давлатии худ анҷом медиҳад. Бояд тазаккур дод, ки ШАС аввалин кишвари арабие мебошад, ки «11-уми январи соли 1992 истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф кард ва 22-юми феврали соли 1992 байни ду кишвар муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд» [81, с. 84].

Аз моҳи сентябри соли 2008 сафорати Тоҷикистон дар пойтахти ин кишвар – шаҳри Ар-Риёз фаъолият дошта, аз аввали соли 2021 вазифаи Сафири Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудиро Акрам Каримӣ Муҳаммадрасул ба уҳда дорад.

Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки ШАС аз байни кишварҳои араб аввалин шуда, моҳи январи соли 2010 сафорати худро дар Тоҷикистон ифтитоҳ кард. 27-уми сентябри соли 2021 Валид бин Абдураҳмон ар-Рашайдон (وليد بن عبدالرحمن الرشيدان) ба ҳайси сеюмин Сафири ШАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътимодномаи худро ба Президенти кишвар тақдим намуд.

Аз давраи соҳибистиқлолӣ Президенти Тоҷикистон дар маҷмуъ «8 маротиба, аз ҷумла 3 маротиба бо сафари расмӣ (30 июн-2-юми июли соли 1997; 8-10-уми декабри соли 2001; 2-5-уми январи 2016) ва 5 маротиба бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар нишасти ғайринавбатии саронии давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ (5-8-уми декабри 2005), ҳамоиши «Кишварҳои арабию мусулмонӣ ва Америка» (20-уми майи 2017), нахустин Саммити саронии давлатҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои арабии Халиҷ (19-уми июни 2023) ва Ҳамоиши муштараки изтирории Арабию исломӣ (10-11-уми ноябри солҳои 2023 ва 2024) ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ сафар кардааст» [385; 386]. Дар рафти ин сафарҳо мулоқоту музокирот бо Шоҳи Арабистони Саудӣ, Валиаҳди Арабистони Саудӣ ва ҳамчунин, дигар шахсони воломақоми он кишвар доир гардида, созишномаву шартномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф ба имзо расиданд. Бояд қайд кард, ки раванд ва ҷараёни музокироти сатҳи олӣ байни ҳар ду кишвар, сафар ва вохӯриҳои масъулони ҳукуматӣ ҷиҳати густариши ҳамкориҳо тариқи ВАО-и саудӣ низ ба таври васеъ инъикос гардидааст. Дар мавриди тамосҳои сатҳи баланди сиёсӣ ба боздидҳои расмии собиқ Вазири корҳои хориҷии ШАС Амир Сауд ал-Файсал аз Тоҷикистон соли 1992, сафарҳои расмиву кории Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ба Арабистони Саудӣ (30 март - 1 апрели 2014, 2022), ҳамчунин боздиди собиқ Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим аз Ар-Риёз (25 январи 2015), Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Арабистони Саудӣ (27

августи 2022) ва сафарҳои кории Прокурори генералии Арабистони Саудӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (декабри 2022 ва феврали 2024) ишора намудан бамаврид аст.

Ибтидои таърихи алоқаҳои наздики Тоҷикистону Шоҳигарии Арабистони Саудӣ аз нахустин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, ки 30 июн - 2 июли соли 1997 сурат гирифт, сарчашма мегирад ва ин сафар ба рушди муносибатҳои мутақобилан судманди Тоҷикистону Арабистони Саудӣ мусоидат кард. Зимни ин сафари расмӣ Президенти Тоҷикистон суннати Ҳаҷҷи умраро ба ҷо оварданд. Яке аз натиҷаҳои сафар он шуд, ки Бонки исломии рушд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафти соҳаи тандурустӣ ва маорифи кишвар 16,7 млн. доллари ИМА қарзи бефоиз ҷудо намуд. Ҳамчунин, дар ҷараёни сафар тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудиро дар самти ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод, савдо, маблағгузорӣ, техникӣ, фарҳанг ва варзиш ба имзо мерасонанд. Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар сатҳи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла СММ ва СҲИ робитаҳои қавӣ дорад. Тоҷикистон номзадии Арабистони Саудиро барои узвият дар Шурои амнияти СММ барои солҳои 2014-2015 ва Шурои ҳуқуқи инсони СММ барои солҳои 2014-2016 дастгирӣ кард. Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки дар соли раёсатии Тоҷикистон дар Созмони Ҳамкории Шанхай расман Арабистони Саудӣ ба ҳайси шарики муколама дар ин созмон қабул шуд, ки саҳми кишвари мо дар ин раванд назаррас буд.

Мавриди зикр аст, ки бо мақсади беҳтар гардонидани робитаҳои иқтисодӣ ва ташкили заминаи мусоид барои густариши ҳамкориҳои минбаъда тибқи муқаррароти моддаи 7-уми Созишномаи умумии ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, техникӣ, фарҳанг, варзиш ва корҳои ҷавонони байни ҳукуматҳои ду кишвар аз 21-уми майи соли 2003 ва дар асоси қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 27-уми феврали соли 2014, таҳти № 124 Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Арабистони Саудӣ таъсис дода шудааст, ки раисии он ба уҳдаи Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи

давлатӣ вогузор гардидааст. Бояд гуфт, ки «Арабистони Саудӣ аз бойтарин кишварҳо дар миқёси ҷаҳон шинохта шудааст. Дар сарзамини он чоряки захираҳои нефти ҷаҳон маҳфуз буда, он бузургтарин истеҳсолкунанда ва содиркунандаи нефт дар олам ба ҳисоб меравад ва имконияти хеле васеи сармоягузорӣ дорад» [355].

Аз лиҳози густаришу тавсеаи ҳамкориҳо таъсиси Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ аҳаммияти хосса дорад. Аз ин рӯ, то имрӯз чор ҷаласаи Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ байни ҷонибҳо доир гаштааст. Аз ҷумла, ҷаласаи якуми Комиссия 28-29-уми августи соли 2013 дар Душанбе баргузор гардид. Шурои соҳибкорон ҳамчун ҳамоҳангсози ҳамкориҳои бахши хусусии ду кишвар таъсис ёфт. Инчунин, рӯзҳои 1-2-юми апрели соли 2018 ҷаласаи дуюми Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Арабистони Саудӣ дар Ар-Риёз баргузор гардид, ки дар ҳошияи он ду форуми соҳибкорӣ дар шаҳрҳои Ар-Риёз ва Ҷидда анҷом ёфт. Ҷаласаи сеюм рӯзҳои 23-24-уми декабри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ва 25-27-уми ноябри 2024 дар Ар-Риёз ҷаласаи чоруми Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, техникӣ ва фарҳангӣ доир гардид. Дар ҷаласаи сеюм Созишнома оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ба имзо расонида шуд.

Дар ҷаласаҳои Комиссияи мазкур вазъи кунунии иқтисодиёти ҳар ду давлат ва ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар самтҳои мухталиф мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Дар ин радиф ҷиҳати густариш ва тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт, тиҷорат, сармоягузорӣ, сайёҳӣ, фарҳанг, технология, ҷавонон ва варзиш тадбирҳои мушаххас пешбинӣ намуданд. Аз ҷумла, пешниҳод гардид, ки Фонди муштараки сармоягузории мустақим ва Шурои соҳибкории ду кишвар таъсис дода шавад. Бояд қайд намуд, ки мавҷудияти иқтидори кофии молиявӣ ва технологии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва захираҳои табиӣ ва меҳнатии Тоҷикистон шароити мусоидро барои барқарор намудани муносибатҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодӣ

фароҳам меоваранд. Лозим ба ёдоварист, ки Ҳукумати Арабистони Саудӣ ҳоло дар Тоҷикистон дар сармоягузории 7 лоиҳа ба маблағи умумии беш аз 60 млн. доллари амрикоӣ саҳм гузоштааст ва созишномаи дигар оид ба вогузор намудани қарзи имтиёзнок ба маблағи 25 миллион доллари амрикоӣ барои сохтмони мактабҳои миёна низ ба имзо расидааст. Ҳамзамон байни Тоҷикистон ва ШАС се давраи машваратҳои сиёсӣ баргузор гаштааст, ки «равобити дуҷониба ва роҳҳои густариши он дар ҳама бахшҳои ҳамкориҳои муштарак мавриди баррасӣ қарор гирифтааст» [1, 2024. – 20 ноябр].

Тибқи маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар соли 2007-2020 Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 244,3 млн. доллар - 2,4% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, савдо) ва Амороти Муттаҳидаи Араб – 201,6 млн. доллар – 2,0% (хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат, савдо) сармояи хориҷӣ дар шакли қарзҳои имтиёзнок ва дигар воситаҳои молиявӣ ворид намудаанд» [390].

Ҳанӯз 15-уми сентябри 2012 рӯзномаи расмии «Ал-Иқтисод»-и Арабистони Саудӣ аз қавли Саад ал-Баддаҳ – Раиси комиссияи миллӣ оид ба кортаъминкунии шаҳрвандони хориҷии Арабистони Саудӣ хабар дода буд, ки «ин кишвар (ШАС – Қ. С.) нахустин давлати араб хоҳад буд, ки неруҳои кориро аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷалб мекунад» [461].

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки моҳи июли соли 2011 як ҳайати бонуфузи соҳибкорони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ҷиҳати ширкат дар нахустин Форуми шурои сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ба Душанбе ташриф оварданд, ки Президенти Тоҷикистон онҳоро ба ҳузур пазируфт. Ба имзо расидани чанд санади ҳамкорӣ «бо маблағи 50 млн. доллар дар соҳаҳои бонкдорӣ, кишоварзӣ, ҳарами ҳавоӣ ва сайёҳиро» метавон оғози робитаҳои мустақим миёни соҳибкорони Тоҷикистону Арабистони Саудӣ маънидод кард. Роҷеъ ба ин форум дар матбуоти Саудӣ низ мавод ба табъ расидааст [459].

Рӯзҳои 24-26-уми майи 2016 Раиси Маҷлиси Шурои ШАС Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Иброҳим Оли Шайх ба Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом

дод. 20-уми майи 2017 дар шаҳри Ар-Риёз ҳамоиши «Кишварҳои арабию мусулмонӣ ва Америка» баргузор гардид, ки дар он Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд [371]. Дар ҷараёни ҳамоиш бо якчанд сарони кишварҳои мусалмонӣ мулоқот анҷом доданд.

Ҳамчунин, 19-уми июл соли 2021 аз ҷониби Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба маблағи 500 ҳазор доллари амрикоӣ барои пешгирии паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маводди тиббӣ кумак расонида шуд. Тавре аз Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон иттилоъ доданд, маросими таҳвили маводди тиббӣ дар Сафорати ШАС дар шаҳри Душанбе бо иштироки Сафири Фавқулодда ва Мухтори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Валид ибн Абдураҳмон ар-Рашайдон, муовини Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Шодихон Ҷамшед ва намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Ёдовар мешавем, ки «кумакҳои тиббӣ аз либосҳои тиббӣ, ниқобҳои муҳофизатӣ, дастпӯшакҳо, доруворӣ, маҳлулҳои безараргардонӣ ва ғайра» [401] иборат буданд.

Тибқи Феҳристи ягонаи давлатии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло дар Тоҷикистон «7 корхонаи дорои сармояи хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ» [389] ба қайд гирифта шудааст. Корхонаҳои мазкур дар самтҳои савдо, истеҳсоли маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ, сохтмони биноҳои бисёрошёна фаъолияти худро пеш бурда истодаанд.

Ҳамон гуна ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояш пайваста ба пурра истифода нашудани зарфиятҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногун байни Тоҷикистону Арабистони Саудӣ таъкид менамояд, бояд дар ин росто таҳким бахшидани муносибатҳо ба назар гирифта шавад. Аз маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон маълум мешавад, ки воқеан ҳам ҳаҷми гардиши савдои хориҷии байни Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба имконияту иқтидорҳои мавҷудаи ду давлат ҷавобгӯ буда наметавонад. Муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни ду кишвар танҳо бо амалиёти содиротию воридотӣ маҳдуд мегарданд, ки ҳаҷми онҳо низ ҷавобгӯйи иқтидорҳои мавҷудаи ҳамкорӣ нест [388].

А) Омӯзиш ва таҳқиқи матолиби Агентӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан ҳам, ба сатҳ ва раванди муносибатҳои ҳар ду кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, оид ба муносибатҳо бо Тоҷикистон хабару гузоришот нашр намудааст, ки ҷиҳати муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳони араб нақши махсус дорад. Аксари маводди ин бахш сафарҳои расмии сарварони давлатҳо, ҷаласаҳои кумитаҳои муштараки сиёсӣ, мулоқоти вазирону сафирон, табодули паёмҳои расмӣ ва имзои созишномаҳоро фаро мегирад. Инъикоси мунтазами сафарҳо, мулоқотҳо ва машваратҳои сиёсӣ ба ташаккули симои Тоҷикистон ҳамчун давлати дорои пояҳои устувори сиёсӣ, ҷонибдори сулҳу таҳаммулпазирӣ ва дорои имкониятҳои сармоягузорӣ фазои мусоид фароҳам меорад.

Чунончи, «Абу-Забӣ кори кумитаи машваратҳои сиёсии дуюми Аморот ва Тоҷикистонро мизбонӣ мекунад» [3, 2019. – 5 март], «Сафири Тоҷикистон: муносибатҳои олӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Аморот» [3, 2020. – 17 декабр], «Тоҷикистон шаҳрвандони Аморотро аз раводиди вуруд ба қаламрави худ озод мекунад» [3, 2021. – 28 декабр], «Сафири Тоҷикистон: Муносибатҳои мо бо Аморот шоҳиди рушди афзоянда дар ҳама соҳаҳо мебошанд» [3, 2022. – 13 июн], «Президенти давлат аз Президенти Тоҷикистон паёми (нома) хаттӣ гирифт, ки аз ҷониби Мансур бин Зоид супорида шуд» [3, 2022. – 21 сентябр], «Ал-Ҷарвон бо масъулони Тоҷикистон арзишҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳро муҳокима мекунад» [3, 2023. – 20 октябр], «Ториқ Ҳамид ат-Тойир (**طارق حميد الطاير يلتقي**) дар Боку бо Раиси Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон вохӯрӣ анҷом медиҳад» [3, 2024. – 21 феврал] ва амсоли ин.

Дар Агентии иттилоотии Аморот дар бораи сафарҳои расмии Президенти Тоҷикистон ва вохӯрию мулоқотҳои ӯ бо роҳбарони Арабистони Саудӣ (5 мавод) [3, 2016. – 3-5 январ] ва АМА (6 мавод) [3, 2016. – 16-17 март] ба табъ расонидааст. Дар мусоҳибаҳо ва изҳороти расмӣ, аз ҷумла, дар суханрониҳои Президенти Тоҷикистон ва сафири он бар асоси эҳтироми мутақобила, манфиатҳои муштарак, рушди устувор, ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва ба роҳ монда шудани муносибатхо таъкид гардидааст.

Чунончи, аз сарлавҳаҳои ин мавод бар меояд, дар матни онҳо робитаҳо ва ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистон бо АМА инъикос ёфтааст. Ба тақвияти фикр баъзе аз матолибро мавриди баррасии илмӣ қарор медиҳем. Дар матни аввал «Абу-Забӣ кори кумитаи машваратҳои сиёсии дуюми Аморот ва Тоҷикистонро мизбонӣ мекунад» дар бораи баргузории кори кумитаи машваратҳои сиёсии дуюми Амороту Тоҷикистон дар девони Вазорати корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналхалқӣ дар Абу-Забӣ маълумоти дода шудааст. Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки ҷониби АМА-ро Халифа Шоҳин ал-Марар (خليفة شاهين المرر) – ёвари вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҷониби Тоҷикистонро Низомуддин Зоҳидӣ – муовини аввали Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон роҳбарӣ карданд. Ҳамчунин, дар

мулоқот Муҳаммад Аҳмад бин Султон ал-Ҷобир (محمد أحمد بن سلطان الجابر) – сафири ғайримуқими АМА дар Тоҷикистон, Аҳмад ал-Ҳай ал-Ҳомилӣ (أحمد الحاي الهاملي) – сардори раёсати Вазорати корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмиллалии АМА, Шарифӣ Баҳодур – сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА иштирок доштанд. Зимни машваратҳо ҷонибҳо равобити муштараки ҳамкориҳои ду кишвар, роҳҳои таҳкиму густариши онҳо ва таҳаввулоти кунуниро муҳокима намуда, як қатор масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак, аз ҷумла, ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, амниятӣ ва мубориза бо терроризмро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар ҷараёни мулоқот ба мувофиқа расиданд, ки ҳамоҳангӣ ва ҳамкориро дар муносибатҳои ду ҷониба ва дар созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ идома диҳанд [3, 2019. – 5 март].

Дар матлаби «Сафири Тоҷикистон: муносибатҳои олӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Аморот», ки дар арафаи 25-умин солгарди барқароршавии муносибатҳои дуҷониба дар такя ба изҳороти Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА – Шарифӣ Баҳодур, дар шакли хабари васеъ интишор шудааст, дар бораи таърих, ташаккул ва раванди муносибатҳои ду кишвар маълумоти муфид медиҳад. Аз ҷумла, хонанда воқиф мегардад, ки 18-уми декабри соли 1995 муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб барқарор шуда, соли 2007 Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дубай ба фаъолият шуруъ кардаст, соли 2011 Сафорати Тоҷикистон дар Абу-Забӣ ифтитоҳ ёфтааст. Равобити ҳамкориҳои ду кишвар сол ба сол дар тамоми соҳаҳо таҳким меёбад ва сафири Тоҷикистон АМА-ро яке аз шарикони стратегӣ ва асосӣ дар Ховари Миёна медонад. Бино ба иттилооти сафир ҳаҷми табодули тиҷорат ду баробар афзоиш ёфта, соли 2019 ба 61,5 миллион доллар расидааст ва тамоюли пайвастаи афзоиши он ба назар мерасад. Сафири Тоҷикистон дар мавриди гардишгарӣ (сайёҳӣ) таъкид кардааст, ки ҳамасола теъдоди зиёди сайёҳони тоҷик аз АМА дидан мекунанд ва аз ин кишвар низ теъдоди сайёҳон ба Тоҷикистон афзоиш меёбад. Тоҷиконе, ки ҳоло дар Амороти Муттаҳидаи Араб ба сар мебаранд, беш аз 2500 нафар будаанд [3, 2020. – 17 декабр].

Ҳамчунин, АИА соли 2020 номаи табрикотии Президенти АМА – шайх Халифа бин Зоид Оли Наҳён (الشيخ خليفة بن زايد آل نهيان), ноиби Президент, сарвазир ва ҳокими Дубай – шайх Муҳаммад бин Рашид ал-Мактум (الشيخ محمد بن راشد آل مكتوم) ва Валиаҳди Абу-Забӣ-шайх Муҳаммад бин Зоид Оли Наҳён (الشيخ محمد بن زايد آل نهيان) ба муносибати аз нав интихоб шудани Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муҳлати нав ба табъ расонидааст [3, 2020. – 16 октябр].

Дар соли 2021 барои АИА аз раводиди вуруд ба қаламрави худ озод кардани шаҳрвандони Аморат аз ҷониби Тоҷикистон [3, 2021. – 28 декабр] аз воқеаи нисбатан муҳим будааст. Аз байн бурдани раводиди сафар барои шаҳрвандони АМА баёнгари фаъолияти пурсамари ниҳодҳои дипломатӣ буда, ба ташаккули имиҷи Тоҷикистон ҳамчун шарики боэътимод таъсири мусбат мегузорад. Ҳамчунин, дар ин сол дар бораи баргузории ҷаласаи чоруми Кумитаи муштараки Аморот ва Тоҷикистон, [3, 2021. – 1 август], вохӯрии Ал-Бавордӣ (البواردي) бо сафири Тоҷикистон [3, 2021. – 26 июл], гуфтушуниду мулоқотҳо ҷиҳати густариши равобит байни Шурои миллии федералӣ ва парлумони Тоҷикистон [3, 2021. – 17 декабр] мавод ба мушоҳида расид. Аз ҷумла, агентӣ дар такя ба суханони Вазорати корҳои хориҷии Аморот иттилоъ додааст: «Шаҳрвандони АМА, ки дорои шиносномаҳои дипломатӣ, махсус ва оддӣ ҳастанд, акнун метавонанд аз 1-уми январи соли 2022 бидуни раводид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар кунанд ва то 30 рӯз дар он ҷо бимонанд». АИА аз ин иқдом ҷонибдорӣ намуда, дар такя ба суханони корманди вазорати корҳои хориҷии Аморот – Холид Абдуллоҳ Ҳамид Болҳул (خالد عبدالله حميد بالهول) таъкид кардааст, ки тасмим дар бораи озод кардани шаҳрвандони кишвар аз раводиди вуруд баёнгари муносибатҳои қавии ду кишвар аст, ки дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва хоҳиши рушди муносибатҳои дуҷониба асос ёфта, ҳадафҳо ва самтҳои роҳбарияти ду кишварро инъикос менамояд [3, 2021. – 28 декабр]. Дар матлаби «Президенти давлат аз Президенти Тоҷикистон паёми (нома) хаттӣ гирифт, ки аз ҷониби Мансур бин Зоид супорида шуд» зикр шудааст, ки Аълоҳазрат Шайх Мансур бин Зоид Оли Наҳён – муовини Сарвазир ва Вазири дастгоҳи Президенти АМА муовини аввали сарвазири Тоҷикистон Давлаталӣ Саидро ба ҳузур

пазируфт. Дар вохӯрӣ як қатор масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак ва роҳҳои рушди муносибатҳои ҳамкорӣ дар тамоми соҳаҳо, ки ба рушду шукуфоӣ ва пешрафти ду кишвари дӯст мусоидат мекунанд, баррасӣ шуданд. Дар хотимаи хабар зикр шудааст, ки дар мулоқот шахсони воломақоми АМА аз қабили Раиси Бонки марказии АМА – Холид Муҳаммад Солим Балъамӣ ат-Тамимӣ, Дабири кулли Фонди рушди Абу-Забӣ Муҳаммад Сайф ас-Сувайдӣ ва вазири энергетика ва инфрасохтор Суҳайл бин Муҳаммад Фарач Форис ал Мазруъӣ ширкат доштанд [3, 2022. – 21 сентябр].

«Ал-Ҷарвон бо масъулони Тоҷикистон арзишҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳро муҳокима мекунад» яке аз матолиби АИА дар соли 2023 мебошад, ки арзиши баланди сиёсӣ дорад. Дар ин мавод чанд рӯйдод инъикос шудааст:

Аввалан, дар он ба имзо расидани созишномаи ҳамкорӣ миёни Раиси Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ – Аҳмад бин Муҳаммад ал-Ҷарвон бо Муҳаммадтоҳир Зокирзода – Раиси палатаи Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон ҷиҳати таҳким ва ба роҳ мондани корҳои муштарак дар бахшҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳ дар Осиё ва ҷаҳон. АИА шомил шудани вакили Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон ба Шурои мазкурро мусбат арзёбӣ карда, онро густариш ва таҳкими ҳамкориҳо муаррифӣ намудааст. Мувофиқи тавофуқнома баргузории нишасту конфронсҳои муштарак пешбинӣ шудааст.

Баъдан, вохӯрии Аҳмад бин Муҳаммад ал-Ҷарвон бо вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин, ки дар суҳбати онҳо роҳҳои густариши ҳамкорӣ дар заминаҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳ дар минтақа ва ҷаҳон баррасӣ шудааст.

Ахиран, мулоқоти Раиси Шурои ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ ва сулҳ – Аҳмад бин Муҳаммад ал-Ҷарвон бо Ректори ДМТ Хушвахтзода Қобилҷон ҷиҳати густариши ҳамкориҳои муштарак бо донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ. Ҷонибҳо роҳҳои густариши ҳамкорӣ ва кори муштаракро ҷиҳати тарғиби арзишҳои таҳаммулпазирӣ ва сулҳ дар арсаи таълим баррасӣ намудаанд [3, 2023. – 20 октябр]. Ин матлаб далолат медиҳад, ки АИА на танҳо ба дипломатияи давлатӣ, балки ба дипломатияи парлумонӣ ва ҷамъиятӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир

кардааст. Ин амал барои муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷонибдори арзишҳои сулҳ ва ҳамкории байналмилалӣ муаррифгари муҳим мебошад.

Дар таҳкими робитаҳо ва муаррифии муносибатҳо нақши сафир ва фаъолияти он муҳим аст. АИА вобаста ба рӯзи муносибатҳои Тоҷикистон ва АМА дар такя ба суханони сафири Тоҷикистон дар нишасти хабарие, ки доир ба натоиҷи Конференсияи дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (6-8-уми июни соли 2022. ш. Душанбе) баргузор гардидааст, таҳти унвони «Сафири Тоҷикистон: Муносибатҳои мо бо Аморот шоҳиди рушди афзоянда дар ҳама соҳаҳо мебошанд» гузорише интишор намуда, иттилоъ додааст, ки Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар АМА Шарифӣ Баҳодур Маҳмудзода дар нишаст тасдиқ кардааст, ки муносибатҳои дуҷонибаи кишвараш ва АМА аз замони таъсисаш (1995) шоҳиди рушди афзоянда дар ҳамаи соҳаҳо мебошанд. Ӯ зикр кардааст, ки дурнамо ва дастурҳои роҳбарияти ду кишвари дӯст ба таҳкиму густариши он муносибатҳое, ки дар заминаи эҳтироми ҳамдигар ва манфиатҳои умумӣ бунёд шудаанд, мусоидат кардаанд. Сафири Тоҷикистон таъкид кардааст, ки Баёнияи ниҳоии конференсия аҳаммияти ташаббусҳои байналмилалӣ барои расидан ба ҳадафҳои рушд, нақши муҳимми об дар ноил шудан ба рушди устувор, рафъи камбизоатӣ ва гуруснагӣ, таҳкими саломатӣ ва мубориза бо биёбоншавиро дар бар мегирад. Илова кардааст, ки мушкилоти тағйири иқлим яке аз қазияи муҳимми минтақаи Осиёи Миёна буда, паёмадҳои иҷтимоӣ ва экологии ин масъала хеле нигаронкунанда аст. Сафир азми Тоҷикистонро барои ноил шудан ба ҳадафҳои Даҳсолаи амал дар соҳаи об тавассути таъмини дастрасии ҳамаҷониба ва одилона ба оби ошомиданӣ, идоракунии оқилона ва устувори гардиши об, таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ дар сарҳад, таҳияи стратегияи (дурнамо) дарозмуддат барои баланд бардоштани сатҳи пешгирӣ, омодагӣ ва вокуниш ба хатарҳои офатҳои табииро изҳор кардааст. Дар гузориш тамоюли афзоиши талафот дар натиҷаи офатҳои марбут ба об, аз қабили хушксолӣ, обхезӣ, тӯфон, болоравии сатҳи баҳр ва тармафаронӣ таъкид шуда, тағйирёбии иқлим ва зуҳуроти шадиди обу ҳаво таваҷҷуҳи ҷиддии ҷаҳониро тақозо мекунад.

Дар хотимаи нишаст Сафири Тоҷикистон аҳаммияти таҳкими ҳамкориҳои байнисоҳавӣ (бахшҳо), такмили дониш ва таҷриба, таҳияи воситаҳо ва технологияҳо, дастгирии шарикӣ байни ҷонибҳои манфиатдорро дар ҳама сатҳҳо барои фароҳам овардани муҳити мусоид изҳор доштааст [3, 2022. – 13 июн].

Ҳамин тавр, АИА дар соли 2018 аз мулоқоти Сафири ғайримуқими АМА дар Тоҷикистон Муҳаммад Аҳмад ибн Султон ал-Ҷобир бо вазирони корҳои хориҷӣ [3, 2018. – 31 октябр], мудофиа [3, 2018. – 30 октябр], Раиси кумитаи амнияти миллӣ [3, 2018. – 2 ноябр], ҷонишини аввали вазири энергетикаи Тоҷикистон [3, 2018. – 2 ноябр], кишоварзӣ [3, 2018. – 3 ноябр], Раиси Агентии захираҳои моддӣ [3, 2022. – 3 ноябр] ва инчунин аз вохӯрии Прокурори Генералии АМА бо ҳамтои тоҷикаш [3, 2018. – 10 декабр] низ хабарҳои расмӣ нашр кардааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки АИА ҳар сол рӯзи 9-уми сентябр таҳти сарлавҳаи «Президенти давлат ва муовинаш Президенти Тоҷикистонро бо солгарди истиқлолияти кишвараш табрик мекунанд» номаҳои табрикотии Президент ва Сарвазири АМА-ро дар як хабар ба Президенти Тоҷикистон ба муносибати истиқлолияти кишвар ба табъ мерасонад [3, 2024. – 9 сентябр].

Ҳамчунин, инъикоси пайвастаи табрикоти расмӣ ба муносибати Рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон (9 сентябр) ба анъанаи иттилоотӣ табдил ёфта, як навъ рамзи эҳтиром ва пойдории робитаҳои сиёсии ҷонибҳо ҳисобида мешавад.

Дар маҷмуъ, маводди марбут ба сафарҳои расмӣ, мулоқотҳои сатҳи олӣ, имзои созишномаҳо ва форумҳои сармоягузорӣ қисми муҳимми маводро ташкил медиҳанд, ки Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои муносибатҳои устувор ва дурнамои мусбати ҳамкориҳо муаррифӣ намудааст. Тоҷикистон бештар ҳамчун шарики боэътимоди дорои имкониятҳои сармоягузорӣ ва иштирокчии фаъол дар ташаббусҳои байналмилалӣ пешниҳод мегардад. Ин раванд ба шеваи фаъолияти агентии давлатии иттилоотӣ мувофиқ мебошад, ки ҳадафи асосии он инъикоси сиёсати хориҷӣ ва эътибор додан ба нуфузи байналмилалии давлат аст.

Б) Инъикоси ҳамкориҳои иқтисодӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ, энергетикӣ, гуманитарӣ ва амниятӣ байни Тоҷикистону Амороти Муттаҳидаи Араб аз

самтҳои меҳварии фаъолияти Агентии иттилоотии Аморот ба ҳисоб меравад. Аз таҳлили матолиб равшан мегардад, ки агентӣ на танҳо рӯйдодҳоро инъикос мекунад, балки Тоҷикистонро ҳамчун намунаи шарики фаъоли рӯ ба рушд муаррифӣ менамояд. Инъикоси саҳмгузории ниҳодҳои молиявии АМА дар амалӣ гардидани лоиҳаҳои иқтисодӣ кишвари моро ҳамчун давлати қобили ҷалби сармоя, дорои афзалиятҳои транзитӣ ва шарики фаъоли ҳамгироии минтақавӣ манзур медорад.

Матолиби «Бонки рушди Абу-Забӣ» дар кушодашавии роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб бо саҳмгузории 55 млн. дирҳам иштирок мекунад» [3, 2017. – 17 сентябр], «Тоҷикистон раводиди шаҳрвандони Аморотро ҳангоми расидан ба сарзаминаш иҷозат медиҳад» [3, 2017. – 14 ноябр], «АМА аҳаммияти густариши ҳамкории байналмилалиро барои самаранок истифода бурдани захираҳои обӣ таъкид мекунад» [3, 2018. – 22 июн], «Созишномаи ҳамкорӣ байни палатаҳои Раъсу-л-Хайма ва Тоҷикистон» [3, 2019. – 29 октябр], «Палатаи Абу – Забӣ ҳамкориҳои тиҷоратӣ бо Тоҷикистонро баррасӣ мекунад» [3, 2019. – 15 сентябр], «Палатаи Шарҷа имконоти ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Тоҷикистонро баррасӣ мекунад» [3, 2019. – 14 сентябр], «Ҳайати миллии идораи ҳолатҳои изтирорӣ ва буҳронӣ масоили ҳамкорӣ бо Тоҷикистонро баррасӣ мекунад» [3, 2019. – 22 май], «Шурои занони соҳибкори Аҷман бо як ҳайати Тоҷикистон ҳамкориҳоро баррасӣ мекунад» [3, 2024. – 9 сентябр] (19-уми феврали соли 2019), «Палатаи Абу-Забӣ имконоти ҳамкорӣ бо ширкатҳо ва муассисаҳои Тоҷикистонро баррасӣ мекунад» [3, 2024. – 9 сентябр] (1-уми майи соли 2019), «Форуми соҳибкорони Шарҷа-Тоҷикистон имконоти шарикӣ дар бахшҳои тиҷорат ва сармоягузориро мавриди баррасӣ қарор дод» [3, 2021. – 3 август], «Федератсияи палатаҳо бо Тоҷикистон имконоти сармоягузориро муҳокима мекунад» [3, 2021. – 11 октябр], «Вазири энергетикаи Тоҷикистон ба АИА: ҳамкории Амороти Муттаҳидаи Араб ва Тоҷикистон барои наҷоти пиряхҳо» [3, 2022. – 19 май], «Ширкати «Dubai Electricity» бо бахши энергетика ва оби Тоҷикистон ҳамкориро баррасӣ мекунад» [3, 2022. – феврал], «Вазири энергетикаи Тоҷикистон ба АИА гуфт: ҳамкорӣ байни Аморот ва Тоҷикистон барои наҷот додани пиряхҳо» [3, 2022. – 19 май],

«Ҳолатҳои фавқулодда ва бӯҳронӣ» бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Тоҷикистон ёддошти тафоҳум имзо кард» [3, 2022. – 28 ноябр], «Аморот дар конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи амнияти марзҳо ва мубориза бо терроризм дар Душанбе ширкат меварзад» [3, 2022. – 20 октябр], «Аморот дар конфронси байналмилалии «Об барои рушд» дар Тоҷикистон иштирок мекунад» [3, 2022. – 7 июн], «Аморот ва Тоҷикистон созишномаи хизматрасонии нақлиёти ҳавоиро имзо мекунанд» [3, 2023. – 9 май], ««Коғазҳои қиматнок» бо Агентии коғазҳои қиматноки Тоҷикистон ёддошти тафоҳум имзо мекунад» [3, 2024. – 28 июн], «Бонки марказии Амороти Муттаҳидаи Араб ва Бонки Тоҷикистон ёддошти тафоҳум имзо карданд» [3, 2024. – 13 декабр] ва ғайра намунае аз онҳост. Ағлаби ин мавод ифодагари ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, табодули мол ва амсоли ин миёни Тоҷикистон ва АМА мебошанд. Чунончи, аз сарлавҳаи мавод бармеояд, предмети инъикоси аксарияти онҳоро чорабиниҳое ташкил медиҳанд, ки тули солҳои гуногун бо иштироки намояндагони расмии ҷониби Тоҷикистон ва АМА сурат гирифтаанд. Барои тақвияти фикр баъзе аз онҳоро ба таври мухтасар баррасӣ менамоем.

Дар матни «Тоҷикистон раводиди шаҳрвандони Аморотро ҳангоми расидан ба сарзаминаш иҷозат медиҳад» тавзеҳ дода шудааст, ки шаҳрвандони АМА – дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ, махсус ва одӣ метавонанд ҳангоми омаданашон ба Тоҷикистон раводиди худро дар фурӯдгоҳи байналмилалии Душанбе дастрас намоянд. Намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Аморот Аҳмад Саид Илҳом аз-Зоҳирӣ афзудааст, ки ин иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоскунандаи мақоми байналмилалии давлати Аморот мебошад [3, 2017. – 14 ноябр]. Ин ташаббус барои шаҳрвандони Аморот ҷиҳати сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои наверо фароҳам меорад ва дар густариши муносибатҳо ва унсурҳои шарикӣ байни ҳарду кишвар саҳми худро мегузорад. Матлаби мазкур далолат бар он мекунад, ки чунин иқдомҳо ҳамчун нишондиҳандаи эътимод ва сатҳи баланди муносибатҳо арзёбӣ мешаванд. Ин гуна хабарҳо дар истинод ба изҳороти расмии мақомоти

Аморот таҳия шуда, густариши робитаҳоро дар соҳаҳои сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат бозтоб менамоянд.

Муҳтавои асосии гузориши ««Бонки рушди Абу-Забӣ» дар кушодашавии роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб бо саҳмгузории 55 млн. дирҳам иштирок мекунад» [3, 2017. – 17 сентябр]-ро иштироки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва бо намояндагӣ аз вазири энергетикаи АМА Суҳайл ал-Мазруқӣ ва Директори генералии Бонки рушди Абу-Забӣ Муҳаммад Сайф ас-Сувайдӣ дар маросими ҷашни кушодашавии роҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб ташкил медиҳад. Дар пасманзараи ин рӯйдод тавзеҳ шудааст, ки бонки мазкур дар сармоягузории роҳ (39 км) ба маблағи 55 млн. дирҳам саҳм гузоштааст, ки 16 % -и арзиши умумиро ташкил медиҳад. Агентӣ дар такя ба суханони вазири энергетика афзудааст, ки давлати АМА барои густариши муносибатҳои муштарак бо Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳо саъю кӯшиш мекунад. Аз ҷумла, дар матн аз номи вазири АМА омадааст: «Лоиҳае, ки Бонки рушди Абу-Забӣ дар сармоягузориаш саҳм гирифт аз таваҷҷуҳи давлати АМА ба кумаки айёнии Ҳукумати Тоҷикистон дар густариши зерсохтори кишвар далолат мекунад». Ҳамчунин, агентӣ дар такя ба суханони Директори генералии Бонки рушди Абу-Забӣ – Муҳаммад Сайф ас-Сувайдӣ оид ба аҳаммияти ин роҳ навиштааст, ки давлати Аморот дар пешрафт ва густариши муносибатҳои дуҷониба ва рушди ҳамкориҳои муштарак бо давлатҳои Осиёи Миёна ҳавасманд аст. Роҳе, ки кушодашавиаш анҷом ёфт, аз лоиҳаҳои стратегие ба ҳисоб меравад, ки дар бахшҳои нақлиёту алоқа дар Тоҷикистон барои осон кардани кашондани мусофирон ва амвол саҳми худро хоҳад гузошт. Илова бар ин, роҳ шаҳрҳои асосии Тоҷикистонро бо роҳҳои дигари байналмилалӣ мепайвандад. Лоиҳае, ки ҳадаф дорад якчанд қишлоқҳои кӯҳии байни Шӯробод ва қишлоқи Шоҳонро бо роҳҳои байналмилалӣ бипайвандад ва ҳаракати кашондани амволи дохилию беруниро тақвият диҳад. Ҳамчунин, дар мавод омада аст, ки дар сармоягузории лоиҳа ғайр аз Бонки рушди Абу-Забӣ, инчунин, Бонки исломии рушд, Фонди Саудӣ, Фонди Кувайт ва Фонди рушди байналмилалии ОПЕК низ саҳм мегузоранд. Роҳ барои пайваст шудани Тоҷикистон бо ҳамсояҳояш – Афғонистон, Узбекистон Покистон, Чин ва

Қирғизистон мусоидат мекунад». Агентии иттилоотӣ аз кушодашавии ин лоиҳа ва аҳаммияти он ҷонибдорӣ кардааст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар матолиби АИА мавзуи обу тағйирёбии иқлим мақоми вижа дорад. Давлати АМА дар масоили байналмилалӣ роҷеъ ба самаранок истифода бурдани захираҳои оби ошомиданӣ ҳамеша аз Тоҷикистон ҷонибдорӣ кардааст. Матлаби «АМА аҳаммияти густариши ҳамкории байналмилалиро барои самаранок истифода бурдани захираҳои обӣ таъкид мекунад», ки дар шакли ҳисобот интишор гардидааст, ба ҷонибдории АМА аз Тоҷикистон дарак дода метавонад. Дар ин мавод доир ба дар сатҳи баланд баргузор шудани Конфронси байналмилалии «Об барои рушди устувор – 2018-2028», ки дар шаҳри Душанбе доир гаштааст, иттилоъ дода шудааст. Аз ҷумла, таъкид гардидааст, ки бо Раисии Президенти Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ Конфронси байналмилалии сатҳи баланд баргузор гашт, ки дар он намояндаи вазорати энергетика ва саноати АМА доктор Матар Ҳомид Ан-Ниёдӣ суханронӣ карда, аз ин ташаббуси Тоҷикистон тарафдорӣ кардааст. Агентӣ ҳамчунин, дар гузориш аз кори конфронс ва иштирокчиён изҳори қаноатмандӣ карда, илова намудааст, ки ба ғайр аз Президенти Тоҷикистон, инчунин Президентони Туркманистон, Покистон, Афғонистон, намояндагони зиёда аз 100 давлат дар сатҳи намояндагони ҳукуматҳо, вазирон, масъулони баландпояи муассисаҳои СММ, ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, соҳибкорон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, олимону мутахассисони соҳа ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳузур доштанд [3, 2018. – 22 июн]. АИА дар инъикоси масоили обу тағйирёбии иқлим нақши Тоҷикистонро ҳамчун ташаббускори байналмилалӣ ва нақши АМА-ро ҳамчун ҷонибдори ин ташаббусҳо арзёбӣ намудааст. Дар ин замина Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги об ва неруи «сабз» ва АМА ҳамчун шарики технологӣ ва сармоягузор баррасӣ мешавад.

Ҳамчунин, соли 2018 дар бораи имзои Ёддошти тафоҳум ҷиҳати ҷалби қувваи корӣ аз Тоҷикистон ба АМА ва ба имзо расидани шартномаи ҳамкорӣ оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда байни АМА ва Тоҷикистон, хабару гузориш

ба табъ расонидааст. Чунончи, дар матни «Аморот ва Тоҷикистон ёддошти тафоҳум дар соҳаи қуввaҳои кориро имзо мекунанд» мақсади имзои Ёддошти мазкур, ҷалби коргарони тоҷик ва густариши ҳамкориҳои ҳарду ҷониб ҷиҳати татбиқи беҳтарин раванди қарордодҳои муваққатӣ иттилоъ дода шудааст. Дар хабар, аз ҷумла зикр шудааст, ки Ёддошти тафоҳумро аз ҷониби Тоҷикистон Тағойзода Сумангул Саид – вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва аз ҷониби АМА Носир ибн Сонӣ Ал-Ҳомилӣ – вазири заҳираҳои башарӣ имзо кардаанд. Ҷониби Аморот имзо ва аҳаммияти шартномаро «комёбии ҳарду ҳукумат ҷиҳати пешрафти робитаҳои дӯстонаи байниҳамдигарӣ ва густариши муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи ҷалби қуввaҳои корӣ» арзёбӣ кардааст» [3, 2018. – 16 апрел].

Дар маводди дигар тасдиқи шартнома оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда байни АМА ва Тоҷикистон аз тарафи Девони АМА шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Аз шарҳи мавод маълум мешавад, ки шартнома ҳанӯз 17-уми марти соли 2016 ҳангоми сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба АМА аз тарафи ҳар ду ҷониб бо мақсади густариши ҳамкорӣ оид ба интиқоли шахсони маҳкумшуда ва адои ҷазо (ҳукм) дар кишварашон, ба имзо расида будааст [3, 2018. – 18 апрел].

Дар ағлаби ин матолиб ҳавасмандии ҳар ду ҷониб роҷеъ ба густариши муносибатҳои гуногунҷабҳа, истифодаи таҷрибаҳо ва ҷустуҷӯйи роҳҳои тақвияти равобит зикр шудааст. Чунончи, АИА доир ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум бо мақсади густариши ҳамкориҳои муштарак, ки дар Идораи миллии ҳолатҳои изтирорӣ ва идоракунии офатҳои табиии АМА бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст, хабар додааст, ки Ёддошти тафоҳумро Алӣ Саид ан-Наёдӣ – раиси Идораи миллии изтирорӣ, буҳронӣ ва рафъи офатҳои табиии АМА ва Назарзода Рустам – раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Тоҷикистон дар шаҳри Абу-Забӣ имзо карданд. Агентӣ ҳадафи онро густариши ҳамкориҳои ду ҷониба дар бахшҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак оид ба муқовимат ва вокуниш ба ҳолатҳои изтирорӣ ва коҳиш додани хисороти

ҳолатҳои фавқулодда тавассути табодули иттилоот ва таҷриба дониста, илова кардааст, ки ёддошти тафоҳум ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки ҳамкорӣ дар бахшҳои фаннӣ ва гуманитарӣ, табодули таҷриба, банақшагирӣ ва таҳияи муштараки лоиҳаҳои таҳқиқоти илмӣ, табодули иттилоот, методология ва технологияҳои илмӣ дар соҳаи пешгирӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда равона шудааст [3, 2022. – 28 ноябр].

Дар сомонаи агентӣ роҷеъ ба ин ва дигар мавзуъҳо ҳамасола маводди зиёд ба мушоҳида мерасад. Чунончи, дар матлаби «Аморот ва Тоҷикистон созишномаи хизматрасонии ҳавоиро имзо мекунанд» аз ба имзо расонидани Созишнома оид ба хизматрасонии ҳавоӣ ва Ёддошти тафоҳум оид ба лағви маҳдудиятҳо аз фаъолияти ҳамлу нақл барои ҳар ду кишвар миёни Идораи авиатсияи граждании Дубай ва Агентии авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рафтааст, ки ба афзоиши табодули тиҷорат байни Тоҷикистону АМА мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, мувофиқи иттилооти АИА тавофуқоти ҳосилшуда бо Тоҷикистон таҷассумгари равобит ва ҳамкориҳои созанда дар бахши авиатсияи ҳар ду ҷониб буда, барои вусъат додани хизматрасониҳои ҳавоӣ ва зиёд кардани имконияти савдо ва сайёҳат нафъи зиёде хоҳанд дошт [3, 2023. – 9 май]. Имзои созишномаи хизматрасонии ҳавоӣ байни ниҳодҳои авиатсионии ду кишвар аз тарафи АИА ҳамчун омили рушди тиҷорат ва сайёҳӣ дониста шудааст.

Дар умум, имзои ёддоштҳои тафоҳум дар барои ҷалби қувваи корӣ, интиқоли маҳкумшудагон, идоракунии ҳолатҳои фавқулодда ва хизматрасониҳои ҳавоӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон ва АМА фарогири соҳаҳои мухталиф ва дар ҳоли рушд қарор доранд.

Дар солҳои охир масъалаҳои амнияти сарҳад ва мубориза бо терроризм низ аз мадди назари АИА дур намондааст. Инъикоси конфронсҳои байналмилалии Душанбе нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои ду кишвар танҳо ба иқтисод маҳдуд намешаванд. Аз ҷумла, доир ба иштироки Аморот дар кори Конфронси ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм ва маблағгузории он тавассути қочоқи маводди мухаддир ва ҷиноятҳои созмонёфта, ки рӯзҳои 17

ва 18-уми майи соли 2019 дар пойтахти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе баргузор шудааст. Хабар дар такя ба суханронии раиси ҳайати расмии АМА Убайд ал-Ҳирӣ Солим ал-Кутбӣ – ёвари вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои низомию амниятӣ дар иҷлосияи ифтитоҳии конфронс таҳия шудааст. Мавсуф мавқеи Амороти Муттаҳидаи Арабро дар мубориза бо терроризм дар ҳама шаклу зуҳуроташ, амалиёти маблағгузории он ва аҳаммияти таҳкими амалҳои дастаҷамъии бисёрҷонибаро таъкид карда, афзудааст, ки имсол АМА соли таҳаммулпазириро ҷашн мегирад, мавқеи кишварро ҳамчун пойтахти ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ, муътадилӣ ва гуногунандешии фарҳангӣ мустаҳкам мекунад. Ҳамзамон, аз ин мавод дар хусуси чи гуна ташкил ва баргузор шудани конфронси мазкур маълумот пайдо мекунем. Хонанда огаҳӣ пайдо мекунад, ки он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо ва Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо ташкил карда шуда, ҳадафаш таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавии зидди терроризму экстремизм, мубодилаи ахбору таҷриба, муайян намудани усулҳои муассири мубориза бо падидаи маблағгузории терроризм будааст. Бино ба шарҳи АИА Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кушодашавии конфронс зимни суханронии худ аз истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ барои паҳн кардани ғояҳои ифротии худ ҳушдор додааст. Таъкид кардааст, ки маблағгузории терроризм шаклҳои нав пайдо кардааст, аз ҷумла, тариқи фурӯши маводди мухаддир ва ёдгориҳои таърихии аз минтақаҳои муноқиша дуздидашуда ва фурӯши ғайриқонунии онҳо [3, 2019. – 17 май]. Таъкиди иштироки ниҳодҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, САҲА ва Иттиҳоди Аврупо дар хабари мазкур ба рӯйдодҳо хусусияти байналмилалӣ мебахшад ва Тоҷикистон дар мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ ҳамчун кишвари фаъол намудор мегардад.

Матолиби «Форуми соҳибкорони Шарҷа-Тоҷикистон имконоти шарикӣ дар бахшҳои тиҷорат ва сармоягузориро баррасӣ мекунанд» (3-уми августи соли 2021), «Федератсияи палатаҳо бо Тоҷикистон имконоти сармоягузориро муҳокима мекунад» [3, 2021. – 11 ноябр], «Тоҷикистон рӯзи миллии худро дар

EXPO – 2020-Дубай таҷлил мекунад» [3, 2021. – 22 декабр], аз як тараф, ифодагари ҳолат ва имконоти ҳамкориҳои дуҷониба бошанд, аз ҷониби дигар, бозгӯкунандаи нақши АИА дар инъикоси воқеиятҳои марбут ба робитаҳои мутақобила буда метавонанд. Ҳамчунин, маводди мазкур нишон медиҳад, ки АИА ба рушди шарикии бахши хусусӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, имкониятҳои сармоягузорӣ, табодули молу хизматрасонӣ ва густариши соҳибкориро дар меҳвари матолиб қарор медиҳад.

Дар хабари «Вазири энергетикаи Тоҷикистон ба АИА: ҳамкории Амороти Муттаҳидаи Араб ва Тоҷикистон барои наҷоти пиряхҳо» (19-уми маи 2022) дар истинод ба суханони вазир хабар тавзеҳ шудааст, ки Тоҷикистон дар доираи ташаббус ва талошҳои худ барои густариши устувори таъмини об ва наҷоти пиряхҳо бо АМА ҳамкорӣ дорад. Аз ҷумла, вазир дар мусоҳиба бо хабаргузори АИА чунин изҳор доштааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 %-и захираҳои оби Осиёи Миёнаро соҳиб аст ва яке аз кишварҳое мебошад, ки аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим солҳои охир бештар осеб дидааст (ҳазор пирях нобуд шудааст). Тоҷикистон дар соҳаи об ташаббусҳои зиёди ҷаҳонӣ ба роҳ мондааст ва дар ин замина моҳи июн конфронси байналмилалӣ оид ба «Нақшаи рушди захираҳои об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар Душанбе барпо хоҳад кард. Илова кардааст, ки саҳми Тоҷикистон дар партовҳои ҷаҳонӣ хеле кам аст, зеро 95 %-и неруи барқ аз неруи обҳои камкарбон тавлид мешавад [3, 2022. – 19 май].

Бояд қайд кард, ки баргузории нишасту конфронсҳо ҳамчун рӯйдодҳои хабарсоз ва имиҷсоз барои Тоҷикистон истифода гардидааст. Чунончи, соли 2022 ду маводди АИА-ро баргузории конфронсияҳои илмӣ ва иштироки намояндагони ҷонибҳо ташкил медиҳад: «Аморот дар конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи амнияти марзҳо ва мубориза бо терроризм дар Душанбе ширкат мекунад» (الإمارات تشارك في مؤتمر دولي رفيع المستوى في دوشنبه عن أمن الحدود ومكافحة الإرهاب), «Аморот дар конфронси байналмилалии «Об барои рушд» дар Тоҷикистон иштирок мекунад» (الإمارات تشارك في المؤتمر الدولي «الماء من أجل التنمية» بطاجيكستان) ва амсоли ин.

Муҳтавои матни аввалро баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон», ки дар шаҳри Душанбе ва иштироки Аморот ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар он ташкил медиҳад. Ҳайати вакилони АМА-ро Солим Муҳаммад аз-Заъобӣ – директори департаменти ҳамкориҳои байналмилалии Вазорати корҳои хориҷӣ роҳбарӣ кардааст. Дар шарҳи агентии ҳадафи конфронсро таҳкими ҳамкориҳо ва шарикии минтақавӣ ва байналмилалӣ, табодули таҷриба оид ба густариш ва татбиқи равишҳои зиддитеррористӣ, аз ҷумла тадбирҳои пешгирикунанда оид ба мубориза бо ифротгароӣ ва инчунин, дастгирии сиёсии ҷидду ҷаҳди СММ оид ба мубориза алайҳи терроризм арзёбӣ шудааст. Дар хотимаи матлаб дар такя ба суханронии намояндаи АМА таъкид гардидааст, ки кишвараш аз талошҳои байналмилалӣ дар ин самт пуштибонӣ мекунад [3, 2022. – 20 октябр].

Роҷеъ ба конференсияи мазкур дар ВАО-и ватанӣ, аз ҷумла, сомонаи Вазорати корҳои хориҷии кишвар низ ахбор нашр шудааст. Мувофиқи иттилои сомона дар ҷаласаи ифтитоҳии сатҳи баланд зиёда аз 900 иштирокчӣ, ба шумули вазирон ва дигар шахсони расмии кишварҳои аъзои СММ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, коршиносон ва рӯзноманигорон ширкат намудаанд. Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии ифтитоҳии худ таъкид намудааст, ки «Ҳукумати Тоҷикистон бо назардошти вазъи мураккаби минтақа ба таҳкими доимии ҳифзи сарҳади давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои пешгирии интиқоли ҷангҷӯёни террорист, қочоқи маводди мухаддир, силоҳ ва дигар таҳдидҳои фаромиллӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад» [385]. Вазорати корҳои хориҷӣ хабар додааст, ки нишасти дурӯзаи конфронс аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Дафтари зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид (UNOCT), Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи бозоранда барои Осиёи Миёна (UNRCCA), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Иттиҳоди Аврупо (ИА), Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Давлати Қатар ташкил гардид.

Дар матлаби дуюм, воқеаи асосӣ иштироки АМА бо намояндагии Вазорати энергетика ва инфрасохтор дар иҷлосияи дуюми Конфронси байналмилалии сатҳи баланд «Об барои рушди устувор 2018-2028», ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ аз 6-ум то 9 июн дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе баргузор гардидааст, мебошад. Ҳайати АМА-ро дар конфронси мазкур муҳандис Юсуф Оли Алӣ сарварӣ ва суханронӣ кардааст. Матлаб дар такя ба суханронии намояндаи АМА таҳия шуда, асосан доир ба Стратегияи миллии энергетикии Аморот иттилоъ медиҳад. Дар он аз ҷумла, зикр гардидааст, ки «АМА дар таъмини ояндаи об, энергетика ва амнияти озуқаворӣ пешвои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад ва яке аз бузургтарин истеҳсолкунандагони оби тозашуда дар ҷаҳон аст. Аз ин рӯ, ба масъалаи тағйирёбии иқлим аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад» [3, 2022. – 7 июн]. АИ дар хотимаи гузориш баргузории чунин конфронсҳоро қобили қабул дониста, муносибатҳои энергетикиро ҳамчун ҳамкории стратегӣ дар соҳаи неруву об шарҳ додааст.

Хулоса, аз таҳлили маводди бахши ҳамкориҳои Тоҷикистону АМА маълум мешавад, ки Агентии иттилоотии Аморот ин ҳамкориҳоро дар доираи «шарикии созанда» инъикос намудааст. Аз матолиб маълум мешавад, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои табиӣ ва иқтидори транзитӣ ва Аморот ҳамчун шарики сармоягузору технологӣ нишон дода шудаанд.

В) Мавзуи дигаре, ки АИА ба он ҳамасола таваҷҷуҳ кардааст, кумакҳои хайриявии муассисаҳои Аморат, аз қабили «Дору-л-барр» (دار البر), «Набазот» (نبضات) ва «Сақя-л-иморот» (سقيا الإمارات) ба Тоҷикистон мебошад. Маводди «Иқдоми «Набазот» ташхисҳои ройгонро барои кӯдакони Тоҷикистон анҷом медиҳад» ва «Гурӯҳи «Набазот» 60 амалиёти ҷарроҳии дили кӯдаконро дар Тоҷикистон ба иҷро мерасонад» [3, 2017. – 13 ноябр], «Ҷамъияти «Дору-л-барр» беморхонаеро дар Тоҷикистон ба маблағи 54 ҳазор доллар барои хариди таҷҳизоти тиббӣ ёрӣ мерасонад» [3, 2018. – 3 ноябр], «1,7 миллион долларро Зайд бин Султон Оли Наҳён барои корҳои хайрия дар Тоҷикистон сарф кардааст» [3, 2019. – 117 июл], «Аморот ба Тоҷикистон ҷиҳати тақвияти талошҳояш дар

мубориза бо паҳншавии «Ковид-19» кумакҳои тиббӣ мефиристад» [3, 2020. – 27 май], «Аморот ҳавопаймои дуввуми кумакҳои тиббиро ба Тоҷикистон барои дастгирӣ дар мубориза бо «Ковид-19» фиристод» [3, 2020. – 11 октябр], «Аморот ба Тоҷикистон кумаки ғизоӣ мефиристад» [3, 2021. – 28 апрел], «Ҷамъияти хайриявии Шарҷа ба 4 лоиҳаи нав дар Тоҷикистон санги асос мегузорад» [3, 2021. – 8 июл], «Ҳайати «Дору-л-барр» раванди 13 лоиҳаи рушдро дар Тоҷикистон санҷиш мекунад» [3, 2021. – 14 ноябр], «Фонди башардӯстонаи Зоид» густариши ҳамкориро бо Тоҷикистон баррасӣ мекунад» [3, 2021. – 14 декабр], «Ҳайати «Хайрияи Шарҷа» аз лоиҳаҳои донории ин ҷамъият дар Тоҷикистон дидан мекунад» [3, 2023. – 14 март] ва ғайра аз ёрӣ ва кумакҳои АМА ба Тоҷикистон иттилоъ медиҳанд.

Умуман, аксари матолиби фарогирандаи фаъолияти муассисаҳои хайриявии дар боло зикршуда собит месозад, ки АИА ин иқдомро ҳамчун идомаи сиёсати башардӯстонаи кишвараш пешниҳод мекунад.

Чунончи, дар матни «Иқдоми «Набазот» ташхисҳои ройгонро барои кӯдакони Тоҷикистон анҷом медиҳад» ва «Гурӯҳи «Набазот» 60 амалиёти ҷарроҳии дили кӯдаконро дар Тоҷикистон ба иҷро мерасонад» зикр гардидааст, бо ташаббуси муассисаи хайриявии Муҳаммад ибн Рошид Ал-Мактум амалиёти ҷарроҳии дили кӯдакони маъюби модарзод ройгон гузаронида мешавад. Ин маъракa дар муддати панҷ рӯз давом карда, гурӯҳи мазкур дар Тоҷикистон зиёда аз 300 нафар кӯдакро аз ташхиси ройгони тиббӣ гузаронида, 60 амалиёти гуногуни ҷарроҳии дили кӯдакони маъюби модарзодро (аз се моҳа то 18 сола) ройгон ба сомон расонидааст [3, 2017. – 7 ноябр; – 11 ноябр]. Қайд кардан бамаврид аст, ки АИА ҳамасола корҳои башардӯстонаи Аморотро инъикос ва тарғибу ташвиқ мекунад.

Дар АИА таҳти номи «Ҷамъияти «Дору-л-барр» ба матолибе дучор мешавем, ки ин ҷамъият дар Тоҷикистон беморхонаеро ба маблағи 54 ҳазор доллар барои хариди таҷҳизоти тиббӣ ёрӣ мерасонидааст. Сафири АМА Муҳаммад Аҳмад ибн Султон ал-Ҷобир ба беморхонаи Душанбе аз номи

ҷамъияти хайриявии «Дору-л-барр» барои хариди таҷҳизоти тиббӣ ба маблағи 54 ҳазор доллар тақдим намудааст [3, 2018. – 3 ноябр].

Гузориши «1,7 миллион долларро «Зайд бин Султон Оли Наҳён» барои корҳои хайрия дар Тоҷикистон сарф кардааст» намунае аз иттилооти ифодакунандаи амалҳои хайрхоҳонаи АМА мебошад. Аз ин гузориш маълум мегардад, ки дар мулоқот роҳҳои ҳамкорӣ дар тарҳҳои нави башардӯстонаро, ки ба мардуми тоҷик дар пешрафти раванди рушд кумак мекунанд, баррасӣ кардаанд. Аз ҷумла, доктор Иброҳим изҳор доштааст, ки муассиса соли 2014 лоиҳаи бунёди неругоҳи барқи обии ноҳияи Ванҷро барои тавлиди 800 киловатт неруи барқ барои қонеъ кардани ниёзҳои аҳолӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба маблағи 1 миллиону 280 ҳазор доллари ИМА маблағгузорӣ кардааст. Минбаъд низ корҳои хайриявии гуногун ва кумакрасонӣ, махсусан, дар соҳаҳои тандурустӣ ва маорифро бо Тоҷикистон идома хоҳад дод [3, 2019. – 11 июл].

Дар соли 2020 доир ба ин мавзуъ ду мавод ба мушоҳида расид. Аз ҷумла, «Аморот ба Тоҷикистон ҷиҳати тақвияти талошҳояш дар мубориза бо паҳншавии «Ковид-19» кумакҳои тиббӣ мефиристад», «Аморот ҳавопаймои дуввуми кумакҳои тиббиро ба Тоҷикистон барои дастгирӣ дар мубориза бо «Ковид-19» фиристод».

Мувофиқи иттилооти ин матолиб Амороти Муттаҳидаи Араб дар чаҳорчӯбаи таҳкими равобити дуҷонибаи ду кишвар ва саҳмгузорӣ дар талоши ниҳодҳои дахлдори Тоҷикистон дар мубориза бо бемории «Ковид-19» рӯзи 27-уми май ҳавопаймои якум бо 10,5 т. кумаки тиббӣ ва 11-уми октябр ҳавопаймои дуюмро бо 12 т. лавозимоти тиббӣ ва таҷҳизоти озмоишӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристод, ки аз он беш аз 12 000 корманди соҳаи тиб истифода хоҳанд бурд [3, 2020. – 25 май; – 11 октябр].

АИА соли 2021 кумакҳои АМА ба Тоҷикистон [3, 2021. – 28 апрел], аз ҷониби Ҷамъияти хайриявии Шарҷа ба 4 лоиҳаи нав дар Тоҷикистон санги асос гузоштан [3, 2021. – 8 июл], бозгиди ҳайати «Дору-л-барр» аз ҷараёни 13 лоиҳаи рушд дар Тоҷикистон [3, 2021. – 14 ноябр], баррасии густариши ҳамкориҳо бо

Тоҷикистон аз ҷониби «Фонди башардӯстонаи Зоид» [3, 2021. – 14 декабр] ва ғайра ташкил медиҳад.

Дар соли 2022 низ дар такя ба сафари корӣ ва суханони Раиси бахши лоиҳаҳо ва кумакҳои ин ҷамъият Муҳаммад Ҳамдон аз-Зарӣ ба матлабе вохӯрдем, ки аз оғози сафари корӣ ҳайат аз ифтитоҳи мактаб бо номи «Иқра» **(**Бихон! إقرأ**)** дар деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик ва дармонгоҳи тиббии «Ас-Саҳоба» дар деҳаи Гулрези ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дарак медиҳад. Сомона ёдовар шудааст, ки ин лоиҳа дар доираи барномаи «Биё меомӯзем» (هيا نتعلم) барои дастгирии барномаҳои таълимӣ амалӣ мешавад. Инчунин, тақсими сару либоси мактабӣ, сумка ва асбобу анҷоми мактабӣ барои 200 нафар кӯдакони оилаҳои ниёзмандро дар бар мегирад. АИА хабар додааст, ки ҳайат дар ҷараёни сафар ҷиҳати муайян намудани талаботи ноҳияҳои дурдаст ва ҳаҷми хизматрасоние, ки сокинони ин ноҳияҳо ба таври таъҷилӣ эҳтиёҷ доранд, бо масъулини Кумитаи корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрӣ намудаанд. Ҳамзамон, ҳайат эҳтиёҷоти Донишкадаи таълимии санъат ва ҳунарҳои мардумиро, ки барои кӯдакони ятим ва маъюбон пешбинӣ шудааст, мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати оғоз намудани таъмини он ҷораҳо меандешад [3, 2022. – 21 сентябр].

АИА солҳои 2022-2023 ду мавод бо сарлавҳаҳои якхела «Ҳайати «Хайрияи Шарҷа» аз лоиҳаҳои донории ин ҷамъият дар Тоҷикистон дидан мекунад» чоп кардааст. Дар гузориши соли 2023 зикр шудааст, ки ҳайати корӣ таҳти сарварии Муҳаммад Ҳамдон аз-Зарӣ – Раиси бахши лоиҳаҳо ва кумакҳои ин иттиҳодия ба Тоҷикистон сафар карданд. АИ дар такя ба суханони Муҳаммад Ҳамдон аз-Зарӣ хабар додааст: «Дар ҷараёни сафар дар деҳаи Чорбоғи «шаҳри» Балхи вилояти Хатлон дар масоҳати 550 метри мураббаъ ба маблағи 650 ҳазор дирҳам мактаби «ал-Муҳсинун» (**المحسنون**) ифтитоҳ шуд. Мактаб ба ғайр аз биноҳои хидматрасонӣ, аз 8 синфхона, утоқҳои маъмурӣ ва китобхона иборат буда, метавонад 400 хонандаро дар ду баст фаро гирад. Ҳамчунин ин сафар 20 ҷарроҳии беморони чашм ва дар чаҳорчӯби маъракаи «Дилҳои хурдакак» 10 амалиёти катетеризатсияи дили кӯдаконро дар бар мегирад. Ҳайати ин

иттиҳодия ҳамчунин, дар чаҳорчӯбаи маъракаи «Зимистони гарм» ба беш аз 400 оилаи ниёзманд маводди гармидиҳӣ, сарпӯшҳои вазнин ва сабади ғизоӣ тақсим кард» [3, 2023. – 14 март]. Агентӣ дар ин хабар ноҳияи Ҷалолиддини Балхиро ба сифати «шаҳри Балх» унвон кардааст, ки хонандаро ба иштибоҳ мебарад. Зеро Балх ҳамчун шаҳр дар Афғонистон воқеъ аст.

АИА соли 2024 иттилоъ додааст, ки Муассисаи корҳои хайриявии «Ас-Сақр» (مؤسسة صقر بن محمد القاسمي للأعمال الخيرية) дар Тоҷикистон дар иҷрои тарҳҳои мухталиф, аз қабили сохтмони мактабҳо, кофтани чоҳҳо, таъмини хонаҳои истиқоматӣ барои бевазанону ятимон ва расонидани кумаки ғизоӣ ба оилаҳои ниёзманд ба маблағи умумии тақрибан «3 773 000 дирҳам ҷудо намудааст» [3, 2024. – 3 сентябр].

Умуман, дар маводди алоқаманд ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф, инфрасохтор, об ва кумакҳои изтирорӣ (COVID-19)-и агентии иттилоотӣ, Аморот ҳамчун давлати масъул дар ҷомеаи байналмилалӣ, ҷонибдори рушди босуботи Тоҷикистон ва шарики боэътимоди он инъикос гардидааст.

Мавзуи дигари мавриди таваҷҷуҳи ин Агентии иттилоотӣ қароргирифта инъикоси робитаҳои фарҳангии байни ҳар ду кишвар мебошад. Маводди ««Ҳафтаи мероси тоҷикӣ» дар Шарқа» [3, 2018. – 22 январ], «Суханронӣ дар донишгоҳи Тоҷикистон перомуни зебоиҳои дипломатияи фарҳангии АМА ва Тоҷикистон» [3, 2018. – 6 май], «Ҳайати донишкадаи дипломатияи фарҳангӣ дар ҷашнҳои иди Наврӯзи Тоҷикистон иштирок мекунад» [3, 2022. – 29 март]-ро ҳамчун муште аз хирвор ин ҷо метавон зикр кард.

Дар маводди аввал ««Ҳафтаи мероси тоҷикӣ» дар Шарқа» (انطلاق أسبوع التراث الطاجيكي في الشارقة) аз ташкилкунандаи намоиш – Донишкадаи мероси Шарқа, иштироки Раиси донишкадаи мазкур доктор Абдулазиз ал-Муслим, Сафири Фавқулодда ва мухтори Тоҷикистон дар АМА Шарифӣ Баҳодур Маҳмудзода, намояндагони ҳайати Тоҷикистон, устодону мутахассисони донишкада ва ҳаводорони мероси фарҳангӣ таъкид шудааст. Агентӣ дар такя ба суханони доктор Абдулазиз ал-Муслим аз муносибатҳои ҳасанаи Тоҷикистону Аморот ёдовар шуда, қайд кардааст, ки Тоҷикистон соҳиби меросу тамаддуни қадима ва

ғанӣ аст ва намоиши расму русум, санъати миллӣ, мусиқии халқӣ, либос ва хӯрокҳои мардумӣ имконият медиҳад, ки ҳаводорони фарҳанг ба мероси таърихии тоҷик аз наздик шинос шаванд. Ҳамчунин, дар гузориш дар такя ба суханони сафири Тоҷикистон дар АМА зикр шуда, ки муносибатҳои ҳамкорӣ, аз ҷумла, ҳамкориҳои фарҳангӣ байни Тоҷикистону давлати Аморот дар ҳоли густариш аст. Хулосаи гузориш он аст, ки ҳар ду ҷониб аз ташкили намоиши фарҳангӣ ҷиҳати муаррифии тамаддунҳои ҳамдигарӣ изҳори қаноатмандӣ кардаанд.

Агентӣ соли 2018 доир ба воқеа ва робитаҳои фарҳангӣ чор мавод ба табъ расонидааст, ки аз робитаҳои хуби фарҳангии Тоҷикистону АМА шаҳодат медиҳад. Аз ин теъдод се мавод ба сафари ҳайати фарҳангии намояндагони АМА ба Тоҷикистон, ки аз 5-ум то 12 майи 2018 давом кардааст, иртибот дорад. Аз ҷумла, дар матлаби «Суханронӣ дар донишгоҳи Тоҷикистон перомуни зебоиҳои дипломатияи фарҳангии АМА ва Тоҷикистон» аз баромади Раиси донишкадаи байналмилалии дипломатияи фарҳангии Дубай – доктор Муҳаммад Комил ал-Муъайн дар ДМТ сухан меравад. Вохӯрӣ дар ҳошияи Намоиши фарҳанги араб дар Тоҷикистон баргузор гаштааст. Мавсуф аз сатҳи равобити муносибатҳои фарҳангии байни кишварҳоямон ситоиш карда, аз ҷумла, зикр мекунад: «Фарҳанг василаи барҷастаи наздикшавӣ ва гуфтугӯйи ҷомеаҳо ба ҳисоб меравад ва дар наздиккунонии нуқтаҳои назар, тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми мутақобила саҳми босазо дорад» [3, 2018. – 12 май].

Дар маводди «Ҳайати донишкадаи дипломатияи фарҳангӣ дар ҷашнҳои иди Наврӯзи Тоҷикистон иштирок мекунад» (وفد معهد الدبلوماسية الثقافية يشارك طاجيكستان احتفالاتها بأعياد النوروز) омадааст, ки Донишкадаи байналмилалии дипломатияи фарҳангии Дубай таҳти сарварии Ректори донишкада – доктор Муҳаммад Комил ал-Муайнӣ дар таҷлили иди Наврӯзи имсолаи Тоҷикистон ширкат кард. Иттилоъ додааст, ки ҷашнвора дар ҷануби кишвар бо ҳузури Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки вай ба ҷаҳониён паёми сулҳ ирсол кард: «Давлати Тоҷикистон байни қишрҳои мухталифи мардум аз амнияту субот бархӯрдор аст».

Ҳайат аз чанд манотиқи муҳимми таърихӣ ва сайёҳии Тоҷикистон, аз ҷумла, қалъаи Ҳисор, қасри Наврӯз ва Сафеддара дидан кардааст. Муҳаммад Комил ал-Муайнӣ дар хотимаи хабар ба ҳамкориҳои АМА ва Тоҷикистон баҳои баланд дода, тавзеҳ додааст, ки сафарҳои Донишкадаи байналмилалӣ ба манфиати таҳкими равобит дар бахшҳои фарҳангӣ мебошад [3, 2022. – 29 март].

Матолиби фарҳангӣ дар баланд гардидани нуфузи мусбати фарҳангии Тоҷикистон таъсир мегузорад. Дар чунин мавод Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои мероси куҳан, тамаддуни ғанӣ ва шарики фарҳангӣ шинохта мешавад.

АИА дар баробари инъикоси муносибату ҳамкориҳо ба ҳаводису воқеаҳои Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Чунончи, хабар таҳти унвони «Сарвари давлат ва ду муовини ӯ ба Президенти Тоҷикистон барои қурбониёни сел изҳори ҳамдардӣ карданд». Дар ин мавод номаи тасаллияти Президенти АМА – Муҳаммад ибни Зоид Оли Наҳён, ноиби Президент ва Сарвазири Аморот – Шайх Муҳаммад бин Рашид Оли Мактум ва ноиби Президенти АМА, муовини Сарвазир ва Вазир девони Аморот – Шайх Мансур бин Зоид Оли Наҳён дар нисбати боришоти зиёд ва обхезие, ки боиси ҳалокату захмӣ шудани шумораи одамон дар Тоҷикистон гардид, ҷой дода шудааст [3, 2023. – 1 сентябр].

Ба ҳамин монанд, АИА моҳи феврали 2023 таҳти сарлавҳаи «Заминларзаи 6,8 дараҷа дар шарқи Тоҷикистон рух дод» хабари кӯтоҳ ба табъ расонида, дар такя ба хадамоти геологии ИМА иттилоъ додааст, ки субҳи имрӯз дар шарқи Тоҷикистон заминларза ба шиддати 6,8 дараҷаи ҷадвали Рихтер рух додааст. Маркази заминларзаро дар умқи 20,5 километри шарқи Тоҷикистон дар марз бо Афғонистон ва 65 километрии ғарби Мурғоб дар наздикии вилояти Шинҷони Чин арзёбӣ карда, таъкид намудааст, ки талафоти ҷонӣ нест [3, 2023. – 23 феврал]. Хабарҳо дар бораи заминларза ва сел услуби кӯтоҳ ва иттилоотӣ доранд.

АИ дар баробари воқеаҳои мудҳиши табиӣ, амсоли боришоти сахту обхезӣ, заминларза, инчунин, ба воқеаҳои таърихии Тоҷикистон низ, таваҷҷуҳ намудааст. Ба гунаи далел, он соли 2019 роҷеъ ба кушодашавии агрегати дуюми НБО-и ««Роғун»» таҳти сарлавҳаи «Президенти Тоҷикистон марҳилаи дуввуми тарҳи неругоҳи «Роғун»-ро ифтитоҳ мекунад» мавод интишор намуда, роҷеъ ба

НБО-и ««Роғун»» маълумоти муфид пешниҳод кардааст. Аз ҷумла зикр кардааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи марҳилаи (агрегат) дуюми лоиҳаи НБО-и ««Роғун»» таъкид кардааст, ки неругоҳи барқӣ тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ва бехатарӣ бо истифода аз технологияҳои навтарин сохта мешавад. Ҳамчунин, изҳор доштааст, ки бунёди неругоҳҳои обӣ дар рӯдхонаҳои Тоҷикистон ба таъмини мувозинати тавлиди неруи барқ, масраф ва таъмини мудирияти устувори об ва коҳиши камбуди неруи барқ дар минтақа мусоидат мекунад. Агентӣ менависад: «Сохтмони сарбанд ва НБО-и ««Роғун»» 29-уми октябри соли 2016 оғоз гардида, 16-уми ноябри соли 2018 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон агрегати якуми неругоҳро ба истифода дод. НБО-и ««Роғун»» бо иқтидори 3600 мегаватт (беш аз 17 млрд. киловатт-соат) бузургтарин неругоҳи барқи обии минтақа хоҳад буд ва феълан дар обанбори «Роғун» дар маҷмуъ 200 млн. метри мукааб об захира шудааст. «Роғун» дар болооби дарёи Вахш, дар 90-километраи пойтахти Тоҷикистон воқеъ аст». АИ ёдовар шудааст, ки ин лоиҳа бори нахуст дар авохири солҳои 70-уми асри гузашта оғоз шуда буд, аммо пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ соли 1991 қатъ шуд. Ҳоло як ширкати итолиёвӣ (номаш зикр нашудааст) ин тарҳро назорат мекунад, ки арзиши он 3,9 млрд. доллярро ташкил медиҳад. Ҳадафи неругоҳ ду баробар афзоиш додани тавлиди неруи барқ дар Тоҷикистон, рафъи норасоии неруи барқи маҳаллӣ ва содироти барқи изофӣ ба кишварҳои ҳамсоя мебошад. Ҳоли ҳозир дар сарбанд беш аз 60 ширкат аз Тоҷикистон, Итолиё ва Олмон кор мекунанд. Лоиҳа бояд то соли 2028 анҷом шавад. Дар назар аст, ки «бо баландии 335 метр баландтарин сарбанди НБО дар ҷаҳон хоҳад шуд ва то имрӯз 70 %-и лоиҳа иҷро шудааст» [3, 2019. – 9 сентябр].

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки инъикоси бунёди Неругоҳи барқи обии ««Роғун»» Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ, шарики фаъоли бозори минтақавии барқ ва субъекти боэътимод дар таъмини амнияти энергетикии минтақавӣ нишон додааст.

Ҳамчунин, номи Тоҷикистон дар 9 ахбори варзишӣ (ҳамчун узви мусобиқоти Ҷоми Осиё) ва 15 ахбори гуногун (ҳамчун узви созмонҳои

Ба монанди ин, агентӣ тавзеҳ додааст, ки «Ҷонибҳо нишасти аввалинро дар қолаби «Осиёи Миёна-Халиҷ» рӯйдоди муҳим дар таърихи муосири робитаҳои машваратҳои ду минтақа арзёбӣ карда, изҳори итминон намуданд, ки натиҷаҳои он ба тақвияти риштаҳои дӯстӣ ва пешбурди ҳамкориҳои судманди ҷонибҳо мусоидати муассир хоҳанд кард».

АИ «Азия-Плюс» роҳандозӣ ва тақвияти муколамаи стратегӣ миёни давлатҳои Осиёи Миёна ва аъзои Шурои ҳамкории КАХФ-ро муҳим арзёбӣ намуда, дар хотимаи матлаб ёдовар шудааст, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори панҷум маросими ҳаҷҷи умраро адо кард.

Яке аз матлабҳое, ки зери рубрикаи «Сиёсат» ба нашр расонидааст, тасмими Арабистони Саудӣ барои ҳамроҳ шудан ба Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) аст. Бино ба иттилооти «Азия-Плюс» 30-юми марти соли 2023 Девони вазирони Арабистони Саудӣ таҳти раёсати шоҳ Салмон бин Абдулазиз ас-Сауд дар бораи

ба Шоҳигарӣ додани мақоми шарики муколамаи СҲШ ёддошт ба тасвиб расонд. Мақоми шарики муколама қадами аввалин дар созмон пеш аз пазируфтан ба узвияти комилҳуқуқ дар давраи миёнамуҳлат маҳсуб меёбад. Ин тасмим дар пайи эълони ширкати нефту гази «Saudi Aramco» дар бораи афзоиши сармоягузории бисёрмиллиардааш ба Чин гирифта шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки расонаи иттилоотии «Pressa.tj» низ худи ҳамон рӯз, яъне 30.03.2023 роҷеъ ба ин масъала бо сарлавҳаи «Арабистони Саудӣ узви СҲШ шуданист» дар бахши «Ҷаҳон» низ матлаб чоп кардааст. Мазмуну муҳтавои ҳар ду мавод як хел аст, фақат сарлавҳаҳо услубан фарқ мекунанд.

Маводди бахши «Ҷомеа» (23 мавод) асосан ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва ШАС дар самти фарҳангу маориф (рӯзҳои фарҳангӣ, масоили ҳаҷ, сохтмони мактабҳо …)-ро инъикос намудааст, ки матолиби «35 млн. доллар маблағи Фонди Саудии Рушд барои сохтмони мактабҳо дар Тоҷикистон» [5, 2017. – 18 май], «Фонди Саудӣ дар Тоҷикистон 66 мактаб месозад» [5, 2017. – 2 октябр], «Дар Шаҳринав аз ҷониби ФСР мактаби нав аз 36 синфхона барои 620 нафар хонанда бунёд ва ба истифода дода шуд» [5, 2023. – 6 октябр], «Бихон дар Саудия» [5, 2023. – 13 сентябр] намунае аз онҳост.

Чунон ки аз унвони матолиб бармеояд, мазмуни аксарияти матнҳоро воқеаҳое ташкил медиҳанд, ки рӯҳияи кумаку мадад ва хайру саховат доранд. Ба далели фикр, дар матни аввал, ки дар такя ба АМИТ «Ховар» таҳия шудааст, қайд гардидааст, ки «дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ маросими баимзорасии созишномаи қарзӣ миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Фонди Саудии Рушд оид ба татбиқи лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳалаи 4» баргузор гардид. Тибқи созишнома ФСР ҷиҳати иҷрои лоиҳа дар ҳаҷми 131 250 000 риёл (баробар ба 35 млн. доллар) маблағи пулӣ ҷудо кард. Дар назар дошта шудааст, ки татбиқи лоиҳа соли 2023 ба анҷом расад. Дар матлаб номи ноҳияҳое, ки мактабҳо сохта мешавад, зикр гардидааст.

Дар маводди дуюм, дар хусуси тасдиқи созишномаи қарзӣ аз рӯйи лоиҳаи сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар кишвар аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон иттилоъ дода

шудааст. Аз ҷумла, агентӣ ёдовар шудааст, ки Созишнома нимаи моҳи май байни Фонди Саудӣ ва Тоҷикистон ба имзо расида буд.

Воқеан, аз маводди ВАО, аз ҷумла АИ «Азия-Плюс» бармеояд, ки ФСР ба Тоҷикистон дар самти бунёди мактабҳо кумаки зиёд намудааст. Дар ин агентӣ, танҳо дар соли 2023 доир ба сохтмони мактабҳо аз ҷониби Фонди мазкур (الصندوق السعودي للتنمية) 5 мавод интишор гардидааст, ки дар онҳо дар бораи сохта ва ба истифода додани мактаб дар ноҳияи Шаҳринав дар доираи 36 синфхона барои 620 нафар хонанда, таҳсили ройгон (квота) дар ШАС, таъсиси барномаи «Бихон дар Саудия» ва дигар маблағгузориҳои ФСР дар соҳаи маорифи Тоҷикистон иттилоъ дода шудааст.

Тибқи иттилои «Азия-Плюс», ки аз суханони ифтитоҳии Султон ибни Абдураҳмон ар-Муршад иқтибос шудааст: «Фонди саудии рушд бо назардошти аҳаммияти таълим тасмим гирифтааст, соҳаи маорифи Тоҷикистонро дастгирӣ кунад».

Ҳамкории ФСР бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи беш аз 20-соларо дорад. Тибқи иттилои агентӣ, мактаби Шаҳринав дар доираи лоиҳае сохта шудааст, ки марҳилаи чоруми он бунёди 34 мактабро барои истифодаи тақрибан 25 ҳазор талаба дар манотиқи гуногуни Тоҷикистон пешбинӣ кардааст. Ин мактабҳо бо маблағгузории ФСР тавассути ҷудо кардани қарзи имтиёзноки рушд ба маблағи 35 млн. доллар сохта мешаванд. Тибқи сухани муовини вазири маориф ва илми Тоҷикистон Зиёдулло Абдуллозода ФСР чор лоиҳаи рушди соҳаи маорифро маблағгузорӣ кардааст, ки он 57 мактаби таҳсилоти умумиро дар чор марҳила ба маблағи умумии 75 млн. доллар дар бар мегирад.

Мувофиқи иттилооти агентӣ «маблағгузории лоиҳаҳо ва барномаҳои рушд, ки ФСР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 ин ҷониб анҷом додааст, 12 қарзи имтиёзнок ба маблағи зиёда аз 193 млн. доллар барои иҷрои 12 лоиҳа ва барномаи рушд мебошад, ки он ба рушди зерсохтори соҳаҳои тандурустӣ, маориф, таъмини об, ҳамчунин дастгирии соҳаи нақлиёту коммуникатсия дар Тоҷикистон равона карда шудааст».

Дастгирии дигари ШАС дар соҳаи маорифи Тоҷикистон таҳсили ройгони шаҳрвандони тоҷик дар ин кишвар аст, ки тибқи барномаи «Бихон дар Саудия» амал мекунад. АИ «Азия-Плюс» ин иқдомро бо хушнудӣ пазируфта, дар матолиби худ афзудааст, ки «теъдоди зиёди донишгоҳҳои Саудӣ дар қатори 200 беҳтарин донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон қарор гирифтаанд. Донишгоҳҳо дорои марказҳои тадқиқотии пешрафта буда, ба донишҷӯёни хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд ва ҳоло дар ШАС намояндагони беш аз 170 давлати ҷаҳон дониш меомӯзанд».

Воқеиятҳои дигаре, ки дар «Азия-Плюс» ба таври пайваста инъикос гардидаанд, ба амали ҳаҷ ва масъалаҳои алоқаманд ба он иртибот доранд. Матлабҳои «Оғози омодагиҳо ба қабули зойирини тоҷик дар Арабистони Саудӣ» [5, 2016. – 19 август], «Фавти ду тоҷикистонӣ зимни адои маросими ҳаҷ дар Арабистони Саудӣ» [5, 2019. – 15 август], «Ҳаҷи имсола зери суол аст. Омодагӣ идома дошта, аз Арабистони Саудӣ огоҳиро интизоранд» [5, 2020. – 17 апрел], «Саудӣ ба шаҳрвандони Тоҷикистон иҷозаи Ҳаҷҷро дод» [5, 2020. – 29 октябр], «Танҳо воксиншудаҳо: Саудӣ аз шартҳои қабули зоирин ба Ҳаҷ хабар дод» [5, 2021. – 6 апрел], «Квота каму хоҳишмандон зиёд. Арабистони Саудӣ теъдоди квотаҳо барои зойирини тоҷикро муайян кард» [5, 2022. – 25 апрел], «Дар Тоҷикистон барои Ҳаҷ рафтан 5 ҳазор навбат гирифтаанд: мунтазири даъвати Арабистони Саудӣ» [5, 2022. – 11 апрел], «Сафорати Арабистони Саудӣ: «Мо дар Тоҷикистон визаи Ҳаҷ намефурӯшем, раводид ройгон аст» [5, 2022. – 14 феврал], «Ҳаҷ – 2023. Арабистони Саудӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон 7 ҳазор квота ҷудо кард» [5, 2023. – 16 январ], «Ҳаҷ. Аз 25 ҳазор квотаи ба Русия ҷудошуда шаҳрвандони Тоҷикистон истифода бурда метавонанд?» [5, 2023. – 11 январ] ва амсоли ин воқеиятҳоеро мунъакис намудаанд, ки ба масоили ҳаҷ, дастгирии Арабистони Саудӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон ва дигар ҳолатҳои барои анҷоми ҳаҷ сабукиоварандаро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, дар матни таҳти сарлавҳаи «Сафорати Арабистони Саудӣ: «Мо дар Тоҷикистон визаи Ҳаҷ намефурӯшем, раводид ройгон аст» зикр гардидааст, ки «Раводиди ҳаҷ ва умра барои ҳоҷиёну зоирини Маккаи мукаррама ройгон аст ва раводиди ҳаҷҷи умраро

аз сафорат ширкатҳои махсус, ки аз Кумитаи дини Тоҷикистон иҷозатнома доранд, бе ягон пардохт мегиранд» [5, 2022. – 14 феврал]. Густариши робитаҳои гуманитарии байни ду кишвар асосан дар самти барномаҳои фарҳангӣ, ташаббусҳо дар соҳаи маориф, аз ҷумла, омӯзиши забони арабӣ ва табодули донишҷӯён сурат гирифтааст. Илова бар ин, дар маводди агентӣ масъалаи ташкили мавсими ҳаҷ ва сафарҳои шаҳрвандони Тоҷикистон ба зиёрати шаҳрҳои муқаддаси Макка ва Мадина низ пайваста инъикос ёфтааст.

Чопи чунин матолиб муҳим ва саривақтӣ будааст, зеро тибқи баъзе расонаҳо гӯё дар Тоҷикистон барои сафари ҳаҷ монополия ва монеаҳои сурат мегирифтааст. АИ «Азия-Плюс» дар такя ба шарҳи Сафорати ШАС дар Тоҷикистон матолиб чоп намуда фаҳмонидааст, ки раводиди ҳаҷи умра аз Сафорат содир мешавад ва он чӣ дар хабарҳо омадааст, ҳеҷ асосе надорад.

Мавриди зикр аст, ки дар рубрикаи «Ҷомеа» инъикоси кумакҳои башардӯстонаи ШАС ба Тоҷикистон мавқеи намоён дорад. Аз таҳқиқи маводди вобаста ба ин мавзуъ интишорнамудаи АИ «Азия-Плюс» маълум мегардад, ки солҳои охир фонд ва марказҳои гуногуни ин кишвар, аз ҷумла Фонди Саудии Рушд ва Маркази кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон барои тарҳҳои гуногун, аз ҷумла, кумак ва дастгирии муҳтоҷон, зарардидагони офатҳои табиӣ, бунёди мактабҳо, соҳилбандиҳо дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон, тақдими таҳҷизот барои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Тоҷикистон маблағҳо ҷудо намудаанд. Ба далели фикр, ин ҷо чанд матлабро ёдовар мешавем, ки танҳо бо хондани сарлавҳаи онҳо аз амалҳои хайр ва ёриҳои башардӯстонаи Арабистони Саудӣ дарак меёбем. Аз ҷумла, «Кумаки техникии Арабистони Саудӣ ба мақомоти Тоҷикистон» [5, 2018. – 28 декабр], «Сафири Саудӣ ба хонандагони литсейи махсуси Душанбе сару либосу ҳадяҳо тақдим кард» [5, 2022. – 1 феврал], «Арабистони Саудӣ ба беш аз 9 ҳазор хонаводаи ниёзманди Тоҷикистон кумак мерасонад» [5, 2022. – 17 феврал], «Арабистони Саудӣ ба 600 ятими тоҷик ҳар моҳ 100 доллар медиҳад. Ин пулро кӣ мегирад?» [5, 2022. – 31 март], «Арабистони Саудӣ ба осебдидагони ВМКБ 1,5 млн доллар кумак мефиристад» [5, 2023. – 23 феврал]. Чунонки, аз шакли сарлавҳаҳо бармеояд,

ҳаҷми маблағҳои ба сифати ёрӣ ҷудошуда бо факту рақам нишон дода шудааст. Бинобар ин, ин ҷо ба ҳукми муште аз хилвор баъзе порчаҳои матнҳоро, ки хусусияти ташреҳӣ доранд, иқтибос мекунем. Чунончи бо хондани сарлавҳаи матни «Арабистони Саудӣ ба 600 ятими тоҷик ҳар моҳ 100 доллар медиҳад. Ин пулро кӣ мегирад?, мо дар бораи теъдоди ятимон ва маблағи ҳар моҳ ба онҳо медодашуда иттилоъ мегирем, аммо барои посух гирифтан ба қисми дуюми сарлавҳа – «ин пулро кӣ мегирад?» лозим меояд, ки матнро хонем. Ин савол дар матн чунин шарҳ ёфтааст: «Ин дастгириҳо тавассути Маркази имдод ва кумакҳои башардӯстонаи шоҳ Салмон расонида мешаванд ва тарҳро дар Тоҷикистон Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон амалӣ месозад» [5, 2022. – 31 март].

Тибқи иттилои агентӣ сафири ШАС дар Тоҷикистон Валид бин Абдураҳмон ар-Рашайдон дар маросими имзои ин созишнома гуфтааст, ки лоиҳаи нав марҳилаи дуюми тарҳ буда, аз ин пештар ба 500 ятим ҳар моҳ 100 доллари амрикоӣ расонидани ёриҳоро оғоз кардаанд ва кунун бо илова шудани 600 ятими дигар, шумораи умумии гирандагони ин ёриҳо ба 1100 ятим расид. Сафир дар посух ба нигарониҳо дар робита ба тақсими шаффофу одилонаи ёриҳо гуфтааст, ки «Маркази имдоди Шоҳ Салмон таҷрибаи калони расонидани ёриҳоро дар сар то сари ҷаҳон дорад ва мо аз наздик пайгирӣ мекунем, ки ин кумакҳо дар воқеъ ба онҳое бирасад, ки фақиртаринанд ва ба ин ниёз доранд» [5, 2022. – 31 март].

Дабири кулли Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон – Баҳодур Қурбониён дар навбати худ изҳор доштааст, ки пулҳоро ба кӯдакони ятим тавассути кушодани корти бонкӣ ба онҳо мерасонанд. Ба гуфтаи ӯ онҳо ятимонеро, ки ин ёриҳоро мегиранд дар асоси пешниҳоди ҳукуматҳои маҳаллӣ, ки аз ҷониби комиссияҳои босалоҳият баргузида шудаанд, интихоб мекунанд ва баъдан рӯйхати пешниҳодии ҳукуматҳои маҳаллиро бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дигарбора месанҷанд.

Мавзуи дигаре, ки вобаста ба таҳқиқоти мо дар АИ «Азия-Плюс» инъикос гардидааст, воқеиятҳои фарҳангӣ мебошад. Аз ҷумлаи воқеиятҳои муҳимми фарҳангӣ метавон маросими расмии ифтитоҳ ва баргузории Рӯзҳои фарҳанги

Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айниро ном бурд, ки соли 2018 баргузор шудааст. Мувофиқи иттилооти АИ «Азия Плюс» дар ифтитоҳи ин чорабинӣ ба сокинон ва меҳмонони пойтахт барномаи ҷолиби фарҳангӣ пешкаш гардида, намоишгоҳи ҳунарҳои мардумии ин кишвар, сарулибоси миллӣ, асарҳои рассомон ва таомҳои миллии арабӣ ба маърази тамошо гузошта шудааст.

АИ «Азия Плюс» дар бахши «Ҷомеа» на танҳо воқеоти кишвари ШАС, балки ба рӯйдодҳои дохили Тоҷикистон, ки ба ҳамкориҳои кишварҳо иртибот доранд, низ таваҷҷуҳ намудааст. Намунаи ҷолиби чунин мавод амалу рафтори хайрхоҳона ва инсондӯстонаи сокини ноҳияи Айнӣ Асадулло Садриддинов аст, ки сафири Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон Валид бин Абдураҳмон ар-Рашайдон ва ҳамроҳони ӯро ҳангоми бозгашт аз ноҳияи Мастчоҳ, барои ифтор ба хонаашон даъват карда будааст. Чунин муносибати ин ҷавонмард сафир ва ҳамроҳонашро ба ҳайрат гузоштааст, ки баъдан барои ӯ ва оилааш раводиди ҳаҷи умра тақдим кардааст. Агентӣ дар таърихи 7-уми апрели 2023 навиштааст, ки «ҷавон Асадулло Садриддинов (сокини ноҳияи Айнӣ) сафир ва ҳамроҳони ӯро, ки баъди тақсими кумакҳо аз манотиқи аз заминларза зарардида (ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ) бармегаштанд, ба хонаи худ барои ифтор даъват кардааст. Тибқи иттилои манбаъ «Меҳмоннавозии ин ҷавон онҷунон ба меҳмонон аз Арабистони Саудӣ хуш омад, ки сафири Арабистони Саудӣ иброз дошт, ки омодааст барои рафтани ӯ ба ҳаҷи умра мусоидат кунад» [5, 2023. – 07 апрел]. Раҳбари маркази кумакҳои хайриявии шоҳ Салмон омодагии худро барои пардохти харҷи сафари ҳаҷи умраи Асадулло ва ҳамсараш баён доштааст.

Агар дар ин матлаб рафтору амали як нафар ҷавони тоҷик аз ҷониби Сафири ШАС таҳсин шуда бошад, дар матлаби «Сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ: «Ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зери назорати қатъӣ аст», сафорат таъкид намудааст, ки ҳукми содиршуда нисбати шаҳрванди Тоҷикистон мустақилии мақомоти судии Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии давлатиро инъикос менамояд, бо вуҷуди он дар иттилоия номи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба гунае ёдовар гардидаст, ки ифодагари ҳақиқати ҳол дар Шоҳигарӣ намебошад.

Барои тасдиқи суханони худ сафорат ёдовар шудааст, ки дар қаламрави Шоҳигарӣ 13,4 млн. шаҳрвандони хориҷӣ кору фаъолият намуда, муҳоҷирони меҳнатӣ аз тамоми ҳуқуқҳо ва парасторӣ бархӯрдор мебошанд ва Ҳукумати Арабистони Саудӣ ҷиҳати кафолати ҳуқуқи онҳо ба Кодекси меҳнатӣ тағйироту иловаҳо ворид кардааст. Ширкатҳои дахлдор оид ба ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ дар Шоҳигарӣ танҳо тибқи иҷозатномаи расмӣ фаъолият карда, кафолати тамоми ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зери назорати қатъӣ гирифта шудааст. Теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ ба ШАС сол ба сол афзуда, моҳона ба кишварҳояшон 3 млрд. доллар ва солона 36 млрд. доллар-ро интиқол медиҳанд.

Дар бахши «Иқтисод»-и АИ «Азия Плюс», ки баррасии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни Тоҷикистон ва Арабистони Саудиро фаро мегирад, 27 мавод мушоҳида шуд. Аз ҷумла, «Форуми муштараки сармоягузорӣ ва соҳибкорони ШАС ва вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд» [5, 2018. – 10 май], «Фонди ОПЕК барои беҳбуди идоракунии захираҳои обии Хатлон 10 млн. евро ҷудо мекунад» [5, 2019. – 19 сентябр], «Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон 25 тонна хурмо ҳадя кард» [5, 2022. – 16 май], «Зардолуи Ашт ба Эрону Дубай ва Арабистони Саудӣ фурӯхта мешавад» [5, 2023. – 8 июн], «Фонди саудии рушд ба Тоҷикистон 20 млн. доллар қарз медиҳад» ва «Арабистони Саудӣ барои идомаи сохтмони неругоҳи ««Роғун»» 100 млн. доллар медиҳад» [5, 2023. – 26 декабр] ва амсоли инҳо.

Барои мухтасар намудани баррасиҳо ду маводди охирро, ки ҳар ду ҳам сармоягузории ШАС дар иқтисоди Тоҷикистонро фаро гирифтааст, таҳлил мекунем.

Дар маводди якум омадааст, ки Тоҷикистон аз Фонди Саудии Рушд барои сохтмону муҷаҳҳазгардонии қариб 20 мактаб дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ 75 млн. риёли саудӣ ё 20 млн. доллари америкоӣ «бо шартҳои имтиёзии баланд» қарз мегирад. Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии як қатор мактабҳои миёна, марҳилаи 5» байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФСР-ро Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи октябри 2023 имзо кард ва 22-юми декабр парлумони Тоҷикистон

ба тасвиб расонд. АИ «Азия-Плюс» дар такя ба нашрияи расмии парлумони Тоҷикистон «Садои мардум» бо истинод ба суханони вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода хабар додааст, ки қарз «бо шартҳои имтиёзии баланд», яъне ба муддати 25 сол бо 1,5 фоизи солонаи хидматрасонӣ гирифта мешавад ва ҳадафи лоиҳа «сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии 19 мактаб, 2 бинои маъмурии соҳаи маориф дар 18 шаҳру ноҳияи вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад». Бино ба маълумоти агентӣ «лоиҳа аз 3 қисм иборат буда, аз соли 2024 оғоз ва то соли 2028 бояд амалӣ шавад.

Маводди дуюм дар такя ба дафтари матбуоти Вазорати молияи кишвар таҳия шуда, аз имзои расидани созишномаи қарзӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Фонди Саудии Рушд иттилоъ медиҳад, ки дар он маблағгузорӣ ба идомаи сохтмони неругоҳи ««Роғун»» аз ҷониби ин фонд пешбинӣ шудааст. Созишнома аз ҷониби вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва раиси ФСР Султон Абдураҳмон ал-Маршад ба имзо расид. Ба қавли вазорат «Ҳадафи асосии созишнома иштирок дар маблағгузории сохтмони иншооти НБО-и ««Роғун»» ҷиҳати таъмини неруи барқи барқароршаванда барои афзоиши истеҳсол ва пешбурди «иқтисоди сабз» дар Тоҷикистон мебошад». Мувофиқи қарордод ФСР барои идомаи сохтмони неругоҳи ««Роғун»» дар ҳаҷми 100 млн. доллар қарз медиҳад. Дар мавод роҷеъ ба шартҳои додани қарз, аз ҷумла, меъёри фоизӣ, муҳлати пардохти қарз маълумот дода намешавад.

Воқеаи дигари фараҳбахше, ки АИ «Азия-Плюс» дар бораи он иттилоъ додааст, таъсиси корхонаи муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ аст. Агентӣ бо истинод ба шуъбаи матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ хабар додааст, ки ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи кишоварзӣ дар марҳилаи рушд қарор дошта бошанд ҳам, ҷиҳати тақвияти онҳо манфиати мутақобила, хоҳиши тарафайн ва иқтидори бузург мавҷуд аст. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар рӯзҳои наздик Созишнома ва Ёддошти тафоҳум байни Вазоратҳои кишоварзии давлатҳо доир ба ҳамкориҳо барои ташкил намудани корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили корхонаҳои истеҳсоли шарбати мева ва

хушконидани мева, ҷалби сармояи бахши хусусии Саудӣ ҷиҳати ташкил намудани гармхонаҳо, анбор ва сардхонаҳо барои нигоҳдории меваю сабзавот ва тақвият додани ҳамкориҳо дар соҳаи асалпарварӣ бо мақсади содироти минбаъда ба ШАС ё ба давлати сеюм ба имзо расонанд.

Умуман, аз таҳлили маводди бахши «иқтисод»-и АИ «Азия-Плюс» метавон ба чунин хулоса расид, ки дар самти ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни ШАС ва Тоҷикистон, кишвари аввал бештар мақоми сармоягузорро дорад.

Таҳти бахши «Ҷаҳон» 17 мавод ба мушоҳида расид, ки аз рӯйдоду ҳаводиси муҳимми сиёсиву иҷтимоии ШАС иттилоъ медиҳад. Аксарияти матолиб дар такя ба сомона ва шабакаҳои хориҷӣ, хосса арабӣ таҳия гардида, дар шарҳу тавзеҳи воқеаҳо АИ «Азия-Плюс» саҳм гирифтааст. Масалан, хабари «Дар Арабистони Саудӣ ҳукми қатли шоҳзода ба иҷро расид» [5, 2016. – 19 октябр] дар такя ба ахбори шабакаи телевизионии моҳворагии «Ал-Арабия» навишта шуда, дар бораи эълон кардани ҳукми қатл нисбати намояндаи оилаи шоҳигарӣ – шоҳзода Турки бин Сауд ал-Кабир, ки дар таърихи ШАС нахустин бор будааст, иттилоъ медиҳад. Ба ин монанд, АИ «Азия-Плюс» дар истинод ба сомонаи «Бахши хабарии Осиёи Миёна» дар бораи «боздошти беш аз 200 нафар ба гумони фасодкорӣ дар ШАС» [5, 2017. – 10 ноябр] хабар додааст. Тибқи иттилои додситони кулли Арабистони Саудӣ, ки дар ин хабар омадааст «нақшаҳои коррупсионӣ тайи чанд даҳсолаи ахир ба ин кишвар беш аз 100 миллиард доллари амрикоӣ хисорот расондааст. Дар шоҳигарӣ дороии беш аз 1,5 ҳазор ҳисоби бонкӣ ҳабс шуда, тафтишот то ба хориҷ аз кишвар расидааст. Агентӣ зикр кардааст, ки 5-уми ноябр 11 шоҳзода, 4 вазир ва даҳҳо вазири пешинро боздошт карданд. Парвандаи онҳоро Кумитаи мубориза бо фасоди ин кишвар тафтиш дорад, ки чанде қабл аз ҷониби валиаҳд Муҳаммад ибни Салмон таъсис дода шуд.

АИ «Азия-Плюс» дар такя ба иттилои сомонаи мазкур ва бо истинод ба нашрияи «ArabNews» мавод интишор намудааст, ки дар он дар хусуси аз ҷониби мақомоти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ додани раводид (виза) ба «занҳои аз 25-сола боло, ки бидуни роҳбаладии мардҳо ба ин кишвар меоянд» [5, 2018. – 12

январ] ва шарту шароити гирифтани виза шарҳ дода шудааст. Ин воқеа аз он ҷиҳат муҳим аст, ки қаблан занҳои ҷавон ҳақ надоштаанд бе роҳбаладии шавҳар ё бародар ба Арабистони Саудӣ сафар кунанд.

Ҳамин тавр, дар маводди бахши «Ҷаҳон»-и АИ «Азия-Плюс» воқеаҳои муҳимми ШАС амсоли «Ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ доир ба васеъ шудани ҳуқуқҳои занони Арабистони Саудӣ» [5, 2019. – 21 август] дар такя ба расонаи «Сауди Газет» (Saudi Gazette), қазияи «куштори Ҷамол Хошуққӣ – рӯзноманигори мунаққиди сиёсати ҳукумати саудӣ» [5, 2018. – 20 ноябр] бо истинод ба АИ «Рейтерз», масъулияташро дар қатли рӯзноманигор Ҷамол Хошуққӣ дар шаҳри Истамбули Туркия эътироф кардани Муҳаммад бин Салмон – валиаҳди Арабистони Саудӣ [5, 2019. – 27 сентябр], «Пас аз ҳафт сол дубора боз шудани Сафорати Эрон дар Арабистони Саудӣ» [5, 2023. – 7 июн], «Эълони таъсиси Созмони умумиҷаҳонии об дар шаҳри Ар-Риёз» [5, 2023. – 8 сентябр] ва ғайра мавриди инъикос қарор гирифтаанд. Ин воқеиятҳо ҳарчанд дар дохили ШАС рух додаанд, аммо аз нигоҳи арзиш ва дараҷа аҳаммияти ҷаҳонӣ доранд. Чунончи, дар маводди охир иттилоъ дода шудааст, ки «Шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон ибни Абдулазиз оли Сауд – Валиаҳди Арабистони Саудӣ таъсиси Созмони умумиҷаҳонии обро дар шаҳри Ар-Риёз эълон кард, ки ҳадаф аз он таҳкими ҳамгироии байналмилалӣ ҷиҳати ҳалли ҳамаҷонибаи чолишҳои об тавассути табодули таҷриба ва навовариҳои технологӣ, тадқиқот ва мусоидат ба маблағгузории бунёди тарҳҳои сифатан баланд ҷиҳати таъмини устувории захираҳои об ва дастрасии умум ба он мебошад». Мувофиқи иттилооти агентӣ то ҳол зиёда аз 6 млрд. доллар барои кишварҳои 4 қитъаи ҷаҳон ҷиҳати иҷрои тарҳҳои обу корезӣ ҷудо карда шудааст [5, 2023. – 8 сентябр]. Ин воқеа дар ҳақиқат аҳаммияти байналмилалӣ дорад ва муҳиммияти ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон нисбат ба обро тақвият мебахшад. Бинобар ин дар ин бахш чоп намудани чунин матолиб тақозои фазои иттилооти ҷаҳони муосир аст.

Дар бахши «Тоҷикистон» низ доир ба ҳамкориҳои Тоҷикистон ва ШАС маводди зиёд ба табъ расидааст. Аз ҷумла, «Талаби аз Қатар ба ҷойи дигар

гузаронидани Ҷоми ҷаҳонии футбол-2022» [5, 2017. – 17 июл], «Ташрифи вазири корҳои хориҷии Подшоҳии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон» [5, 2022. – 3 декабр], «Муаррифии имконоти сайёҳии Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ» [5, 2023. – 20 апрел], «Ҳаҷҷи бидуни иҷоза: Арабистони Саудӣ беш аз 17 ҳазор нафарро ҳабс кардааст» [5, 2023. – 3 июл], «Раисиҷумҳури Тоҷикистон ба Арабистони Саудӣ рафт» [5, 2023. – 18 июл], «Арабистони Саудӣ барои бунёди НБО «Роғун» қариб 100 млн доллар қарз медиҳад» [5, 2023. – 2 ноябр], «Таҷлили рӯзи истиқлоли Арабистони Саудӣ дар Душанбе« [5, 2024. – 24 сентябр], «Кӯмаки башардӯстонаи Маркази имдоди Арабистони Саудӣ ва шоҳ Салмон ба мардуми Тоҷикистон« [5, 2024. – 19 март], «Дар Душанбе рӯзи таъсисёбии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ таҷлил гардид« [5, 2024. – 23 феврал] ва ғайра. Тавре аз унвони маводҳо бармеояд, дар чунин матолиб аз ҳамкориҳои Тоҷикистону ШАС дар самтҳои гидроэнергетика – ёрӣ ба бунёди НБО ««Роғун»», рушди имкониятҳои сайёҳӣ ва амсоли ин иттилоъ дода шудааст.

Дар бахши «Қонун ва тартибот» се мавод ба мушоҳида расид, ки дар онҳо ҳолатҳои фиреб хӯрдану ба ғуломӣ гирифтор шудани шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои араб, аз ҷумла дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Аз ҷумла дар маводди якум «Аз 42 кас барои фиристодан ба Арабистони Саудӣ пул гирифтааст. Боздошти як мард бо гумони қаллобӣ» [5, 2024. – 27 ноябр], ки дар такя ба маълумоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, зикр шудааст, ки ҶДММ «Абдулкарим», «Ҷамол-2012» ва «Имкон-2015» ба таъмини муҳоҷирон бо кор машғул шуда, дар давраи солҳои 2016 ва нимаи аввали соли 2017 шаҳрвандон Асаналишоева Ш.С., Сироҷова С.А., Келдиев Д.Г, Делаева Р.А. ва дигаронро ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафарбар намуда, фиреб додаанд.

Дар бахши «Ҳаводис» ҳамагӣ як мавод таҳти унвони «Марги мармуз: Арабистони Саудӣ ба ташхиси ҷасадҳои оилаи Додохоновҳо розигӣ мехоҳад« [5, 2018. – 9 март] ба мушоҳида расид, ки оид ба марги соҳибкори ҷавони тоҷик Бахтиёр Додохонов ва ҳамсару ду фарзанди худсолаш дар яке аз меҳмонхонаҳои шаҳри Мадинаи Арабистони Саудӣ иттилоъ дода шудааст.

Мутолиаи бахши «Ҳокимият» моро ба чунин мавод ошно намуд: «Арабистони Саудӣ ба сохтмони маҷмааи парлумонии Тоҷикистон маблағ медиҳад» [5, 2016. – 26 май], «Ташрифи раиси парлумони Арабистони Саудӣ ба Душанбе» [5, 2016. – 24 май], «Директори «Ховар» сафир дар Арабистони Саудӣ таъин шуд» [5, 2016. – 29 март], «Тоҷикистон ба эътилофи исломӣ таҳти раҳбарии Арабистони Саудӣ пайвастанист» [5, 2015. – 21 декабр], «Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани сатҳи муносибату ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Арабистони Саудӣ изҳори омодагӣ кард» [5, 2009. – 20 май]. Азбаски баъзе аз ин мавод дар бахшҳои дигар баррасӣ шуд, такрори таҳлилро ин ҷо зарур намедонем. Танҳо ҳамин нуқтаро зикр намуданием, ки ҳангоми инъикоси чунин мавзуъҳо агар, аз як тараф, огоҳ намудани ҷомеаи Тоҷикистон аз раванди ҳамкориҳои ду кишвар дар мадди назар бошад, аз ҷониби дигар, саҳми муайян гузоштан ба таҳкими муносибатҳои гуногунсамти Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ба ҳисоб меравад

Ҳамин тавр, агентии иттилоотии «Азия-Плюс» воқеаву рӯйдод ва ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии марбут ба муносибату ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистону ШАС-ро ба таври нисбатан васеъ ва пурра инъикос намуда, ба ин васила, аз як тараф хонандаи тоҷикро аз моҳияти ҳамкорӣ ва раванди тадбиру чорабиниҳои судманд огоҳ намудааст, аз ҷониби дигар, дар оммавӣ гардонидан ва тақвият бахшидани робитаҳои гуногунсамти ин ду кишвар саҳм гузоштааст. Гуфтан мумкин аст, ки саҳми агентии иттилоотии «Asia-Plus» дар инъикоси муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ ниҳоят муҳим аст. Матолиби агентӣ дар баланд гардидани сатҳи огоҳии ҷомеа доир ба ҳамкории ду кишвар, ҳамзамон, таҳлили равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии байни онҳо ҳамчун манбаи муҳимми иттилоотӣ аҳаммиятнок аст.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки АИ «Азия-Плюс» бештар ба иҷрои вазифаи иттилоърасонӣ ва ташаккули образи мусбати ҳамкориҳои байналмилалӣ мутаваҷҷеҳ шуда, дар ин замина нақши муҳим дар шаклгирии дискурси ҷамъиятӣ оид ба муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ мебозад.

Б) Инъикоси воқеоти марбут ба Давлати Қатар дар сомонаи «Азия-Плюс». Мувофиқи омӯзиши ҳаводиси марбут ба Давлати Қатар дар агентии иттилоотии «Азия-Плюс» номи ин давлат тули солҳои 2014-2024 434 маротиба зикр шудааст. Ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки дар ин агентӣ Қатар ҳамчун яке аз кишварҳои нисбатан фаъоли минтақаи Халиҷи Форс буда, мавқеи намоён дорад. Агентӣ ба ин кишвари араб бештар таваҷҷуҳ намудааст, ки тавсеаи робитаҳои дипломатӣ ва иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар; доир гардидани чорабиниҳои бузурги варзишӣ, аз ҷумла, Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол-2022 (World Cup 2022) ва Чемпионати Осиё оид ба футбол-2023 (AFC Asian Cup 2023); дар масъалаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, дар музокироти марбут ба Толибон, муноқишаҳои Шарқи Наздик байни ҲАМОС ва Исроил нақши миёнарав доштани Қатар намунае аз мавзуъҳои маводди ин агентӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар баробари ин, АИ «Азия-Плюс» ба раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар ва воқеаву рӯйдодҳои давлати Қатар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст [Ҷадвали №2], ки натиҷаи таҳқиқро ба тариқи зайл пешниҳод менамоем:

Ҷадвали №2

Рубрикаҳо	Миқдори мавод дар солҳои											Ҳамагӣ	Бо фоиз
	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Сиёсат	7	4	1	7	5	7	7	9	1	7	3	58	**13,3 %**
Ҷомеа	2	3	-	4	7	12	10	10	5	8	12	73	**16,8 %**
Тоҷикис-тон	-	-	-	1	-	1	3	3	4	4	5	21	**4,8 %**

Идомаи ҷадвали №2

Ҷаҳон	-	1	2	3	-	3	2	17	16	16	11	71	**16,3%**
Иқтисод	8	1	2	3	4	2	2	-	-	3	4	29	**6,6 %**
Ҳокимият	-	2	-	2	-	1	-	-	-	1	3	9	**2 %**
Амният	3	8	2	-	1	1	-	2	-	1	-	18	**4,1 %**
Варзиш	-	12	15	7	1	18	6	4	18	32	33	146	**33,6 %**
Қонун ва тартибот	-	-	-	-	-	2	-	-	-	3	-	5	**1,1 %**
Осиёи Марказӣ	-	-	-	-	-	-	-	1	-	1	2	4	**0,9 %**
Ҳамагӣ:	**20**	**31**	**22**	**27**	**18**	**47**	**30**	**46**	**44**	**76**	**73**	**434**	

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Маълумоти ҷадвал баёнгари он аст, АИ «Азия-Плюс» на танҳо ба воқеаҳои сиёсии Қатар, балки ба рӯйдодҳои варзишӣ ва фарҳангӣ низ таваҷҷуҳ намудааст.

Маводди рубрикаи «Сиёсат»-ро асосан сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қатар [5, 2017. – 20 май; 2024. – 21 январ], эъломи Миср, Баҳрайн ва АМА дар бораи қатъ намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Қатар [5, 2017. – 23 июн], сафари Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷиҳати иштирок дар ҷаласаҳои 140-уми Ассамблеяи Иттиҳоди Байнипарламентӣ ба давлати Қатар [5, 2019. – 4 апрел], изҳороти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистонро роҷеъ ба қатъи муҳосираи дипломатии Қатар аз ҷониби кишварҳои Халиҷи Форс ва Миср [5, 2021. – 8 январ], сафари расмии Амири давлати Қатар шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон [5, 2023. – 8 июн] ва амсоли ин ташкил медиҳанд.

Аксарияти воқеаҳои сиёсие, ки дар «Азия-Плюс» инъикос гардидаанд, ба сафари сарварони кишварҳо иртибот доранд. Масалан, дар бораи сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Қатар чунин матолибро интишор намудааст: «Эмомалӣ Раҳмон сармоягузорони Қатарро ба

Тоҷикистон даъват кард» [5, 2017. – 6 феврал], «Миёни Тоҷикистону Қатар 9 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид» [5, 2024. – 22 январ], «Эмомалӣ Раҳмон дар Қатар бо футболбозони тоҷик мулоқот кард. Ӯ боз бо кӣ вохӯрд ва чӣ гуфт?» [5, 2024. – 22 январ], «Эмомалӣ Раҳмон сармоягузорони Қатарро ба Тоҷикистон даъват кард» [5, 2024. – 23 январ]. Ин ва амсоли ин ағлаб хусусияти иттилоотӣ дошта, дар онҳо воқеаҳои дар раванди сафари кории Президенти Тоҷикистон ба Давлати Қатар инъикос гардидааст.

Ҳамин тавр, доир ба сафари расмии Амири давлати Қатар шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон се мавод таҳти сарлавҳаҳои «Амири Қатар вориди Душанбе шуд», «Калонтарин масҷиди Тоҷикистон ифтитоҳ шуд» ва «Эмомалӣ Раҳмон ба амири Қатар қароргоҳи беруназшаҳрии Такобро нишон дод» [5, 2023. – 8 июн] ба табъ расидааст. Дар ин матолиб пешвози меҳмони олиқадр – Амири давлати Қатар, мулоқоти ӯ бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ифтитоҳи бузургтарин масҷиди Тоҷикистон, қабули санадҳои нави ҳамкорӣ ва амсоли ин мунъакис гардидааст.

Дар байни маводди рубрикаи «Сиёсат» ба матнҳое низ дучор мешавем, ки муносибати дипломатии Давлати Қатарро бо кишварҳои дигар ифода кардаанд. Чунончи, дар матлаби «Аз Қатар қатъи равобити дипломатӣ бо Эрон тақозо шуд» талаби КАХФ барои барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ аз Қатар ҷиҳати қатъ намудани муносибатҳои дипломатии он бо Эрон, хотима бахшидан ба пойгоҳи низомии Туркия ва фаъолияти шабакаи телевизионии «Ал-Ҷазира» маънидод шудааст. Ҳамчунин, кишварҳои араб аз Давҳа талаб кардаанд, ки ҳамаи шахсоне, ки онҳо ба иттиҳоми терроризм ҷустуҷӯ доранд, истирдод шаванд. Ғайр аз ин, Қатар бояд ҷубронпулӣ пардохт намояд, ки ҳаҷми он зикр нашудааст. Барои иҷрои ҳамаи талабҳо 10 рӯз муҳлат дода шудааст.

Вазорати корҳои хориҷии Қатар аз қарори КАХФ изҳори таассуф карда, гуфтааст, баҳонаҳои чунин амали онҳо «сохта ва беасос буда, ҳадафи аслӣ ба итоати худ даровардани Давҳа аст» [5, 2017. – 23 июн].

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз сабабҳои бештар мавриди таваҷҷуҳи ВАО-и тоҷик, аз ҷумла агентии «Азия-Плюс» қарор гирифтани Қатар, ин

сармоягузорӣ намудани он дар сохтмони бузургтарин масҷиди Осиёи Миёна дар шаҳри Душанбе аст. Маводди ин мавзуъ бештар таҳти рубрикаи «Ҷомеа» ба нашр расидааст. АИ «Азия-Плюс» дар маҷмуъ аз соли 2009 то ифтитоҳи расмии масҷиди калонтарини ҷомеи минтақа дар такя ба сарчашмаҳои гуногун 18 (ҳаждаҳ) мавод ба нашр расонидааст, ки аз таваҷҷуҳи махсуси он шаҳодат медиҳад.

Ҷойи ёдоварӣ аст, ки 5-уми октябри соли 2009 дар рӯзҳои таҷлили 1310-солагии бузургдошти асосгузор ва пешвои мазҳаби ҳанафӣ – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва олимону сиёсатмадорони воломақоми кишварҳои зиёди ҷаҳон санги асоси бузургтарин масҷиди ҷомеи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд. 5-уми октябри соли 2011 корҳои сохтмонии масҷиди ҷомеъ оғоз гардид, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон дар оғози корҳои нахустини сохтмон бевосита ширкат варзид.

Аммо ифтитоҳи он нисбатан тул кашид ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ овозаҳо пайдо шуданд, ки гӯё сохтмони масҷид тибқи лоиҳа сурат нагирифтааст ва ба ҳамин далел ҷониби Қатар то замоне, ки он тибқи лоиҳа нашавад, дар маросими кушодашавияш ширкат намекунад. АИ «Азия-Плюс» ин қазияро пайгирӣ намуда, аввал роҷеъ ба қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи тасдиқи санади комиссияи давлатӣ оид ба мавриди истифода қабул гардидани Масҷиди марказии ҷомеи Душанбе хабар нашр карда [5, 2020. – 27 май], арзиши умумии лоиҳа ва чӣ гуна тақсим шудани онро шарҳ додааст. Баъдан дар такя ба нишасти хабарии раиси Кумитаи дини назди ҳукумати Тоҷикистон Сулаймон Давлатзода таҳти сарлавҳаи «Раиси Кумитаи дин: Сабаби боз нашудани масҷиди нав коронавирус аст, сару садоҳои дигар беасосанд» [5, 2021. – 19 феврал] маводди таҳлилӣ интишор намуда, дар заминаи гуфтаҳои С. Давлатзода беасос будани овозаҳоро собит сохтааст. Тибқи иттилои Сулаймон Давлатзода далели ба таъхир афтодани масҷид хуруҷи вируси «Ковид-19» дар соли гузашта будааст, ки ҳоло ҳам ба далели ин вирус маълум нест ин масҷид кай кушода мешавад. Ниҳоятан, агентӣ дар такя ба Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон таҳти унвони «Расман: калонтарин масҷиди Тоҷикистон ифтитоҳ шуд» ба ин мавзуъ

хотима гузоштааст. Агентӣ афзудааст, ки баъди шиносоӣ сарони давлатҳо барои таҳияи масҷид ду ракаат намоз хонда, ба сифати корҳои анҷомдодашуда, ки бо риояи суннатҳо ва нозукиҳои меъмории миллӣ иҷро шуда, таҷассумгари омезиши моҳиронаи арзишҳои миллӣ ва суннатҳои динӣ мебошанд, баҳои баланд доданд. Эмомалӣ Раҳмон ба Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ барои саҳмгузорӣ дар бунёди ин шоҳкорӣ изҳори сипос намуда, татбиқи лоиҳаро намунаи олии ҳамкории ду давлат арзёбӣ кардааст. «Пешниҳод гардид, ки ба хотири хизматҳои барҷаста дар олами ислом Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит гузошта шавад» [5, 2023. – 8 июн].

Дар ин мавод ҳамчунин, ҳудуди масҷид (12 гектар), бинои масҷид (3 гектар), даромадгоҳҳои калон (3), имконияти ғунҷоиши намозгузорон дар як вақт (133 ҳазор), аз ҷумла дар дохили масҷид (43 ҳазор), қолинпӯш шудан бо қолини истеҳсоли ватанӣ (14000 метри мураббаъ) ва амсоли ин зикр ва шарҳ дода шудааст. Мавриди таъкид аст, ки бунёду ба истифода додани Масҷиди марказии Душанбе ҳамчун намунаи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва динии Тоҷикистон бо Қатар дониста шудааст.

Мавзуи дигаре, ки АИ «Азия-Плюс» дар бахши «Ҷомеа» мавриди инъикос қарор додааст, омодагии Қатар ҷиҳати қабули муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба ин кишвар мебошад. Дар инъикоси ин мавзуъ доир ба воқеиятҳои имзои созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи танзими қувваи корӣ байни Вазири вақтинаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Сумангул Тағойзода ва Вазири рушди идорӣ, шуғл ва умури иҷтимоии Қатар Юсуф бин Муҳаммад ал – Усмон Фахру дар шаҳри Давҳа, ҷалби муҳоҷирони кории тоҷик ба Қатар ва шароитҳои кору зиндагии онҳо дар такя ба нишасти хабарии вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон [5, 2019. – 25 июл], бо ҷойи корӣ таъмин кардани муҳоҷирони тоҷик, таъсиси гурӯҳи кории байнисоҳавӣ оид ба ҷалби қувваи корӣ аз Тоҷикистон ба Қатар, имкони танзими даврaҳои омӯзиши муҳоҷирони меҳнатӣ ва ихтисосҳои мавриди ниёзи бозори меҳнати Қатар [5, 2019. – 24 сентябр] сабабҳои то ба ҳол иҷро нашудани Созишномаи

байниҳукуматӣ оид ба ҷалби қувваи корӣ ба Қатар [5, 2021. – 29 июл] маълумот дода шудааст.

Як хусусияти чунин матолиб он аст, ки гуфтаи шахсони масъул ҳамчун факт иқтибос шудааст. Чунончи, Вазири вақтинаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Ширин Амонзода дар нишасти матбуотӣ дар мавриди сабабҳои то ба ҳол иҷро нашудани Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҷалби қувваи корӣ ба Қатар (савол: Чаро тоҷикон то ҳол барои кор ба Қатар намераванд?) чунин гуфтааст:

«Воқеан, созишнома ба имзо расонида шудааст, аммо баъзе пешниҳоди кишвари Қатар дар масъалаи кор ба талабот ҷавобгӯ нест. Масалан, маоше ки ҷониби Қатар ба муҳоҷирони мо пешниҳод мекунад, кам аст. Надонистани забони давлатии корфармо – Қатар ҳам мушкилии дигарест, ки пеши роҳи сафари муҳоҷирони тоҷикро ба ин кишвар мебандад» [5, 2021. – 29 июл].

Муттаассифона, созишномаи мазкур баъди расмиёти дохилидавлатии тарафҳо мавриди амал қарор гирифтааст, аммо то ҳол бо гузашти солҳо он ба таври зарурӣ амалӣ нагардид. Воқеан, иқтисоди кишварҳои араби Халиҷи Форс ба неруи кории хориҷӣ ниёз дорад, аммо то ба ҳол тамоми талошҳо барои роҳандозии муҳоҷирати оммавии корӣ ба кишварҳои Халиҷи Форс на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар минтақаи Осиёи Миёна натиҷаи дуруст надоданд. Сабаби ин пеш аз ҳама, рақобати қувваҳои кории арзон аз Осиёи Ҷанубӣ (Бангладеш, Малайзия, Филиппин) ва мушкилоти дигар надонистани забон аст.

Сарфи назар аз ин, масоили ҷалби сармояи Қатар ба иқтисоди Тоҷикистон, фаъолияти ширкатҳои ин давлат ва имконияти сафарбарии муҳоҷирони меҳнатӣ ба давлати Қатар метавон хулоса кард, ки дар маводди «Азия-Плюс» Қатар ҳамчун шарики эҳтимолии сармоягузорӣ муаррифӣ гардидааст.

Масъалаи дигаре, ки зери рубрикаи «Ҷомеа» мунъакис гардидааст, равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар аст. Чунончи, бори аввал баргузор шудани рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар [5, 2018. – 19 ноябр] ва рӯзҳои фарҳанги Қатар дар Тоҷикистон [5, 2024. – 15 октябр], ба ҷоизаи Амири Қатар (ҷоизаи Шайх Ҳамад) сазовори мақоми аввал дониста

шудани Сарходими маркази «Синошиносӣ»-и Академияи илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидраҳмон Сулаймонӣ дар номинатсияи беҳтарин фаъолият дар соҳаи тарҷумонӣ ва фарҳангнигорӣ барои таълифи «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ» [5, 2018. – 14 декабр], симои намоиши мӯди маҷмуаи нахустини тарроҳи либос аз Арабистони Саудӣ – Нури Сулаймон шудани фотомодели тоҷик Карина Комил [5, 2020. – 21 декабр] ва амсоли ин. Чи тавре дар фасли аввали ин боб огоҳ шудем, ин матолиб дар АМИТ «Ховар» низ ба нашр расидааст. Матнҳо ҳарчанд аз нигоҳи сарлавҳа ва шакл аз ҳамдигар фарқ мекунанд, аммо мазмунан ба ҳам наздиканд. Бинобар ин ҳарчи дар фасли аввал гуфта шуд, ба ин мутун низ метавон нисбат дод.

Дар муқоиса ба бахшҳои дигар, бахши «Иқтисод»-и АИ «Азия-Плюс» ғанитар аст, зеро дар он доир ба ҷараёни ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба маводди зиёд ба табъ расидааст. Аз ҷумла, «Таваҷҷуҳи Қатар ба асалу меваи Тоҷикистон» [5, 2014. – 23 январ], «Боздиди сафири Қатар аз Палатаи савдо ва саноати ҶТ» [5, 2014. – 14 феврал], «Диёри Душанбе ба сокинони пойтахт ҳаёти бошукӯҳ пешкаш мекунад» [5, 2014. – 18 июн], «Пешниҳоди дар Тоҷикистон ифтитоҳ шудани намояндагиҳои ниҳодҳои молии Қатар» [5, 2015. – 3 ноябр], «Qatar Airways аз Тоҷикистон коргар мечӯяд» [5, 2016. – 29 март], «Эмомалӣ Раҳмон сармоягузорони Қатарро ба Тоҷикистон даъват кард» [5, 2017. – 21 декабр; 2024. – 23 январ], «Пешниҳоди бунёди неругоҳҳои барқи обӣ ба сармоягузорони Қатар» [5, 2017. – 8 феврал], «Алоқамандии соҳибкорони Қатар ба рушди ҳамкориҳо бо Тоҷикистон» [5, 2017. – 6 декабр], «Qatari Diar дар дигар лоиҳаҳо дар Тоҷикистон саҳм гузоштанист» [5, 2018. – 7 ноябр], «Эмомалӣ Раҳмон дар Қатар бо футболбозони тоҷик мулоқот кард. Ӯ боз бо кӣ вохӯрд ва чӣ гуфт? [5, 2020. – 22 январ] (23-юми январ 2024)», «Кор дар Қатар. Музди кор чанд аст ва барои сафар ба кучо муроҷиат бояд кард?» [5, 2024. – 24 декабр] ва ғайра.

Ағлаби ин мавод хусусияти иттилоотӣ дошта, аз воқеиятҳое мужда медиҳанд, ки ба робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Қатар иртибот доранд.

Маводди бахши «Ҷаҳон» нисбатан камтар буда, дар онҳо парвози 16-соатаи бидуни таваққуфи ҳавопаймои Qatar Airways» [5, 2017. – 6 феврал], фурӯши ҳавопаймоҳои қиркунандаи F-15-и ИМА ба Қатар ба маблағи 12 млрд. доллар» [5, 2017. – 16 июн], дар таърихи Қатар бори нахуст баргузор шудани интихоботи парлумонӣ [5, 2020. – 17 декабр], мизбони «Ҷоми Осиё-2023» оид ба футбол интихоб шудани Қатар [5, 2022. – 17 октябр], иштироки ҳайати Тоҷикистон дар нишасти Давҳа оид ба Афғонистон [5, 2023. – 1 май], баргузор шудани аввалин намоишгоҳи боғдорӣ дар Қатар [5, 2023. – 25 сентябр], ««Ҳамос» ва Исроил барои оташбаси 30-рӯза созиш кардаанд» [5, 2024. – 25 январ] ва амсоли ин инъикос шудааст. Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар матолиби АИ «Азия-Плюс» Қатар ҳамчун маркази баргузории нишастҳои байналмилалӣ, музокироти сулҳи Афғонистон, миёнарав дар муноқишаҳои минтақавӣ ва ҳамчун маркази дипломатияи минтақавӣ нишон дода шудааст.

Дар бахши «Қонун ва тартибот» ду матлаб ба мушоҳида расид, ки матлаби якум дар бораи байни Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Давлати Қатар ба имзо расонида шудани се шартномаи байналмилалӣ дар бораи истирдоди ҷиноятқорон, расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо [5, 2023. – 23 октябр] ва дар матлаби дуюм ба тасвиб расонидани се созишнома оид ба истирдод, бозпас додани маҳкумшудагон ва ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Тоҷикистон ва Қатар аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон таҳти раёсати Маҳмадтоир Зокирзода – раиси Маҷлиси намояндагон иттилоъ дода шудааст. Инчунин, дар ин иҷлосия аз ҷониби вакилони парлумон Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «НБО «Роғун»» байни Тоҷикистон ва Фонди Саудии Рушд ба тасвиб расидааст [5, 2024. – 24 январ].

Дар бахши «Амният» дар маҷмуъ 18 мавод нашр шудааст, ки аз ҷараёни ҳамкориҳои амниятии Тоҷикистону Қатар иттилоъ медиҳанд. Аз ҷумла, дар 3 мавод, ки дар такя ба иттилои дафтари матбуоти ВКД-и Тоҷикистон таҳия шудааст, вохӯриҳои Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон

Ҳамро бо сафири давлати Қатар дар Тоҷикистон Алӣ ибн Муборак ал-Муҳаннадӣ [5, 2016. – 22 август; 2014. – 24 январ] ва вазири корҳои дохилии Давлати Қатар Шайх Абдулло Насир ас-Сонӣ [5, 2012. – 27 декабр] инъикос шудааст. Мавзуи мулоқотҳо ҳамкориҳо дар соҳаҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ, алайҳи экстремизму терроризм, муомилоти ғайриқонунии маводди мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккилона будааст. Ҷонибҳо изҳори умедворӣ намудаанд, ки ҳарчи зудтар ба имзо расонидани лоиҳаи Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар барои ҳамкорӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва амният ба густариши ҳамкориҳои судманд мусоидат хоҳад кард.

Се матолиби дигар аз бозгашти чор нафар марзбонони тоҷик аст, ки 19-уми декабри 2014 аз ҷониби ҷангиёни ҳаракати Толибон асир гирифта шуда буданд, иттилоъ медиҳанд [5, 2015. – 15 июн, 17 июн, – 22 июн]. Дар маводди аввал, ки дар такя ба маълумоти интишорнамудаи Вазорати корҳои хориҷии Қатар таҳти сарлавҳаи «Мусоидати Амири Қатар барои озодии марзбонони тоҷик» нашр шудааст, ному насаби марзбонон зикр гардида, ба асорат афтодани онҳо ҳангоми ҷамъоварии ҳезум маънидод шудааст. Ба маълумоти агентӣ «Суди ҳарбии гарнизони Хатлон ҳамон замон иҷрокунандаи вазифаи сардори дастаи сарҳадбонии «Панҷ» Алимуҳаммад Додокалоновро ба 8,5 соли зиндон маҳкум намуд, зеро маҳз бо супориши ӯ марзбонон барои ҷамъоварии ҳезум ба марз бо Афғонистон рафта буданд».

Маводди дуюм – «Бозгашти марзбонони тоҷик ба ватан пас аз асорати нимсола» идомаи воқеаи мазкур буда, дар натиҷаи гуфтушунидҳои расмӣ ва андешидани тадбирҳои дахлдор аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори Тоҷикистон, хизматчиёни ҳарбии қисми низомии 2610 рӯзи 11-уми июн аз асорат озод гардида, ба ватан баргардонида шудани марзбонон тавзеҳ ёфтааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки агентӣ дар мавод гаравгиронро дар хабари якум «Толибон» гуфтааст ва дар хабари дуюм «афроди мусаллаҳи номаълум». Аз муҳтавои ин матолиб аён аст, ки дар масъалаҳои мубориза бо терроризм, ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва раҳоии марзбонони тоҷик Қатар ҳамчун кишвари хоҳони ҳамкори амниятӣ ва миёнарави дипломатӣ намудор мегардад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мундариҷаи АИ «Азия-Плюс» ба натиҷае расидан мумкин аст, ки дар он самтҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қатар ба таври нисбатан васеъ инъикос ёфтааст. Махсусан, сафарҳои расмии мутақобилаи сарони кишварҳо ва имзои созишномаҳои ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳолати иҷро шудани онҳо Қатар метавонад ба яке аз шарикони рушд ва давлатҳои муҳимми сармоягузор дар иқтисодиёти Тоҷикистон мубаддал гардад.

В) Амороти Муттаҳидаи Араб дар АИ «Азия-Плюс». Ҷараёни муносибату ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистон ва АМА низ аз таваҷҷуҳи АИ «Азия-Плюс» берун намонда бошад ҳам, аммо дар муқоиса ба Қатар матолиби марбут ба ин кишвари араб камтар аст [Ҷадвали №3]. Матолиби АИ роҷеъ ба АМА аз рӯйи рубрикаҳо чунин аст:

Ҷадвали №3

Рубрикаҳо	Миқдори мавод дар солҳои											Ҳамагӣ	Бо фоиз
	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024		
Сиёсат	3	4	7	3	-	1	1	2	3	3	3	30	11,7%
Ҷомеа	-	-	4	2	5	9	12	10	11	11	13	77	30,1%
Тоҷикистон	-	-	-	1	-	2	1	-	1	2	1	8	3,1 %
Ҷаҳон	-	-	-	-	-	-	1	1	3	4	1	10	3,9 %
Иқтисод	2	-	3	5	2	2	1	1	2	4	3	25	9,8 %
Ҳокимият	-	-	1	-	-	1	1	-	1	-	1	5	1,9 %
Амният	-	2	2	-	-	-	-	-	-	-	1	5	1,9 %
Варзиш	-	2	2	5	3	10	11	11	14	10	16	84	33 %

Идомаи ҷадвали №3

Қонун ва тарти-бот	-	-	1	-	-	3	1	1	2	1	-	9	3,5 %
Осиёи Марказӣ	-	-	-	-	-	-	-	1	-	-	1	2	0,7 %
Ҳамагӣ:	**5**	**8**	**20**	**16**	**10**	**28**	**29**	**27**	**37**	**35**	**40**	**255**	

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Ҳарчанд ин миқдор (255 мавод) дар муқоиса ба матолиби марбут ба ШАС ва Қатар камтар аст, аммо таҳлил нишон медиҳад, ки АМА дар фазои иттилоотии агентӣ чун шарики муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон муаррифӣ гардидааст. Мувофиқи нишондоди ҷадвал бештар ба мавзуъҳои иҷтимоӣ ва варзишӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардани агентӣ маълум мешавад.

Маводди бахши «Сиёсат»-ро сафарҳои расмӣ ва кории Президенти Тоҷикистон ва вазири корҳои хориҷӣ ба АМА ташкил медиҳад.

Дар давоми марҳилаи таҳқиқи мо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба ба АМА сафар кардааст. Сафари аввал мақоми расмӣ дошта соли 2016 ба вуқуъ пайвастааст. Дар АИ «Азия-Плюс» аз рафти ин сафари расмӣ 5 мавод ба табъ расидааст, ки дар онҳо истиқболи меҳмони олиқадр, вохӯрию мулоқотҳои Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарияти АМА, ифтитоҳи сафорати Тоҷикистон дар АМА ва имзои созишномаҳо инъикос гардидааст [5, 2016. – 16-18 март].

Сафари дуюм рӯзи 30-юми ноябри соли 2023 иттифоқ афтодааст, ки мақоми корӣ дошта, ба мақсади иштирок дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим дар шаҳри Дубайи Амороти Муттаҳидаи Араб будааст [5, 2023. – 30 ноябр].

АИ «Азия-Плюс» ёдовар шудааст, ки «Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим 21-уми марти соли 1994 барои пешгирии дахолати хатарноки инсон ба низоми иқлими Замин эътибор пайдо кард. То имрӯз ин санадро 198 кишвари ҷаҳон ба тасвиб расонидааст. Созишномаи Париж, ки соли 2015 қабул

шудааст, идомаи ин конвенсия мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи СММ оид ба тағирёбии иқлимро соли 1998 ва Созишномаи Парижро соли 2017 ба тасвиб расондааст».

Маводди дигари ин бахш хусусияти хабарӣ дошта, аз таваҷҷуҳи АМА ба рушди ҳамкориҳои гуногунҷанба бо Тоҷикистон [5, 2014. – 28 ноябр], сафари Сироҷиддин Муҳриддин ба Амороти Муттаҳидаи Араб [5, 2015. – 18 декабр], гуфтушунидҳои вазири корҳои хориҷӣ дар Абу-Забӣ [5, 2015. – 21 декабр], ташрифи Вазири корҳои хориҷии АМА ба Душанбе [5, 2017. – 23 май], Боз 10 кишвар мехоҳанд, ки ба узвияти Созмони ҳамкории Шанхай пазируфта шаванд (4-уми августи 2022) иттилоъ медиҳанд.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, дар матнҳои агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс аносири жанрӣ, аз ҷумла жанрҳои хабарӣ як навъ хусусияти гибридӣ касб намудаанд. Аз ҷумла, дар ҳисоботҳое, ки дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои фавқуззикр нашр гардидаанд, ҳам хусусияти хабар (дар бораи воқеа иттилоот додан), ҳам вижагии ҳисобот (дар бораи ҷаласа, вохӯрӣ ва ё ҳамоиш маълумот додан), ҳам аносири нигориши ахбориро мушоҳида мекунем. Баъзан дар ҳисоботҳо фактҳое таҷассум ёфтаанд, ки «барои равшан намудани симои як воқеа ё рӯйдод» [157, с. 202] истифода шудаанд. Бо вуҷуди

ин, дар чунин нигоштаҳо факт дар ҷойи аввал қарор дорад. Ба далели фикр, муроҷиат мекунем ба матни «Муҳаммад бинни Рашид ва Президенти Тоҷикистон: Чолишҳои зиёд ба суботи минтақа таҳдид мекунанд» (محمد بن زايد ورئيس طاجيكستان: تحديات جمة تهدد استقرار المنطقة).

Сархати аввали ин матн аз нигоҳи жанрӣ хабар аст, ки аз ба ҳузур пазируфтани Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Тоҷикистон аз ҷониби Шайх Муҳаммад бини Рашид ал-Мактум, ноиби президент ва сарвазири Амороти Муттаҳидаи Араб ва ҳокими Дубай дар Қасри Забил хабар медиҳад.

Сархатҳои дуюму сеюм ба аносир ва талаботи хабари васеъ рабт мегиранд, ки дар онҳо мазмуни гуфтугӯйи тӯлонӣ ташреҳ ёфтааст. Баъдан суханрониҳои ҷонибҳо мазмунан баён гардида, бо самари чунин мулоқот такони тоза пайдо кардани муносибатҳои дӯстии ду ҷониб, ба зинаҳои баланди ҳамкориҳо, ба хусус дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ ва амниятӣ таъкид гардидааст.

Дар сархати чаҳорум, суханронии Эмомалӣ Раҳмон ташреҳ ёфта, дар бораи ба имзо расидани 12 созишнома, даъвати расмӣ кардани Президенти Тоҷикистон аз Шайх Муҳаммад бинни Рашид ал-Мактум – ноиби президент, нахуствазири Амороти Муттаҳидаи Араб ва ҳокими Дубай ба Душанбе иттилоъ мегирем.

Дар сархатҳои панҷум, шашум ва ҳафтум ҷараёни ба имзо расидани як қатор созишномаҳо ва ёддоштҳои ҳусни тафоҳум шарҳ ёфтааст.

Дар сархати охир изҳори умед кардани муовини Президент, Сарвазир ва ҳокими Дубай ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз татбиқи созишномаҳо дар роҳи дӯстӣ ва ҳамкории созандаи ду ҷониб инъикос гардидааст.

Ҳамин тавр, агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва ҳамчунин АМИТ «Ховар» дар инъикоси воқеоти ифодакунандаи муносибатҳои Тоҷикистон ба кишварҳои араб аз аносири жанри ҳисобот низ истифода намудаанд. Азбаски аксарияти воқеаҳои ифодакунандаи муносибатҳои гуногунҷабҳаи ин кишварҳо дар сатҳи расмӣ сурат гирифтааст, аксари чунин рӯйдод дар қолаби жанрҳои хабар ва ҳисобот инъикос гардидааст.

В) Мусоҳиба. Жанри дигари хабарие, ки агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистон дар инъикоси раванди муносибатҳои кишварҳо истифода намудаанд, мусоҳиба аст.

Мусоҳиба навъе аз иртиботи гуфторӣ аст, ки бештар дар шакли рӯ ба рӯ сурат мегирад. Дар мусоҳиба яке аз тарафҳо вазифаи анҷом додани гуфтугӯ ва тарафи дигар, посух доданро ба дӯш мегирад. Ин амр фаротар аз суҳбатҳои рӯзмарра миёни ашхоси гуногун аст. Мусоҳиба аз рӯйи мақсади пешакӣ ва барномаи мушаххас сурат мегирад ва доманаи суҳбат мушаххасу муайян аст.

Доир ба жанри мусоҳиба аз ҷониби муҳаққиқон таърифҳои гуногун шакл гирифтааст. Ба ин мазмун, агар А. Нуралиев «Суҳбати журналистро бо шахси барӯманди ҷамъият доир ба масъалаҳои мухталифи мамлакат, давру замон, ки чопаш дар матбуот пешбинӣ шудааст, интервю» номад [176, с. 81], И. Усмонов жанреро мусоҳиба номидааст, ки дар он «ки камаш ду кас, баъзан якчанд кас иштирок мекунанд. Қолаби маъмулӣ суҳбати ду нафарро дар назар дорад. Аз ин ду ё чанд кас ҳатман як нафараш журналист мебошад. Журналист савол медиҳад ва ҳамсуҳбат ҷавоб мегардонад» [252, с. 50]. М. Муродӣ чунин таърифро ба мусоҳиба мансуб донистааст: «суҳбати журналистро бо ашхоси барӯманди ҷомеа доир ба масъала ва мавзуъҳои гуногун ва мухталифи иҷтимоии давру замон, ки дар шакли саволу ҷавоб, гуфтугӯ сурат гирифта, пахши он дар ВАО пешбинӣ шудааст, метавон мусоҳиба номид» [157, с. 136]. Муҳаққиқ Ҷ. Муқим ҳамчунин, «мусоҳибаро ҳамчунин техникаи гирифтани иттилоъ меноманд. Бинобар ин мусоҳиба метавонад чун унсури жанри дигар хизмат бикунад» [152, с. 4].

Чунончи, аз мазмуни таърифҳо бармеояд, воқеияти баҳснопазир он аст, ки мусоҳиба дар журналистика ду вазифаро иҷро мекунад. Вазифаи ҷамъоварии иттилооту маълумоти аввалин – мусоҳиба ҳамчун усул ва қолаби муайяни инъикоси суҳбат ва ё гуфтугӯ – чун жанри алоҳидаи ахборӣ. Дар ҳар ду ҳолат дар ҷараёни мусоҳиба мубодилаи иттилоот, андеша фикр ва мавқеъ сурат мегирад ва ҳар ду тараф мутақобилан дар ин ҷараён манфиатдор мешаванд.

Рафти таҳқиқи мавзуи диссертатсия нишон дод, ки нисбатан кам бошад ҳам, агентиҳои иттилоотӣ ва матбуоти даврии кишварҳои араби Халиҷи Форс аз жанри мусоҳиба низ кор гирифтаанд. Мусоҳибаҳои агентиҳои ин кишварҳо, асосан бо сарварони кишварҳо, ба хусус, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст. Аз ҷумла, дар рӯзномаҳои «Ал-Баён»-и АМА (17.04.2007), «Ар-Риёз»-и ШАС (23.03.2008), рӯзномаҳои «Ал-мисри-л-явма»-и Миср (31.08.2009), «Ал-Масоия»-и Миср (6.04.2012), «Евронюс» (арабӣ) – (30.03.2012), Ҳайати рӯзноманигорони Кувайт (15.06.2013), «Аш-Шарқ Ал-Авсат»-и Саудӣ (4.01.2016), шабакаҳои «Ал-Ҷазира»-и Қатар (21.05.2007; 04.10.2019), «Аш-Шарқ»-и Қатар (06.01.2021) ва АИҚ (09.06.2023) аз намунаи мусоҳибаҳое мебошанд, ки дар онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун мусоҳиб интихоб шудааст.

Тавре аз мазмуну муҳтавои мусоҳибаҳо бармеояд, аксари матбуоти араб ба вазъи кишвари ҳамсояамон – Афғонистон ва муносибати Тоҷикистон бо ин кишвар ва дигар давлатҳои ҷаҳон таваҷҷуҳи бештар доранд. Аксарияти чунин мусоҳибаҳо дар навъи муколама ва ё гуфтугӯ шакл гирифтааст. Дар мусоҳиба – муколама дараҷаи дониш ва таҷрибаи зиндагии ҷонибҳо аҳаммияти калон дорад, зеро ин омилҳо ба ҷолибу хонданӣ шудани мусоҳиба мусоидат менамояд. Ба андешаи муҳаққиқ, дар ин намуди мусоҳиба «барои назари мусоҳибро дар бораи масъалаи баррасишаванда аз номи худи ӯ иброз доштан нақши муҳим дорад» [152, с. 80].

Аз мутолиа ва омӯзиши ин ва дигар мусоҳибаҳои рӯзнома ва оҷонсиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс маълум гардид, ки ағлаби онҳо дар навъи мусоҳибаи диалог шакл гирифта, моҳият ва мазмуни саволҳо ба густариши робитаҳои Тоҷикистон бо мамлакатҳои араб, талошҳои Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли қазияҳои минтақа (махсусан Афғонистон), муносибати Тоҷикистон бо давлатҳои ҷаҳон (махсусан Россия, Амрико, Эрон, кишварҳои арабӣ) иртибот доранд. Аз таҳлили муқоисавии мазмуни мусоҳибаҳо бармеояд, ки рӯзноманигорон ва агентиҳои даврии араб (ба истиснои Кувайт – Қ.С.) бештар ба вазъ ва дурнамои ҳолати Афғонистон таваҷҷуҳ доштаанд. Чунончи, ҷонишини

сармуҳаррири рӯзномаи «Алмасоия» (المسائية)-и Миср (6.04.2012) Муҳаммад Салома ба мусоҳиби худ бо чунин савол мурочиат кардааст: «... Ҷаноби Президент ба фикри Шумо ҷомеаи ҷаҳонӣ кадом иқдомро бояд анҷом диҳад, ки дар ин кишвари исломии ҷабрдида (Афғонистон – Қ.С) сулҳу субот барқарор гардад?».

Посухи Президенти Тоҷикистон бисёр мантиқӣ ва пурмуҳтаво аст. Ӯ аввал дар бораи таърих, фарҳанг ва забони ягона доштани тоҷикону афғонҳо мухтасар нақл намуда, пасон, афзудааст: «Мо ҳанӯз аз оғози буҳрони Афғонистон якчанд ташаббусҳои ҳаётан муҳимро вобаста ба ин буҳрон ва мушкилиҳои ҷойдоштаи кунунӣ ба бародарони афғон барои баромадан аз мусибатҳои ҳозирааш пешниҳод кардем. Тоҷикистон дар масъалаи расонидани кӯмак ба Афғонистони бародар ва ҳамсояи худ вафодор буд ва хоҳад монд. Аллакай мо барои сохтани роҳҳои мошингард ва пулҳои азим дар болои дарёи Ҷайҳун – наздики Афғонистон машғул шудем. Омодагӣ барои амалисозии лоиҳаи CASA- 1000 барои интиқоли хатти баландшиддати неруи барқ аз Тоҷикистон ва Қирғизистони ҳамсоя ба Афғонистон ва аз он ҷо ба Покистон ба иҷро мерасад. Ҳамчунин, лоиҳаҳои муҳимми дигари стратегие мавҷуд аст, ки иҷрои он дар Тоҷикистон амалӣ мегардад ва характери минтақавӣ дошта ба беҳбудии шароити зиндагии Афғонистон низ нигаронида шудааст».

Мухбир ба мақсади боз ҳам равшанӣ андохтан ба посух саволи дигарро ироа медорад: «Кадом иқдомотро ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд амалӣ кунад?»

Посухи Президенти Тоҷикистон ба ин савол чунин аст: «... аввалан идомаи кумаки ҷиддӣ ба халқи афғон барои бартараф кардани зуроварию тундгароӣ, расидан ба ҳамдигарфаҳмию мусолиҳаи миллӣ ва пайвастани он ба ҷаҳони мутамаддин зарур аст. Баъдан, мо кишварҳои ёрирасон, ниҳодҳои молиявии минтақавӣ ва байналмилалиро барои вафо намудан ба созишномаву аҳду ваъдаҳояшон нисбат ба Афғонистон водор мекунем» [444].

Аз рафти мусоҳиба эҳсос мешавад, ки ҳарчанд саволҳо пешакӣ барномарезӣ шуда, доира ва фурсати суҳбат муайян гардидааст, аммо мухбир дар рафти суҳбат фаъолтар аст. Ӯ тавассути саволҳои луқмаӣ барои боз ҳам равшан

гардидани ҷанбаҳои муҳимми мавзуъ кӯшидааст. Президенти Тоҷикистон дар ағлаби мусоҳибаҳо доир ба вазъияти Афғонистон изҳори назар намуда, барои раҳоӣ аз буҳрони шадид пешниҳодҳо низ кардааст.

Маводди дигар «Мусоҳибаи Президент Эмомалӣ Раҳмон барои рӯзномаи «Ал-Баён» унвон дорад, ки дар санаи 17-уми апрели соли 2007 дар сомонаи рӯзномаи Амороти Муттаҳидаи Араб нашр гардидааст. Мусоҳиба аз 9 савол таркиб ёфтааст. Саволҳо ба ҳам иртибот дошта, мантиқан якдигарро пурра мегардонанд. Дар ин мусоҳиба низ мусоҳибагир аз вазъи минтақа, хосса Афғонистон пурсон шудааст.

Ба саволи мухбир «Минтақаи фарогири Шумо ҳанӯз ҳам тезутунд боқӣ мемонад ва носуботӣ зиёд мешавад, чи гуна вазъ дигаргун мешавад?» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин посух додааст: «Суботи сиёсии Осиёи Миёна аз вазъи Афғонистон вобаста аст. Дар мо мақоле ҳаст, ки агар ҳамсоя бой ва хуб бошад, манфиаташ ба ту хоҳад расид, аммо агар ҳамсояат бад бошад, аз вай ба ҷуз бадӣ чизе намерасад. Ва агар хонаи ҳамсояат оташ гирифт ва ӯро ёрдам накардӣ, пас, албатта, оташ ба хонаи ту хоҳад расид. Аз ин рӯ, оромӣ дар Афғонистон ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Халқи афғон низ барои зиндагии тинҷу осуда ба мисли дигар халқҳо ҳақ дорад. Афғонистон давлати бузург аст ва сарватҳои ғанӣ (зиёд) дорад ва оромию тинҷӣ дар он суботи тамоми давлатҳои минтақа ва ҷаҳон аст» [434].

Бо сиёсатмадорон мусоҳиба оростан кори саҳл нест. Дар ҳолати бо чунин ашхос суҳбат кардан, масъулияти рӯзноманигор дучанд мешавад, таваҷҷуҳаш бештар мегардад. Ба ин мазмун, профессор Ҷ. Муқимов дуруст менависад, ки «бо сиёсатмадорон, намояндагони ҳизбҳо ва мансабдорони зинаҳои гуногуни ҳокимият холисона муносибат кардан лозим аст» ва «аз саволҳои баҳсангез парҳез кунед» [152, с. 33; 28].

Дар мусоҳибаҳои рӯзноманигорони араб, махсусан дар мусоҳибаи шабакаи «Ал-Ҷазира»-и Қатар чунин муносибат дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудааст.

Дар мусоҳибаи дигари шабакаи «Ал-Ҷазира» таҳти унвони «Эмомалӣ Раҳмон: натиҷаи 10 соли Тоҷикистон» (2007, 21-уми май) 16 савол пешниҳод

шудааст. Саволҳо паҳлуҳои гуногуни сиёсати хориҷӣ ва дохилии Тоҷикистонро дар бар мегиранд.

Дар пасманзари савол иғво қарор дорад. Хабарнигор мехоҳад бо гирифтани посухи дилхоҳаш, байни тоҷикон ва дигар қавмҳои Афғонистон як навъ иғво андозад. Аммо Президенти Тоҷикистон ҳамчун сиёсатмадори ботаҷриба бо дарназардошти омилҳои созандагии муносибатҳо ба ин савол посухи басо мантиқӣ ва дипломатӣ додааст: «Афғонистон, албатта зиёда аз 25 сол боз ҷанги шаҳрвандиро аз сар мегузаронад. Шояд яке аз мусибатҳои мавҷуда дар Тоҷикистон сарчашмааш дар Афғонистон бошад. Дар Тоҷикистон мақоле ҳаст, ки мегӯянд: «Агар хонаи ҳамсоя оташ гирифт ва ба ӯ дасти кумак дароз накардӣ, оташ ба ту ҳатман зиён хоҳад расонд». Ин мақоли тоҷикӣ аст ва ман ба ин эътимод дорам» [427].

Мавзуи дигаре, ки хабарнигорони араб дар мусоҳибаҳои худ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар таваҷҷуҳ кардаанд, муносибати Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон (махсусан Россия, Амрико, Эрон, ИДМ) мебошад. Дар ин силсилаи мусоҳибаҳо низ саволҳои хабарнигорон оҳанги ҳангомаро касб намудаанд. Ба далели фикр чанд саволро ин ҷо иқтибос мекунем.

1. «Шумо дар Осиёи Миёна ҳастед. Вай минтақаи дуқутбии байналмилалӣ аст ва Тоҷикистон худашро дар куҷо мебинад? Оё Тоҷикистон ба Русия наздик аст ё ба Амрико? Ё Шумо дар минтақаи миёна ҳастед?»

2. «Дар оғози ин вохӯрӣ Шумо гуфтед, ки баъд аз халос шудан аз таъсири Иттиҳоди Шуравӣ, сиёсати дарҳои кушодро бо хориҷ пеш гирифтаед. Ҳоло муносибати Тоҷикистон бо Россия ва Ғарбро чӣ гуна барқарор мекунед ва оё нуфузи Русияро дар Тоҷикистон ба манфиати мавқеи Ғарбу Амрико аз нав дида мебароед?».

3. «Аммо баъзеҳо шояд фаҳмида бошанд, ки аз нав дида баромадани ин муносибатҳо вақте сар шуд, ки қувваҳои ИМА мавқеи неруҳои Россияро барои ҳимояи сарҳади ҷанубии Тоҷикистон иваз карданд ва низомиёни амрикоӣ неруҳои ҳарбии шуморо тамрин дода бо кумакҳои ҳарбӣ таъмин намуданд. Мо

миёнаравиҳои ин таҳаввулотро чӣ хел бифаҳмем ва оё ин таваҷҷуҳи Тоҷикистон нисбат ба Ғарб нест?».

Тавре аз мазмуни саволҳо бармеояд, онҳо қолабӣ нестанд, балки дар раванди мусоҳиба ҳосил шудаанд. Бо ибораҳои «дар оғози ин вохӯрӣ Шумо гуфтед», «аммо баъзеҳо шояд фаҳмида бошанд» шуруъ гардидани саволҳо ин фикри моро собит месозад. Ин аз он ишора мекунад, ки хабарнигор дар рафти мусоҳиба озод аст ва маҷрои суҳбат дар ихтиёри ӯст.

Як вижагии чунин силсилаи мусоҳибаҳо дар он аст, ки мусоҳиб ҳамчун сиёсатмадори варзида аз оҳанги ҳангомаангези саволҳо ба эҳсос дода намешавад, балки воқеияти аслро бо назардошти манфиатҳои миллӣ маънидод мекунад. Чунончи, ба саволи сеюм мусоҳиб чунин посухро муносиб донистааст:

«... Муносибатамон бо Амрико низ хеле хуб аст. Ин маънои онро надорад, ки Тоҷикистон яке аз майдонҳои рақобат байни давлатҳо бошад. Мо намехоҳем, ки Тоҷикистон марказ ё макони рақобати абардқудратҳо гардад. Агар ин рақобат пайдо шавад ба манфиати халқҳои минтақа нест» [427].

Омӯзишу баррасии мусоҳибаҳои матбуоти даврӣ ва агентиҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс нишон медиҳад, ки дар рафти мусоҳиба баъзан хабарнигорон аз доираи гуфтугӯ баромада, кӯшиш намудаанд, ки фикри худро таҳмил намоянд. Таҳмил намудани назари худ дар фаъолияти рӯзноманигорӣ мамнуъ набошад ҳам, ба жанрҳои хабарӣ хос нест. Дар жанрҳои таҳлилӣ, ба хусус дар жанри суҳбат, ки шаклан ба мусоҳибаи диалог монанд аст, тарафҳо метавонанд фикри ҳамдигарро таҳмил кунанд. Ба ин маънӣ, муҳаққиқ Ҷ. Муқим дуруст менависад, ки «мусоҳиба ин жанри суҳбат нест, ки ... назари худро таҳмил намоед» [152, с. 44].

Мухбири рӯзномаи «Ар-Риёз» дар саволи худ Тоҷикистонро ҳамчун «кишвари исломӣ» (... فخامة، إن الرئيس طاجيكستان بلد إسلامي ...) муаррифӣ мекунад, ки аз ноогоҳӣ ва ё амали қасдонаи ӯ дарак медиҳад. Яъне, аниқтараш ин ки хабарнигори араб Тоҷикистонро ҳамчун кишвари исломӣ дидан мехоҳад. Президенти Тоҷикистон ин иштибоҳи мухбирро бидуни ҳеҷ эҳсос ва норизоӣ гӯш карда, ислоҳ нанамуда, балки орому самимӣ ҳақиқати ҳолро фаҳмонидааст.

«Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари демократӣ аст ва қонун дар он ҳукмрон аст. Зиёда аз 90 %-и сокинонаш мусулмонанд ва мо давоми истиқлолияти миллӣ тавонистем, ки муносибатҳои хуби сиёсӣ бо ҳамаи давлатҳои исломӣ, аз ҷумла бо ШАС барқарор кунем» [444].

Президенти Тоҷикистон дар аксари мусоҳибаҳояш ба таҳкими муносибатҳо бо кишварҳои араб (ШАС, Қатар, АМА) ишораҳо карда, хабарнигорон ва хонандагони арабро бовар кунонидааст, ки Тоҷикистон кишвари дунявӣ буда, бо тамоми кишварҳои ҷаҳон новобаста ба сохташон муносибати нек дорад.

Дар мусоҳибаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигорони кишварҳои араб (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Амороти Мутаҳҳидаи Араб, Миср, Қатар ва Кувайт) натиҷаи мулоқотҳои расмии сарони кишварҳо, таҳкими ҳамкорӣ, мундариҷаи санадҳои ҳамкории имзошуда, нақши равобити иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дар расидан ба манфиатҳои муштарак, дурнамои ҳамкориҳо дар соҳаи туризм, ҷалби сармоя ба бахшҳои хусусӣ, муносибатҳои дипломатӣ ва дурнамои он низ таваҷҷуҳ шудааст.

Ҳамин тавр, силсилаи мусоҳибаҳои хабарнигорони расонаҳои даврии кишварҳои араби Халиҷи Форс бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз нигоҳи навъ мусоҳибаи диалог буда, теъдоди саволҳо аз 9 то 16 ададро ташкил медиҳад. Хабарнигорон ба масъалаҳои гуногун, аз ҷумла, вазъи кишвар, минтақа, сатҳи зиндагии мардум, муносибат бо кишварҳои хориҷӣ, ба хусус Россия ва амсоли ин таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин мусоҳибаҳо ба шарофати неруи тавоно, ҷаҳонбинии васеъ ва диди сиёсатмадории мусоҳиб Тоҷикистон ва воқеияти ҳоли он холисонаву воқеӣ ба мардуми кишварҳои араб муаррифӣ гардида, барои таҳкими дӯстӣ ва ҳамкориҳои тарафайн мусоидат намудааст. Ҳарчанд дар рафти мусоҳибаоро хабарнигорон аз усулҳои гуногуни «ҳуҷум» истифода намуда бошанд ҳам, посухҳои мусоҳиб бисёр бо таҳаммул, оқилона ва дипломатона баромадааст.

Мавриди зикр аст, ки силсилаи мусоҳибаҳо бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳини сафарҳои гуногун аз ҷониби хабарнигорони араб сурат гирифтааст, дар ВАО-и тоҷик, ба хусус АМИТ

«Ховар» бозчоп гардидааст. Дар бозчопи матолиб, бо вуҷуди андаке таҳрирҳо вижагиҳои жанрии мусоҳиба, ки аз қонунмандиҳои шаклии он бармеояд, риоя шудааст.

Вижагии жанри мусоҳиба, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар матни он на нуқтаи назари хабарнигор, балки андеша ва ақидаи мусоҳиб муҳим аст. Мавзуъ ва масъала аз ҷониби ӯ тафсил мешавад ва ё баррасӣ мегардад. Жанрҳои дигари публитсистӣ ин имкониятро надоранд. Дар он жанрҳо ҳарчанд рӯзноманигор дар шарҳу тавзеҳ ва ё таҳлилу баррасии мавзуву масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ аз андешаҳои дигарон низ истифода мекунад, аммо мавқеъ ва назари касбии ӯ бевосита дар ҷойи аввал қарор мегирад.

Бартарии силсилаи мусоҳибаҳои бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия намудаи хабарнигорони ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ҳамин аст, ки мусоҳиб ҳамчун ходими давлатӣ, сиёсатдону коршинос ба саволҳо посух дода, вазъияти Тоҷикистон ва минтақаро хуб таҳлил карда, муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳоро арзёбӣ намуда, роҳҳои баромадан аз вазъияти буҳрониро бо таҳлилҳои фарох, асоснок ва мантиқӣ нишон додааст. Муносибати мусоҳиб ба воқеаҳо ва масъалаҳое, ки хабарнигорони араб фаҳмиданӣ шудаанд, холисона ва ҳақиқатнигарона аст.

Г) Репортаж. Истилоҳи репортаж аз калимаи лотинии «reportare» буда, маънояш хабар додан аст. Аммо шеваи хабаррасонӣ дар жанри репортаж дигар аст. Навгоние, ки дар шакли репортаж инъикос мегардад, монанди жанри хабар якранг ва ё ҳисобот маҳдуд ва умумӣ набуда, бо обуранги табию касбӣ шакл мегирад. Аз тарафи дигар, дар репортаж навгонӣ ба таври умумӣ инъикос нашуда, паҳлуҳои ҷудогонаи он ба таври вусъатнок ба тасвир гирифта мешавад. Репортаж аз жанрҳои дигари ахборӣ «бо хусусияти айнии тавсири воқеаҳо фарқ мекунад» [250, с. 33].

Матнҳои дорои чунин хусусият дар матбуоти даврии кишварҳои араби Халиҷи Форс кам бошад ҳам, ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, дар матнҳои «Ар-Рабиъа дар Тоҷикистон Маркази таълимии ҷумҳуриявии ҳолатҳои фавқулоддаро ифтитоҳ кард» [1, 2018. – 05 октябр], «Павилиони Тоҷикистон … Ақиқ, ҳунарҳои

дастӣ ва асбобҳои торӣ» (جناح طاجيكستان ... عقيق وحرف يدوية وآلات وترية) [431], «Тоҷикистон меҳмонони ЭКСПО 2020-ро бо сарватҳои табиӣ, захираҳои обӣ ва ҳунарҳои суннатии худ мафтун мекунад» [446] унсурҳои жанри репортаж бартарӣ дорад. Вижагии хоси ин ва амсоли ин матнҳо дар он аст, ки нигорандагонашон воқеаҳоро якранг инъикос нанамуда, ҷузъиёти онро ба тафсил тасвир намудаанд. Аз тарафи дигар, дар маркази чунин матнҳо воқеаҳое қарор доранд, ки серпаҳно буда, амал ва ҳаракатро ифода мекунанд. Чунончи дар матни «Павилони Тоҷикистон … Ақиқа, маснуоти дастӣ ва асбобҳои торӣ» намоишгоҳи мероси миллии тоҷикон, ки дар минтақаи Ал-Васба (الوثبة), пойтахти аморати Абу-Забӣ баргузор гардидаст, ба хонандаи араб муаррифӣ шудааст. Нигоранда паҳлуи тозаи ҳодисаи барои хонанда маълумро ба назар айён мекунад. Ӯ на танҳо дар бораи як ҳодисаи маъмулӣ хабар додааст, балки моҳият ва арзиши онро бо сухан ва тасвир бармало сохтааст.

Репортаж бо чунин фабула оғоз гардидааст:

«Дар Фестивали мероси Шайх Зайд, мероси халқҳо дар саросари минтақаи Ал-Васба дар пойтахти Абу-Забӣ, дар шароити мусоҳибаи зинда бо тамошобинон, ки аз фазои гуворои мероси миллӣ нафас мекашиданд, рӯ ба рӯ шуданд. Як қатор расму оинҳо ва баъдан шавқу ҳавас ба сохтани тарҳҳое, ки шаклҳои эстетикии гуногун доранд, инчунин кашидани аспу парандаҳо, табиат ва нақшу нигори мармар, маҳсулоти ҳунармандӣ аз тарафи одамони моҳир офаридашуда иборат аст. Маснуоти дастӣ аз қабили қолинҳо, либосҳои суннатӣ ва нассоҷӣ, ки бо табиати худ ба ҳаёти кӯҳистон наздиканд ва ақиқи ҳама намудҳо ва сангҳо хоссанд. Маҳсулоти зиёди солими кӯҳистонӣ аз қабили асал, чарму чӯб ва рангҳои дигари ҳунарҳои қадимӣ, ки ҳамкории зиндаи мероси мардум ва ҳамкориҳо бо ҳамдигарро дар ҷашнвораи мероси Шайх Зайд ташкил медиҳад» [431].

Ин порча ишора аз он мекунад, ки хабарнигор дар ҷойи воқеа будааст, лаҳзаҳоро дида, суҳбатро шунида, бевосита маърифат кардааст. Ин аз хусусияти аслии жанри репортаж аст. Яъне, дар таҳияи репортаж, чунончи, муҳаққиқи рус

А. Гудимов навиштааст: «ман будам, ман дидам, ман иштирок кардам» [72, с. 32] муҳим аст.

Табиати матни мавриди таҳқиқ ин хулосаро тасдиқ мекунад. Нигоранда кӯшиш намудааст, ки «ба аудитория имкон диҳад воқеаи тасвиршударо бо чашми шоҳид (репортёр) бубинад, ба ифодаи дигар, «натиҷаи иштирок дар онро» [241, с. 88] ба вуҷуд оварад.

Репортажҳое, ки дар матбуоти даврӣ ва агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ба табъ расидаанд, аз чунин хусусият бархӯрдоранд ва асоси онҳоро «воқеаи аҳаммиятдор ва шавқовар ташкил медиҳанд» ва муаллифон «дар бораи он мухтасар, пай дар пай, бо тамоми ҷузъиёт ҳикоя» [174, с. 68] кардаанд.

Нигоранда на танҳо фазои чорабинӣ ва ҳолати зоҳирии онро манзури аудитория гардонидааст, балки моҳият ва вижагии маҳсулоти марбут ба ҳунарҳои дастиро шарҳ додааст. Шарҳи ӯ то андозае тобиши ҳунарӣ (тасвирӣ) пайдо кардааст. Чунончи:

«Ҳунарҳои дастӣ дар павилони Тоҷикистон зебоӣ ва ҳузури хоси худро доранд, зеро дар ин павилон тавассути усто Бахтибеков, ки корҳои бофандагӣ ва ресандагии либосҳои суннатии дорои хусусияти махсусро барои калонсолон ва кӯдакон аз худ кардааст, хеле зоҳир шуд ва маълум гардид, ки вай солҳо боз дар ин ҳунар машғул аст. Ин аз дастони моҳири ресандагии ӯ вобаста аст ва гувоҳӣ медиҳад, ки сарфи назар аз вақти зиёдро талаб кардани ҳар як бофтани порчаи онҳо дар шаклҳои гуногун сохта шудаанд».

Ҳамин тавр, таркиби ин репортажро бахшҳои намоиш, таҳти унвони «Мактаби анъанавӣ», «Қисмҳои чӯбӣ», «Ламси зебоӣ», «Мошинсоз» ва «Асали кӯҳӣ» ташкил медиҳад. Ин бахшҳо, ки ҷузъиёти репортажи мавриди назарро ташкил медиҳанд, аз ҷониби нигорандаи он мухтасаран шарҳ дода шудааст. Аз шарҳи муаллиф аён аст, ки ӯ ҳини таҳияи матн танҳо ба мушоҳидаҳои бевоситаи худ қонеъ нагардида, аз ҳунармандон Бахтибеков (доир ба ҳунари бофандагӣ, хосса ҷуроббофӣ), Мирҳалим Яҳёев (дар бораи чӯбкорӣ), Бунёд Лундуков (дар хусуси санъати наққошиву муҷассамасозӣ), Ғулом Расулов (доир ба ҳунари сохтани асбобҳои торӣ) ва Маҳдӣ Тоҳиров (дар бораи асали кӯҳӣ) пурсон

шудааст. Ин усул имкон додааст, ки нигоранда, аз як тараф, мазмуни воқеаи тасвиргардидаро пурратар фаро гирад, аз ҷониби дигар, шукӯҳу шаҳомати намоишгоҳ ва ё ба таъбири профессор М. Муродӣ «симои воқеии рӯйдодро» [157, с. 146] манзури аудитория гардонад.

Матни «Тоҷикистон меҳмонони ЭКСПО-2020-ро бо сарватҳои табиӣ, захираҳои обӣ ва ҳунарҳои суннатии худ мафтун мекунад» низ аз нигоҳи предмети инъикос ба репортажи фавқ наздик аст. Ин ҷо низ воқеаи инъикосшуда намоишгоҳи Тоҷикистон (павилон) аст, ки дар «Expo-2020 Дубай» таҳти унвони «Об барои рушди устувор» баргузор гардидааст. Аз тасвирҳои матни репортаж хулоса мешавад, ки дар ин намоишнома дастовардҳои Тоҷикистон дар бахшҳои саноат, кишоварзӣ ва сайёҳӣ ва маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, зиёда аз 100 навъи экспонат ва намунаҳои махсулоти саноат ба намоиш гузошта шуда будааст.

Вижагии ин репортаж дар он аст, ки нигоранда дар сархати аввал дар баробари муаррифии фазои намоишгоҳ, ба ташкили он низ таваҷҷуҳ намуда, моҳияти онро шарҳ додааст. «Дар павилони Тоҷикистон мутобиқшавии ҳаёти инсон бо табиат, вобастагии масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба об ба мушоҳида мерасад. Тоҷикистонро «Хонаи об» меноманд, зеро 60 %-и захираҳои оби Осиёи Миёна ба он тааллуқ дорад; он дорои 13000 пирях ва 947 дарё, 1300 кӯл, махсусан кӯли Сарез, 11 кӯли сунъӣ ва 200 чашмаи оби маъданӣ мебошад».

Таҳлилу баррасии ин матн ба мо имкон медиҳад, ки чанд вижагии дигари репортажро муайян намоем. Аввалан, ин матн тавре навишта шудааст, ки хонанда ҳини мутолиа худро дар ҷойи ҳодиса тасаввур карда метавонад. «Павилон дар минтақаи устувор ҷойгир аст, гӯё дар он гӯсфандони помирии Марко Поло, бузҳои шохдори тоҷикӣ дар миёни даштҳо ва водиҳои Сарсарак ва Дарвози Тоҷикистон, он кишвари кӯҳистонӣ, ки ба баҳр баромад надоранд, сайр доранд».

Баъдан, воқеаи дар репортаж инъикосшуда нисбатан шавқовар аст, хусусан барои аудиторияе, ки аз манзараҳои табиӣ ва ҳаёти иҷтимоиву иқтисодию истеҳсолии Тоҷикистон бехабар ва ё камогоҳ аст. «Тамошобинон дар даромадгоҳи павилон нишони давлатиеро мебинанд, ки дорои тобиш ва рамзҳои

зиёди миллӣ буда, аз унсурҳои офтоб, китоб ва кӯҳҳо иборат аст, ду тараф бо хӯшаҳои гандум ва навдаи пахта иҳота карда шуда, бо рангҳои тиллоӣ пӯшонида шудаанд».

Солисан, журналист ҳамчун шоҳид дар бораи воқеа бо эҳсоси гарм ва нисбатан самимӣ нақл мекунад. «Павилон аз рӯйи якчанд меҳварҳои асосӣ тарҳрезӣ шудааст, ки гуногунрангии биологӣ ва табиии Тоҷикистонро нишон медиҳанд. Унсурҳои меъмории миллии кишвар барои эҷоди таҷрибаи фарогир ва ҷолиб истифода шудаанд. Таҳияи «табчан» нишон медиҳад, ки кабинаи он бо ҳунарҳои дастӣ, наққошиҳои чӯбӣ, унсурҳои кандакории маҳаллӣ оро дода шудааст».

Воқеан, барои жанри репортаж мавқеъ ва таъсири иштирок муҳим аст, ки тавассути он хонанда дар баробари рӯзноманигор воқеаро мебинад, мешунавад ва қабул мекунад. Ба ин маънӣ, дар репортажҳои мавриди таҳлил на танҳо дар бораи навгонӣ иттилоъ дода шудааст, балки кӯшиши ба раванди воқеа ва шукӯҳу шаҳомати он ҳамроҳ кардани хонанда низ эҳсос мегардад.

Аз таҳқиқи маводди агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс хулоса кардан мумкин аст, ки хабарнигорон дар инъикос ва шарҳу тафсири воқеоти марбут ба муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои араб аз имконот ва аносири жанрҳои ахбории публитсистика ба таври васеъ истифода кардаанд. Ба хусус дар солҳои охир, вобаста ба авзои замон (ҷаҳон) истифодаи жанрҳои ахборӣ зиёд гардида, ба мақоми аввал баромаданд. Ҷараёни ҳаводиси пуртазоди зиндагӣ ва ҳаёҳуи иттилоотӣ ки масъулини матбуоти даврӣ, муҳаррирони нашрияҳоро водор намудааст, қисми бештари саҳифаҳои нашрияҳоро бо маводди иттилоотӣ пур кунанд.

Ҳарчанд дар инъикоси предмети таҳқиқи кори диссертатсионии мо аз жанрҳои маъмулии ахборӣ: хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж истифода шудааст, аммо таносубан жанрҳои хабар ва ҳисобот бартарӣ доранд. Хабарҳо аз нигоҳи сохт гуногун: хроника, кӯтоҳ ва васеъ буда, мундариҷаашон баъзан аз доираи факти мушаххас берун аст. Баъзан сафари ин ё он намояндаи расмии

Тоҷикистон ба ин ё он кишвари араби Халиҷи Форс, аз оғоз то интиҳо, ба таври умумӣ дар як хабар ҷой дода шудааст.

Омӯзиш ва таҳлили намунаи матнҳои хабарӣ нишон медиҳад, ки қолабҳои жанрӣ дар ВАО-и кишварҳои гуногун, новобаста аз сохти иҷтимоӣ ва давлатдориашон, ҳамгун будааст. Ин ҳолат ба он далолат мекунад, ки шинохт ва маърифати назариявии жанрҳои публитсистика аз як сарчашма маншаъ мегирад.

4.2. Корбурди жанрҳои таҳлилӣ дар инъикоси муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо

Аз гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ, ки рӯзноманигорон дар инъикос ва баррасии воқеият ва масъалаҳои марбут ба муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс бештар истифода намудаанд, мақола, нигориш ва табсираро метавон ном бурд. Ин ҳолат бесабаб нест, зеро миёни жанрҳои публитсистика ин жанрҳо бештар имконияти инъикос ва баррасӣ намудани воқеаҳои байналхалқиро доранд. Ба ин маънӣ, дар ВАО-и кишварҳои араб, ҳамчунин, тоҷик масъалаҳои марбут ба мавзуи мавриди таҳқиқи рисолаи илмӣ, аслан аз қолаби жанрҳо мақола, нигориш ва табсира инъикос шудааст.

А) Мақола аз жанрҳои маъмули матбуоти даврӣ маҳсуб меёбад, зеро ин жанр баробари пайдоиши нахустин нашрияҳои даврӣ ба вуҷуд омада, тадриҷан вижагиҳои жанриашро ба шакл даровардааст. Доир ба мақола дар фарҳангу китобҳои илмиву таълимии соҳаи рӯзноманигорӣ маълумоти гуногун зикр шудааст, ки бархе аз муҳимтарин онҳоро ин ҷо ишора менамоем. Аз ҷумла, истилоҳи мақола дар «Луғати Деҳхудо» чунин шарҳ ёфтааст: «сухан, калом, гуфтор, мақол, мақолат, мабҳаси фасле аз китоб ё рисола, як матолиби навишташуда дар рӯзнома ё маҷалла, навиштае, ки дар бораи мавзуи хосе нависанд ва ғолибан дар рӯзнома ё маҷалла чоп кунанд» [80, с. 14].

Дар донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ мақола «1) гуфтор, нутқ ва навишта; 2) жанри таҳлилии публитсистика, ки таҳқиқи масоили ҳалталабро

фаро гирифта, муаллиф дар асоси факту ҳодиса ва воқеаҳои муайян фикр ва ё ғояи умумиро ташаккул медиҳад» [160, с. 164] маънидод шудааст.

Манзур аз навиштани мақолаи публитсистӣ равшан кардани ҳақиқати ҳол, масъала ва мушкилот барои хонанда ва, умуман, ҷомеа аст, яъне, дар заминаи баррасии ин ё он масоили иҷтимоӣ, аз як тараф, таваҷҷуҳи хонанда ба мавод ҷалб карда мешавад, аз ҷониби дигар, андешаҳои муҳимму мубрам доир ба масъалаи баррасишуда илқо мегарданд. Ба ин маънӣ, мақола ҳамчун жанри рӯзноманигорӣ бидуни ғоя (фикр, ақида) ва иттилоот (факту арқом) буда наметавонад. Мақоланависро мебояд моҳияти масъаларо кушояд, проблемаи мавҷударо дуруст дарк намояд, онро асоснок кунад, сабабҳои иллати буҳрониро ошкор созад ва ба ин васила роҳҳои ҳалли қазияи баррасишударо пешгӯйӣ намояд.

Дар боби таърихи мақола ва хусусияти жанрии он, ҳам дар кишварҳои араб ва ҳам дар Тоҷикистон пажуҳишҳои нисбатан кофӣ анҷом гирифтаанд ва чунончи ишора рафт, аксарияти муҳаққиқон зуҳури аносири ин жанрро ба нашри рӯзномаву маҷаллаҳо мансуб донистаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқони тоҷик А. Саъдулло ва П. Гулмурод пайдоиши мақоларо дар матбуоти даврии тоҷик «ба нашри рӯзномаи нахустини тоҷик – «Бухорои Шариф» алоқаманд намудаанд. Онҳо мақоларо «як намуди жанрҳои таҳлилии матбуот дониста, таҳлил ва андешаю мулоҳизаро аносири жанрсоз дар ин намуди жанрҳои таҳлилӣ медонанд» [224, с. 15]. Ин донишмандон ҳамчунин афзудаанд: «Хусусиятҳои жанрии мақола талаб мекунад, ки проблемаҳои ҳаётӣ амиқтар ва фактҳо ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор гиранд». Назар ба таъйиди муҳаққиқони фавқуззикр мақола аз дигар жанрҳои рӯзнома бо фарохии хулоса ва амиқии таҳлили фактҳо фарқ мекунад.

Муҳаққиқи тоҷик И. Усмонов мақоларо жанри марказии публитсистика дониста, қайд кардааст, ки «вай беҳтарин василаи баёни фикр ва дарҷи ақида аст. Талошҳо барои озодии баён бештар дар атрофи ҳамин жанр сурат мегирад» [250, с. 59].

Муҳаққиқон М. Муродӣ ва О. Салимзода вижагиҳои хоси мақоларо ҳамчун жанри таҳлилӣ дар он дидаанд, ки «предмети таҳқиқи он масоили ҳалталаб аст ва муаллиф дар асоси факту ҳодиса ва воқеаҳои муайян фикр ва ё ғояи умумиро ташаккул медиҳад» [157, с. 45]. Ин муҳаққиқон ҳамзамон дар мақола нақш ва ҷойгоҳи таҳлил, андеша ва мулоҳизаро муҳим ва бунёдӣ арзёбӣ кардаанд.

Дар адабиёти илмиву таълимии олимони рус ва тоҷик, асосан навъҳои зерини мақола номбар шудаанд.

1. Сармақола;
2. Мақолаи назарӣ – сиёсӣ;
3. Мақолаи проблемавӣ;
4. Қайдҳои публитсистӣ [174, с. 47].

Бо вуҷуди ин тавзеҳоти муҳаққиқон, навъҳои мақола ба таври гуногун тасниф шудааст. Аз ҷумла, И. Усмонов сармақола, мақолаи директивӣ, мақолаи тарғиботӣ ва мақолаҳои мубоҳисавиро аз навъҳои маъмули мақола донистааст [250, с. 64]. М. Муродӣ ва О. Салимзода вобаста ба хусусиятҳои матнҳои матбуоти даврии муосир навъҳои мақолаи умумитаҳқиқӣ, мақолаи амалӣ-таҳлилӣ ва мақолаи мубоҳисавиро мушаххас намудаанд [157, с. 194].

Омӯзиш ва пажуҳишҳои объекти таҳқиқи кори диссертатсионӣ моро мутмаин сохт, ки дар ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс инъикос ва баррасии муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо, асосан дар навъи мақолаҳои умумитаҳқиқӣ ва амалӣ-таҳлилӣ сурат гирифтааст. Таҳлили қиёсии осори дар ин замина дарҷгардида нишон медиҳад, ки воқеият ва таҳлили он дар таҷрибаи муаллифон аз унсури асосии сохтории жанри мақолаҳо будааст.

Мавзуъ ва мундариҷаи маводҳои таҳлилӣ дар умум як – масъалаи муносибатҳои ду минтақаи ниҳоят муҳимми стратегӣ – Осиёи Миёна, ба хусус Тоҷикистон ва Халиҷи Форс аст, ки дар ВАО-и кишварҳои араб ба таври нисбатан васеъ мавриди таваҷҷуҳ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Чунончи: «Паёмҳои муколамаи стратегӣ байни кишварҳои Халиҷ ва Осиёи Миёна» [443], «Арабҳо ба бозии бузург ҳамроҳ мешаванд... Рақобат миёни Ғарбу Россия ва Чин

барои Осиёи Миёна шиддат мегирад, кӣ ҳал мекунад?» [450], «Буҳрони Қазоқистон ва бозии байналхалқӣ дар Осиёи Миёна» [425], «Осиёи Миёна... Манфиатҳои стратегии Россия ва манфиатҳои иқтисодии Чин» [426], «Либосҳои суннатӣ дар муқобили ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон» [420].

Ин матолиб ҳарчанд дар қолаби жанрҳои таҳлилии мақола, нигориш ва табсира навишта шудаанд, мавзуашон байналхалқӣ буда, муносибати муаллифон ташреҳӣ ва таҳлилӣ аст. Ҳамчунин, дар бештари ин нигоштаҳо кӯшиши нишон додани пасманзараи воқеаҳо, ёрӣ расонидан ба хонанда дар дарки моҳияти воқеиятҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида расад ҳам, ин амал баъзан бо тобишҳои сиёсӣ ва мавқеъгириҳои шахсӣ омехта шудааст. Ба далели фикр, чанд намунаи матолиби интихобшударо мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Матлаби «Буҳрони Қазоқистон ва бозии байналхалқӣ дар Осиёи Миёна»-ро аз нигоҳи вижагии жанрӣ метавон ба мақола нисбат дод. Ғояи асосии ин матолиб, тафсили бардошти собиқ котиби давлатии ИМА Ҳенри Киссинҷер аст, ки гуфта будааст: «меҳвари бозии байналмилалӣ ба Осиёи Миёна мегузарад».

Муаллифи мақола ин андешаро тақвият бахшида, қайд мекунад, ки «ӯ дуруст буд ва моҳияти дигаргуниҳои асосии стратегии глобалиро, ки дар маркази се ҷониб муборизаи қудрат байни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Русия ва Чин қарор доранд, дарк кард».

Ин андеша дар идомаи мақола дар заминаи факту далелҳо таҳлил гардида, натиҷагирӣ карда мешавад. Формулаи матн, бино ба таснифи профессор И. Усмонов, чунин шакл дорад: «ақида+факт+факт+таҳлил = мақола» [250, с. 60].

Ба ин далел, дар мақола нооромиҳои Қазоқистон, зарурати муроҷиат барои кумак аз Русия, минтақаи бузурги ҷуғрофӣ ва сарватҳои нефту маъдан будани ин кишвар, ақаллияти калонро ташкил намудани русҳо, вазъи буҳрон ва интизориҳо аз он, сиёсати Русия бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва амсоли ин ҳамчун факт ва ҷузъиёт истифода шудааст. Муаллиф ба мавзуи баррасишуда назари фарррох намуда, вазъи сиёсии Осиёи Миёна, хосса Қазоқистонро дар контексти сиёсатҳои абарқудратони замон, ки барои нуфуз дар Осиёи Миёна талош доранд, ба баррасӣ кашидааст. «Президенти Русия Путин борҳо гуфтааст, ки Қазоқистон

қабл аз соли 1991 на кишвари мустақил, балки «туҳфаи неки мардуми Русия» буд. Ин тарс ва ҳушёрии мақомоти Қазоқистонро, ки мехоҳанд шарикии байналмилалии худро дар самти Аврупо ва Осиё диверсификатсия (гуногунсамт) кунанд, тақвият мебахшад. Чин иддао дорад, ки Қазоқистон таърихан ба минтақаи ҳудудии он тааллуқ дорад».

Ҳамин тавр, мақолаи мавриди таҳлил «ҳамчун жанри таҳлилии матбуот факту далели зиёдеро ... тачассум намуда, фикру андешаи муайянро ташаккул медиҳад» [187, с. 20], мутолиаи он хонандаро бовар мекунонад, ки дар расидан ба ин ҳадаф нақши сохтори композитсионии мақола низ кам нест. Композитсияи мақола хонандаро аз «маҷмуи ҳолату вазъият, музокира, баҳс ва хулоса» [157, с. 192] воқиф мегардонад, таваҷҷуҳи ӯро ба он чи ки дар зерматн пинҳон аст, мебарад ва дар дарки масъала ба ӯ ёрӣ мерасонад. Корбасти усулҳои гуногуни композитсионӣ имконеро фароҳам овардааст, ки моҳияти ғояи асосӣ – бозии мураккаби стратегӣ дар Осиёи Миёна равшан гардад.

Тавре дар боло ишора шуд, яке аз масъалаҳое, ки воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои араби Халиҷи Форс ба он бештар таваҷҷуҳ намудаанд, масъалаи об аст. Дар ВАО-и ин кишварҳо доир ба ин масъала маводди нисбатан фаровон интишор гардидааст, ки «Ҷанҷоли об... ба нақора мезананд» (Водные войны... Бьют в барабаны [432], «Об бузургтарин чолишест, ки Осиёи Миёна дар сурати мавҷуд набудани созишнома доир ба тақсими он рӯ ба рӯ мешавад» [463], «Тағйирёбии иқлим ва ҷанги об» [428], «Тоҷикистон … Ташаббусҳои «Об барои рушди устувор» [447], «Оё Қирғизистону Тоҷикистон ҷанги обу заминро миёни ҳам хомӯш карданд?» [2, 2021. – 3 май] намунае аз онҳост.

Ин матолиб аз ду ҷиҳат ба ҳам умумият доранд. Аз як тараф, мавзуъ ва ё масъалаи баррасишуда як аст, аз ҷониби дигар, таҳлилу натиҷагириҳо, асосан дар қолаби жанри мақола сурат гирифтааст. Аммо доманаи масъалаҳо ва сатҳи баррасии онҳо аз ҳам фарқ мекунад. Чунончи, дар матни аввал ҷанҷоли об миёни кишварҳои алоҳида, дар мақолаи дуюм, проблемаи хушкидани баҳри Арал, дар сеюм, норасоии об дар минтақа, чаҳорум, аҳаммияти ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба об, дар панҷум муноқишаҳои Қирғизистону

Тоҷикистон дар масъалаи тақсими об ба сифати меҳвар ва ё ғояи асосии матолиб истифода шудааст. ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс ба масъалаҳое таваҷҷуҳ намудаанд, ки аз нигоҳи вазъ ва сатҳ муҳим ва мубрам буда, на танҳо аҳаммияти кишварӣ, балки манфиати минтақавӣ ва баъзан байналмилалӣ низ доранд. Чунин масъалаҳоро танҳо бо баёни факт ва шарҳу тавзеҳи мушаххас наметавон маҳдуд кард, онҳо дарку маърифати хоссаро тақозо менамоянд ва чунин амал, аслан аз ҷониби коршиносон сурат гирифта метавонад. Бинобар ин расонаҳо, аз як тараф, бештар мавзуъҳоеро ба контексти жанри мақола даровардаанд, ки аудиторияро ба ҳаяҷон меоранд, аз ҷониби дигар, дар баррасӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо муаллифон аз неруи коршиносони соҳаҳои гуногун истифода намудаанд.

Яке аз чунин масъалаҳо хушкшавии баҳри Арал мебошад, ки оқибатҳои он барои тамоми кишварҳои Осиёи Миёна манфӣ аст.

Мавриди зикр аст, ки хушкидани баҳри Арал масъалаи нав нест. Ин масъала ҳанӯз аз солҳои 80-уми садаи гузашта, коршиносони соҳаҳои иқлим ва экологияро ба ташвиш оварда буд. Он, пас аз пош хӯрдани ИҶШС боз ҳам муҳимтар гардид, ки бо мақсади пайдо кардани роҳҳои рафъи мушкилот 26 марти соли 1993 дар вохӯрии роҳбарони 5 мамлакати Осиёи Миёна дар шаҳри Қизилордаи Ҷумҳурии Қазоқистон Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал таъсис ёфт. Ҳадафи асосии таъсиси Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал пешгирӣ ва кам кардани таъсири буҳрони баҳри Арал, иттилотонии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин қазия, ҷалб кардани маблағ аз панҷ давлати ҳавзаи баҳр, ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо барои беҳтар намудани вазъи экологӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҳавзаи баҳри Арал ба ҳисоб меравад.

Омили эҷоди мақолаи «Об бузургтарин чолишест, ки Осиёи Миёна дар сурати мавҷуд набудани созишнома доир ба тақсими он рӯ ба рӯ мешавад» суҳбати президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев бо ҳамтои туркманаш Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов аст, ки дар ҷараёни сафари ӯ ба Остона рӯзи 18 апрели соли 2015, сурат гирифтааст.

Н. Назарбоев дар ин суҳбат аз масъалаҳои глобалии минтақа, аз ҷумла, хушк шудани баҳри Арал сухан ронда, таъкид намудааст: «Мо якҷоя ҳамсояҳои худро даъват мекунем, ки тамоми мушкилоти мавҷударо аз тариқи эътимоди мутақобила ва дар асоси манфиати ҳамагон ҳал кунанд. Мо бори дигар таъкид кардем, ки захираҳои дарёҳои фаромарзӣ дар Осиёи Миёна дастоварди ҳамаи мо ва истгоҳи дӯстиву ҳамдигарфаҳмии мост». Барои рафъи ин мушкилот Сандуқи байналмилалии наҷоти Арал ташкил карда шудааст.

Ин суҳбатро метавон ғояи тавлиди мавзуъ донист, зеро фикри муаллиф дар ин замина шакл гирифта, ӯ дар баррасии масъалаи хушк шудани баҳри Арал аслан ба се ҷанба таваҷҷуҳ намудааст:

Якум, сабабҳои хушк шудани баҳри Арал;

Дуюм, дараҷаи хушксолӣ дар баҳри Арал дар тули солҳои 1989 ва 2014;

Сеюм, тадбирҳои имрӯза барои рафъи мушкилоти баҳри Арал.

Ин се паҳлуи масъала ғояи асосии мақоларо ташкил медиҳанд. Аммо сохтори мақола нишон медиҳад, ки ҳадафи муаллифи он гузориши проблема ва ё баррасии роҳу василаҳои ҳалли он нест, балки барои ӯ тавсифи мушкилот ва натиҷаҳои интизории он барои кишварҳои Осиёи Миёна муҳимтар аст. Муҳтавои мақола хонандаро мутмаин месозад, ки нигорандаи он шахсияти огоҳ аст, доир ба мавзуи мавриди таҳлил иттилооти нисбатан дақиқ ва салоҳияти басанда дорад. Ӯ дар баррасии масъала шеваи хоси таҳқиқро риоя карда, барои дарёфти нуқтаҳои муҳимми мавзуъ кӯшида, матлабро бо далелу ҳуҷҷатҳои мантиқӣ инъикос намуда, ба шакл даровардааст. Ин усул ба муаллиф имкон додааст, ки масъалаи мавриди назарашро саҳеҳ ва фаррох баррасӣ намуда, натиҷаи судманд ба даст оварад.

Мақола бо чунин руҷуъ (фабула) оғоз ёфтааст: «Минтақаи Осиёи Миёна бо чолишҳо ва мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ аст, аммо ҳамаи онҳо барои ҷумҳуриҳои ин минтақа хатар надоранд, ба мисли падидаи норасоии об. Коршиносони соҳаи муҳити зист пешгӯӣ доранд, ки дар тули ним асри оянда ҷаҳон бо норасоии оби тоза рӯ ба рӯ хоҳад шуд, ки аз он замон бо хатҳои нави зиддиятҳо ва низоъҳои

байни давлатҳо дар беш аз як қисмати ҷаҳон, аз ҷумла, дар минтақаи пешини ҷумҳуриҳои шуравии Осиёи Миёна ба вуҷуд омадааст».

Пас аз ин таҳдиди баҳри Арал барои кишварҳои Осиёи Миёна ва бартараф кардани он сужаи мақоларо тақвият бахшидааст. Ин бахши мақола бештар хусусияти ташреҳӣ пайдо карда, дар он чорабиниҳои дар ин маврид бароҳмонда дар шинохти муаллиф бозтоб гардидааст.

«Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна барои аз нобудшавии комил наҷот додани баҳри Арал якҷоя ба кор шуруъ карданд. Тамоми фаъолият дар ин самт тавассути Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал, ки соли 1992 (саҳеҳаш соли 1993. – Қ.С.) аз ҷониби ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Узбекистон Туркманистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон таъсис дода шудааст, сурат гирифт. Созмонҳои байналмилалие, ки аз буҳрони ҷаҳонии норасоии об нигаронанд, ба ин Хазина шомил шуда, кумаки молӣ ироа карданд, зеро дар чаҳоряк аср барои наҷоти баҳри Арал ҳудуди 10 миллиард доллар сарф кардаанд. Кор барои наҷоти баҳр, ба хусус дар заминаи ихтилофоти идомаи тақсими об байни Тоҷикистон ва Қирғизистон, аз як тараф, ва ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна аз тарафи дигар, таъхирнопазир боқӣ мемонад. Узбекистон аз он метарсад, ки сохтмони неругоҳи «Роғун» дар яке аз шохаҳои дарёи Омӯ дар Тоҷикистон боиси коҳиши сатҳи оби рӯдхона мешавад, ки ин маънои маҳрум кардани Узбекистонро аз як бахши бонуфузи об дорад. ... Эҳтимол меравад, ки ин мушкил рафъ шавад, зеро Тоҷикистон чандирӣ ва фаҳмиш нишон додааст ва интизор меравад, ки дар ин замина бо Узбекистони ҳамсоя тавофуқ ҳосил шавад».

Воқеан, оқибатҳои фоҷиабори хушкшавии баҳри Арал, ки дар мақолаи мавриди назар ба баррасӣ кашида шудааст, сарони тамоми кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, Тоҷикистонро бетараф нагузоштааст. Маҳз ин масъаларо ба назар гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшиш менамояд, ки ба воситаи ташаббусҳои байналмилалии марбут ба об, пеш аз ҳама, мушкилоти минтақаи Осиёи Миёна – хушкшавии баҳри Арал роҳи ҳал пайдо карда, мавриди дастгирӣ қарор гирад,

зеро ин масъала хусусияти умумибашариро касб намуда, муҳокимаҳои сатҳи байналхалқиро тақозо менамояд.

Ҳамин тавр, махсусияти усулии ин мақоларо бо он метавон муайян намуд, ки дар он мавзуи муҳим ва рӯзмарра интихоб гардида, дар баррасии он омилҳои сар задани мушкилот, вазъи муосир ва муносибату тадбири чорабиниҳои рафъпазир, зикри пешомад ва оқибатҳои масъала бо таҳлилҳои мантиқиву услуби музокиравӣ инъикос шудааст.

Чунончи дар боло зикр шуд, мақола яке аз жанрҳои таҳлилии рӯзноманигорӣ аст, ки бо мавҷудияти меҳварии ақида ва фикри муаллиф аз жанрҳои дигар фарқ мекунад. Ин жанри таҳлилии публитсистӣ чи дар матбуоти даврии тоҷик ва чи дар нашрияҳои даврии кишварҳои араби Халиҷи Форс ҷойгоҳи хос дорад. Ин далолат ба он мекунад, ки мақола аз жанрҳои меҳварии публитсистика дар матбуоти даврии кишварҳои гуногун ҳамеша бо агентиҳои даврӣ будааст. Аз ҷумла, дар объекти таҳқиқи кори илмии мо инъикос ва баррасии муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс ва воқеаҳои марбут ба он аз имконият ва вижагиҳои жанри мақола фаровон истифода шудааст. Мақолаҳои интишоргардида, анвои гуногун дошта, умдатарин масъалаҳои кишвар, минтақа ва ҷаҳонро дар бар гирифтаанд. Аммо таҳлилу баррасиҳо нишон дод, ки на ҳамаи мақолаҳои дар расонаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс батабърасида аз ҷиҳати хусусият ва талабот ҷавобгӯйи қонунмандиҳо ва вижагиҳои ин жанранд. Аз муҳтаво ва мундариҷаи бархе аз мақолаҳои агентиҳои даврии ин кишварҳо бармеояд, ки дар ағлаби мақолаҳо масъалаҳои бамиёнгузошташуда, дар сатҳи таҳлили хулосавӣ (обзорӣ) шакл гирифтаанд. Ба назари мо, ин омил бесабаб нест. Чун предмети аксарияти матолиби публитсистӣ, аз ҷумла, мақолаҳо, воқеиятҳо ва масъалаҳои байналхалқӣ буда, барои аудиторияи худӣ чандон шинос нестанд, нигорандагон танҳо ба зикри воқеиятҳову ҳодисаҳо маҳдуд нашуда, маҷбур мешаванд, ки ба шарҳу тавзеҳи моҳияти масъалаҳо низ таваҷҷуҳ намоянд.

Дар таҳияи жанри мақола яке аз аносири муҳим, ки ба сохтори матн иртиботи қавии мантиқӣ мебахшад, оғоз ва анҷом аст. Агар дар оғоз масъалаи

баррасишаванда ба миён гузошта шавад, анҷом як навъ баёнгари натиҷаҳоест, ки аз раванди таҳлили масъала ҳосил шудааст. Рафти пажуҳиш нишон дод, ки дар аксарияти мақолаҳо ин талабот риоя шуда, оғози ҷаззоб ва анҷоми ҷаззобтар ба матнҳо ҳусн бахшидааст. Аммо, бо вуҷуди ин мақолаҳое низ ба назар мерасанд, ки дар онҳо таассуроти субъективӣ ва мавқеъгириҳои нодурусти муаллифон василаи «ҷолибсозӣ» гардидааст. Масалан, дар матни «Либосҳои суннатӣ дар муқобили ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон» [420].

Ин мақола чунин шуруъ гардидааст: «Либосҳои суннатӣ бо шаклҳои рангоранг ва зинатёфтаашон ба занони Тоҷикистон маъқуланд, аммо ин тамоюл ба омадани баҳор рабт надорад, балки ба талоши ҳукумат барои коҳиш додани паҳншавии либоси исломӣ дар ин кишвари Осиёи Миёна рабт мегирад».

Дар ин сархат ҳам вазифаи руҷуъ ва ҳам рисолати мушаххассозии асли мақсад ба назар мерасад. Қисми аввали ҷумлаи сархат, ки дар он писандида будани либосҳои миллӣ барои занони Тоҷикистон зикр шудааст, ҳолати баҳснопазири воқеият аст, аммо дар қисми дуюм – «талоши ҳукумат барои коҳиш додани паҳншавии либоси исломӣ дар ин кишвар» то андозае оҳанги ғараз ба назар мерасад, ки хонандаро ба иштибоҳ меорад.

Тавзеҳи асли мақсад дар сархати дуюм ба назар мерасад: «Бо пӯшидани ин либосҳои суннатӣ, занони тоҷик ... тавсияҳои ҳукумати худро иҷро мекунанд ва либоси атласро аз либоси исломӣ бартарӣ медиҳанд».

Тавзеҳи мақсад зоҳиран дуруст мебошад, зеро тарғиби либоси миллӣ дар кишвари мо сол то сол вусъат пайдо мекунад, аммо ибораи «атласро аз либоси исломӣ бартарӣ медиҳанд» оҳанги муғризона касб кардааст. Ин шинохти аслии қазия набуда, балки баёнгари мавқеи субъективии муаллиф аст, ки аз фарҳангу сиёсати кишвараш маншаъ гирифтааст.

Расонаҳои араби Халиҷи Форс ба масъалаҳои глобалии замони муосир, аз ҷумла, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ намудаанд. Баррасии ин масъалаҳо дар қолаби жанри мақола дар ду шакл сурат гирифтааст. Дар баробари он ки расонаҳои кишварҳои араб доир ба воқеиятҳои марбут ба об матолиби зиёди иттилоотиву таҳлилӣ намудаанд, ҳамчунин, суханрониҳои

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро низ бозчоп намудаанд. Ба далели фикр, матни яке аз суханрониҳои сарвари давлати тоҷиконро, ки «Тоҷикистон ... Ташаббусҳои «Об барои рушди устувор» [447] унвон дошта, аз нигоҳи жанрӣ ба мақола наздик аст, ба баррасӣ мекашем.

Ин матн дорои сохтори муайян аст, ки ҷанбаҳои шаклӣ ва муҳтавоии онро таъмин намудааст. Муаллиф аз муҳиммияти масъала ва зарурати ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ёдрас шуда, сипас ба баррасии ҷанбаҳои об мегузарад. Ҳарчанд дар раванди баррасии масъала аз факту арқом ва асноди гуногун фаровон истифода шудааст, аммо хати меҳварии матнро ақида ва назари муаллиф ташкил медиҳад. Ақида ва мулоҳизаронихои муаллиф сари масъалаи асосӣ – об ва нақши он дар рушди ҷомеаи инсонӣ ҷараён гирифта, бо факту арқом ва мисолҳои зиёд пурра ва тақвият ёфтааст.

Сохтори матн аз муқаддима (руҷуъ ба мавзуъ), тафсили самтҳои масъала, хулоса ва пешниҳодот таркиб ёфта, бо таҳлилҳои бодалел ва мантиқӣ низоми муайян пайдо кардааст.

«Об дар рушди инсон нақши муҳим мебозад. Аз замони қадим мардум дар наздикии об маскан гирифтаанд, зеро он ҳамеша манбаи зиндагӣ ва шукуфоӣ буд, инсоният ҳазорсолаҳо онро ҳамчун сарвати муқаддас қадр ва шукргузорӣ кардааст. Имрӯз бо сабаби афзоиши босуръати аҳолӣ, рушди иқтисодӣ ва дигар мушкилоте, ки ба захираҳои табиӣ таъсир мерасонанд, арзиши об ба таври назаррас боло рафтааст».

Агар аз нигоҳи илмии шинохти жанрҳо ба матни мавриди назар муроҷиат намоем, дар он ба ғайр аз «гурӯҳбандӣ, ба низом даровардани маълумот ва барқарор намудани робитаҳои сабабу натиҷа, ҷузъҳои: пешгӯӣ; арзёбӣ ва барномаи амал» [242, с. 154]-ро низ мушоҳида мекунем. Ба ин тариқ, дар мақолаи мавриди таҳлили мо, мушкилоти об ба ҳайси мавзуъ интихоб гардида, дарёфти роҳҳои ҳалли он ғояи асосиро ташкил медиҳад. Маҳз дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаи об аз оғоз то анҷоми мақола хати устувори ироаи андешаву назарро таъмин сохтааст, ки аз чунин бахшҳо иборат аст:

– ташаббусҳои Тоҷикон;

– ҳамкории байни ҳукуматҳо дар соҳаи об;
– идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об;
– қонуни об;
– мушкилоти глобалӣ;
– қадамҳои амалӣ;
– пешниҳодҳо.

Ин бахшҳо ба ҳам дар алоқамандии шакливу мудариҷавӣ қарор дошта, ҳар кадом як шохаи мушкилоти марбут ба об мебошанд, ки дар баррасиҳои муаллиф намои тоза пайдо карда, дар маҷмуъ тасаввурот ва тасвири васеи иттилоот ва назарро доир ба ҳалли масъала фароҳам сохтаанд.

Воқеан, масъалаи марбут ба об яке аз мушкилоти глобалии сайёра маҳсуб меёбад, ки имрӯз таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонро ҷалб намудааст. Дар чунин шароит Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи ҷаҳонӣ қадам ниҳода, ҳамчун давлати соҳибистиқлол аввалин шуда, дар ҳалли муҳимтарин талаботи сайёра, яъне норасоии оби тозаи ошомиданӣ ташаббус нишон додааст.

Имрӯз таъмини аҳолӣ ба об на танҳо дар кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ низ хусусияти актуалӣ пайдо кардааст. Зарурати хусусияти актуалӣ пайдо кардани масъалаи об ин аст, ки имрӯз вобаста ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисод ҳамон миқдор обе, ки ошомиданӣ ҳаст, ҳамасола ба туфайли омилҳои гуногун ифлос мешавад. Дар чунин ҳолат вазифаи асосии олимону коршиносон аз нуқтаи назари арзишҳои гуногуни илмӣ бартараф намудани сатҳи ифлосшавии об дар сайёра мебошад. Хушбахтона, дар ин ҷода, Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаҳои актуалӣ таваҷҷуҳи хосса дорад.

Хуллас, дар мақолаи мавриди пажуҳиш ғоя ба таври возеҳ шакл гирифта, унвонҳо ба мавзуъ ва муҳтавои мавод сахт мувофиқат мекунанд, мулоҳизаҳои муаллиф возеҳ, таҳлилҳо мантиқӣ ва пешниҳодҳо мушаххасанд. Чунин сохтори матн барои дар низоми муайян таҳлилу баррасӣ намудани проблемаи глобалии об, дар контексти ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон мусоидат намудааст.

Умуман, расонаҳои иттилоотии даврии кишварҳои араби Халиҷи Форс дар инъикос ва баррасии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб ва воқеиятҳои муҳимми дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ аз имконият ва вижагиҳои жанри мақола то ҳадди имкон кор гирифтаанд. Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон дод, ки мақолаҳои марбут ба мавзуи пажуҳиш аз ҷиҳати талаботи жанрӣ, яъне рӯзноманигорӣ дар як сатҳ қарор надоранд. Ҳарчанд дар бештари матнҳо шартҳои мақоланависии касбӣ ба мушоҳида мерасад, аммо муносибати муаллифон ба масъалаҳо чандон холисона нест. Баъзе муаллифони мақолаҳо дар баррасии масъалаҳо ва таҳлилу натиҷагирӣ аз онҳо на танҳо аз аносири жанрсоз камтар истифода намудаанд, балки дар тафсил ва маънидоди моҳияти масъалаҳо ба субъективизм роҳ дода, андешаи нодуруст ва мавқеъгириҳои носаҳеҳи худро ба хонанда талмеҳ намудаанд. Бо вуҷуди ин, метавон гуфт, ки жанри мақола дар агентиҳои мавриди назар, яке аз шаклҳои маъмули гузоришу баррасии проблемаҳои марбут ба ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии Тоҷикистон, Осиёи Миёна ва ҷаҳон, музокираву ироаи фикр мавқеи хос доштааст. Дар аксарияти мақолаҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба ошкор намудани моҳияти зуҳуроту падидаҳо, силсилаи рӯйдодҳои ба ҳам алоқаманд, муайян кардани тамоюлҳо ва усулҳои ҳамкории байни кишварҳо дар ҳалли қазияҳои глобалӣ, муайянсозии арзиши онҳо ва амсоли ин нигаронида шудааст.

Б) Нигориш ва табсира. Нигориш аз жанрҳои собиқатарини матбуоти даврӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд нишонаҳои жанрии нигориш дар публитсистикаи қаблазжурналистии тоҷик ба назар мерасад, аммо пайдоиш ва ташаккули он ба таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо алоқаманд аст.

Нигориш жанри таҳлилии публитсистика аст, ки мавзуи инъикос ва баҳси онро воқеа ва рӯйдоди кайҳо бавуқуъпайваста ва ба аудитория маълумгардида ташкил медиҳад. Аммо, тавре муҳаққиқ М. Муродӣ навиштааст, «чунин ҳодисаҳо дар алоҳидагӣ (ба мисли табсира) баҳси нигориш шуда наметавонанд. Ба онҳо назари нигоранда таровати тоза мебахшад. Аз ин рӯ, махсусияти муайянкунандаи нигоришро дар ягонагии инъикосу тасвири ҳодисаҳои иҷтимоӣ, муносибати нигоранда ба воқеаҳо ва фикру андешаи ӯ дар хусуси онҳо метавон

муайян кард. Маҳз ақида ва мавқеи журналист руҳи нигоришро қувват мебахшанд» [160, с. 201]. Аз ин рӯ, нигориш ҳамчун шакли «тафсили тахаюлу афкор (интерпретацияи фикри асосӣ дар заминаи нигоштаҳои адабӣ-публитсистӣ)» дар ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс қобили таваҷҷуҳ будааст. Ҳодисаҳои муҳимми дар давоми ҳафта рухдода, вазъияту ҳолатҳои сиёсиву байналхалқӣ бо истифода аз имконоти жанри нигориш ва баъзан табсира таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Матни «Паёмҳои муколамаи стратегӣ байни кишварҳои Халиҷ ва Осиёи Миёна» аз ҷониби муҳаққиқи араб доктор Абдуллоҳ Амал ал-Ҳудобӣ (أمل الهدابي د. عبدالله) дар ҳошияи натоиҷи нахустин ҷаласаи муштараки вазирони корҳои хориҷии Муколамаи стратегии Шурои ҳамкории кишварҳои араби Халиҷи Форс ва панҷ кишвари Осиёи Миёна (Узбекистон Туркманистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон), ки 7-уми сентябри соли 2022 дар шаҳри Ар-Риёз баргузор гардидааст, навишта шудааст. Ин матн аз нигоҳи жанрӣ хусусияти нигоришро касб кардааст, зеро мақсади асосии муаллиф «ба масъала равшанӣ андохтан» [160, с. 200] аст. Муаллиф ба се самт: аҳаммияти стратегӣ, далелҳои муҳим ва ояндаи муносибатҳо таваҷҷуҳ карда, кӯшиш намудааст, ки моҳияти онҳоро фаҳмонад ва ба пасманзараашон равшанӣ андозад.

Мушаххасоти жанрии ин матнро ба «дарки мавзуъ, объекти муайян, ҳадафи мушаххас, вазифаҳои маънавию тарбиявӣ, вусъати инъикоси воқеиятҳо, микёси натиҷагириҳову умумиятдиҳиҳо, хусусияти бадеӣ-услубии воситаҳои муассири тасвирӣ» [66, с. 224] метавон нисбат дод. Нигориш аз нигоҳи сохтор се бахшро фаро гирифтааст. Бахши муқаддима, ки ҳамчун фабула нақши ворид шудан ба мавзуъро ифода мекунад. Ин бахш воқеаи кайҳо рӯйдода ва ё баамаломада аст, ки барои хонанда маълум аст, аммо пасманзари он чандон равшан нест. Бахши асосӣ – таҳлил ва баррасии воқеа – ошкор намудани моҳияти рӯйдод ва аҳаммияти он ва бахши ниҳоӣ – натиҷагирӣ ва ҷамъбаст.

Дар муқаддимаи нигориш доир ба равобити ду минтақаи муҳимми ҷаҳон (Халиҷи Форс ва Осиёи Миёна), ки дорои иқтидори азим барои рушди устувор мебошанд, иттилоот дода шудааст, аниқтараш ҳолати баамаломада (таҳаввулоти

робитаҳо) ба хонанда ёдрас карда шудааст. Муаллиф хонандаро ба дарки асли мақсад – таҳаввулоти хеле муҳим дар робитаҳо, аҳаммият ва паёмадҳои онҳо ҷалб мекунад.

Баъд аз ин бахши дигари нигориш шуруъ мешавад ва нигоранда ба мақсади равшанӣ андохтан бар аҳаммияти ин таҳаввулот, паёмадҳои он ва пешгӯйии ояндаи муносибатҳои байни кишварҳои Халиҷ ва Осиёи Миёна дар партави муколамаи мазкур андешаашро вусъат мебахшад, ба факту арқом такя мекунад.

Диду назар ва шинохту хулосаҳои муаллиф аз ҷаласаи нахустини муколамаи стратегии давлатҳои арабии Халиҷи Форс дар се ҷанба сурат гирифтааст:

1. **Шарҳи аҳаммияти муколама.** Муколамаи стратегии Шурои ҳамкории Халиҷ ва кишварҳои Осиёи Миёна аҳаммияти минтақавии геостратегӣ ва иқтисодӣ дорад, зеро панҷ кишвари Осиёи Миёна дар қалби он чизе, ки геополитики британиёӣ Маккиндер «Ҷазираи ҷаҳонӣ» номидааст, ҷойгир аст. Касе, ки ин ҷоро назорат мекунад, имкон дорад, ҷаҳонро назорат кунад. Тамаркуз дар ин минтақа умқи ҳаётан муҳимми Россия дар шимол, Чин дар ҷанубу шарқ, ба ҷуз аз нимҷазираи Ҳинд, Эрон дар ҷанубу ғарб ва тамоми ҳавзаи Хазарро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, дар даҳсолаҳои охир ин минтақа як майдони муҳимми рақобатро барои назорат ва нуфуз дар байни қудратҳои мухталифи байналмилалӣ, ба хусус Чин, ИМА ва Россия, ки аз қарни нуздаҳум ин минтақаро таҳти назорат доранд, ташкил додааст. Масоҳати ин минтақа чор миллион километри мураббаъ буда, аз лиҳози масоҳат аз кишварҳои Аврупо калонтар аст.

Ҳамин тавр, муаллиф бо шарҳи бартариҳои захираҳои маъданӣ, энергетикӣ, роҳҳои тиҷоратӣ ва амсоли ин собит месозад, ки ҳамкориҳо судманд аст. Яъне, «роҳандозии муколамаи стратегӣ миёни ду минтақа, яъне Халиҷ ва Осиёи Миёна бо ҳадафи густариши ҳамкориҳои муштарак миёни онҳо, бешубҳа, аҳаммияти ин ду минтақаро афзоиш дода, нақши минтақавию ҷаҳонии онҳоро боло хоҳад бурд ва ба талошҳои муштараки кишварҳои минтақа барои ноил шудан ба сулҳ, шукуфоӣ ва рушди устувор хидмат хоҳад кард» [443].

2. **Нишонаҳои муҳим.** Ин ҳолат моро бовар мекунонад, ки муколамаи стратегӣ байни Шурои ҳамкории давлатҳои араби Халиҷ ва кишварҳои Осиёи

Миёна бояд татбиқ ва фаъол карда шавад. Дар сатҳи геополитикӣ рақобати минтақавӣ ва байналмилалӣ барои нуфуз ва ҳузур дар ин минтақаи ҳаётан муҳим, ба хусус қудратҳои минтақаӣ, назири Эрон, Туркия ва Исроил вуҷуд дорад, ки ҳар кадоме барои вуруд ба ин минтақа тарҳ ва стротежии худро доранд.

Аз ин рӯ, эҳёи равобити наздиктар миёни кишварҳои араби Халиҷ ва кишварҳои Осиёи Миёна ба «ҳифз ва таҳкими манофеи стратегии Халиҷ дар минтақа ва дахолат накардан ба онҳо аз ҷониби қудратҳои рақобаткунанда мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин, дар мубориза бо гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ, аз қабили Ҳаракати исломии Узбекистон ва Ҳизб-ут-таҳрир, ки дар минтақаи Осиёи Миёна густариш пайдо кардаанд, метавонад ҳамкорӣ сурат гирад».

Ин муколамаи стратегӣ бо кишварҳои узви Шурои ҳамкории Халиҷ ба таъсиси чаҳорчӯбаи ниҳодие, ки ба рушди равобити онҳо бо қудратҳои мухталифи байналмилалӣ ва минтақавӣ хидмат мекунанд, дар замоне, ки блокҳои иқтисодӣ густариш меёбанд ва аҳаммияти онҳо дар ҳоли афзоиш аст, таваҷҷуҳи бузургеро инъикос мекунад. Аҳаммияти ин муколамаи стратегӣ боз дар он аст, ки он мавзеъгирӣ ва диди ба ҳам наздик, ҳадаф ва иқдомоти муштаракро ҷиҳати татбиқи он афзун хоҳанд кард.

3. Ояндаи муносибатҳо. Муносибатҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба дар оянда дар соҳаҳои мухталиф тавассути таъсиси шарикии қавӣ байни кишварҳо, ки бар арзишҳо ва манфиатҳои муштарак ва робитаҳои амиқи таърихии байни халқҳо ва ҳамкориҳои мавҷуда асос ёфтааст, мусоидат мекунад. Он ба кишварҳои Халиҷ имкон медиҳад, ки дар ҳамоишҳои байналмилалӣ аз Осиёи Миёна барои мавқеъгирии худ, пуштибонии сиёсӣ дарёфт кунанд.

Ин ва дигар механизмҳо хоҳиши ҳар ду ҷониб (кишварҳои Халиҷ ва Осиёи Миёна)-ро барои фаъолсозӣ ва рушди муносибатҳои байни онҳо ба таври возеҳ тасдиқ мекунанд.

Як хусусияти ин матн дар он аст, ки баррасиҳои муаллиф хусусияти хулосавӣ дошта, аз хусусияти глобалӣ ва аҳаммияти фарогир доштани мавзуъ дарак медиҳад.

Тавре ишора намудем ва аз таҳлили матн низ маълум гардид, предмети инъикоси воқеа ва рӯйдоди кайҳо рухдодаву ба аудитория маълум аст. Албатта, чунин ҳодисаҳо дар шакли муҷаррад, мавзуи баҳси нигориш қарор гирифта наметавонанд. Ба онҳо муносибат ва диду назари нигоранда оҳанги тоза мебахшад. Аз ин рӯ, махсусияти матни мавриди таҳлилро дар ягонагии «инъикосу тасвири ҳодисаҳои иҷтимоӣ, муносибати нигоранда ба воқеаҳо ва фикру андешаи ӯ дар хусуси онҳо метавон муайян кард» [160, с. 201]. Маҳз ақида ва мавқеи муаллиф ҷанбаи таҳлилӣ ва руҳи замонавии нигоришро қувват бахшидааст.

Матни «Чин ва Русия... аз иттифоқ ба рақобат» низ бо чунин усул навишта шуда, дар чунин қолаб шакл гирифтааст. Дар ин матн низ воқеаи нав нест, балки шарҳу тавзеҳ ва таҳлил нав аст. Чунончи, аз сарлавҳаи матн бармеояд, меҳвари тафсили фикри муаллифро аз иттифоқӣ ба рақобат табдил ёфтани муносибатҳои Россия ва Чин ташкил медиҳад. Ин андешаи таҳлилгари америкоӣ Лоуренс Франклин аст, ки дар Вашингтон – dpa интишор шудааст.

Дар сомонаи арабии Аморот https://futureuae.com шарҳи ин матлаб ба табъ расидаааст. Ҳадафи матлаб дар сархати аввали матн ба таври равшан ишора шудааст. «Чанде пеш дар Чин, дар шаҳри Сиан, нуқтаи оғози роҳи бостонии Абрешим, нишасти сарони ҷумҳуриҳои собиқ шуравии Осиёи Миёна баргузор шуд. Таҳлилгари америкоӣ Лоуренс Франклин бар ин назар аст, ки аҳаммияти рамзии ин шаҳр ба макони он алоқамандӣ дорад». Ин нишаст аз 18 то 20 май баргузор шудааст.

Аз ин бармеояд, ки мақсад аз навиштани ин матлаб, огоҳ намудани хонанда аз баргузории ҷаласа доир ба оғози Роҳи Абрешим набуда, тафсили паёмадҳои он мебошад. Ин паёмадҳо аз тарафи таҳлилгари америкоӣ Лоуренс Франклин баён гардидаанд. Рӯзноманигори араб бошад, андешаҳои ӯро тавзеҳ додааст.

Бино ба шарҳи муаллиф Франклин масъули умури Эрон дар дафтари собиқ вазири дифои Амрико Доналд Рамсфелд, ки Пажуҳишгоҳи Гейтстоуни Амрико интишор кардааст, ки «азми Чин дар воқеъ барои ҷойгузини Россия ба унвони қудрати бартаридоштаро дар Авруосиё нишон медиҳад». Пас аз пош хӯрдани

Иттиҳоди Шуравӣ Чин ва Россия дар равобити худ бо кишварҳои ҳамсояи Осиёи Миёна нақшаҳои худро тарҳрезӣ менамоянд ва Россия кафили суботи низомии минтақаро бар дӯш гирифтааст. Дар тули беш аз даҳ сол, муносибатҳои Россия ва Чин дар бахши тиҷорат, сармоягузорӣ ва умури иқтисодӣ дар Осиёи Миёна қаноатманд аст.

Ба назари шореҳ, ин ҳолат имрӯз дигар шудааст. Чин дар ҳама самтҳо дар Осиёи Миёна ҳукмронӣ мекунад, ки ин як таҳаввулоти хеле муҳим аст. Ин мисли он аст, ки генералҳои Россияи пошоҳӣ, аз миёнаҳои асри нуздаҳум дар Осиёи Миёна соҳибихтиёрӣ доштанд.

Таҳлилгари амрикоӣ Франклин ҳарчанд дар нигориши худ аз факту далелҳои гуногун истифода мекунад, аммо баррасиҳои ӯ аз мавқеи кишвараш – Амрико сурат гирифта, фактҳоро чунин тафсил мекунад, ки ба бад шудани муносибати Россия ба кишварҳои Осиёи Миёна, хосса Қазоқистон ёрӣ мерасонад. Тибқи шарҳи хабарнигори араб «тавре ки раҳбари Қазоқистон бешубҳа медонад, бархе аз миллатгароёни саршиноси Россия, аз қабили нахуствазири пешини Россия Дмитрий Медведев, ишора кардаанд, ки пас аз муомила бо Украина, Қазоқистон дар оянда хоҳад буд».

Аз нигоҳи ӯ Чин ба Осиёи Миёна дар чаҳор ҷанбаи аслӣ: сармоягузории молиявӣ, тиҷорати мукаммал, рушди зерсохтори нақлиётӣ ва бунёди иншооти саноатӣ, аз қабили корхонаҳои коркарди нефт кумак мерасонад, ки Россия дигар қодир нест. Чин айни ҳол дар панҷ кишвари Осиёи Миёна беш аз 15 миллиард доллар сармоягузорӣ мекунад ва ҳаҷми тиҷорати он бо ин панҷ кишвар дар соли 2022 ба беш аз 70 миллиард доллар расидааст.

Хулосаи таҳлили Франклин дар он аст, ки Ҳизби коммунисти Чин дар роҳи расидан ба ҳадафҳои васеи худ, яъне пешбурди ташаббусҳои глобалии амният ва рушди Чин ба пешравиҳои назаррас ноил шудааст. Намунаи дигари ҳамин гуна шарҳи нигоришӣ матни «Осиёи Миёна. Манфиатҳои стратегии Россия ва манфиатҳои иқтисодии Чин» (آسيا الوسطى ... مصالح إستراتيجية لروسيا واقتصادية للصين) [426] аст. Ин матнро аз нигоҳи шакли баён ба нигориш метавон нисбат дод, ҳарчанд дар он аносири жанри табсира кам нест.

Асоси воқеаи таҳлилталаб матни сомонаи «Геополитикии фючерс» аст, ки дар он омадааст: «Афзоиши нуфузи Чин дар Осиёи Миёна далели қобили таваҷҷуҳ аз коҳиши нуфузи Россия, сарпарасти таърихии ин минтақа аст ва матлаби «Екатерина Золотова», нуфузи Чин дар солҳои охир хеле афзуд».

Сархати иқтибосшуда як навъ фабулаест, ки аз як тараф, нуқтаи меҳварӣ ва ё ғояи асосии баррасиҳои минбаъдаи нигорандаро ифода мекунад, аз ҷониби дигар, таваҷҷуҳи хонандаро ба фаҳми асли воқеият мувоҷеҳ месозад. Сохтори қисми асосии матнро чор лаҳза ташкил медиҳад:

1. Таъсири Хитой ба кишварҳои Осиёи Миёна, амсоли Тоҷикистон, Қазоқистон, Узбекистон Қирғизистон ва Туркманистон бо роҳи сармоягузорӣ ва шарики аслии тиҷоратӣ;

2. Ҳифзи нуфузи Москва дар Осиёи Миёна ва кӯшиши Россия барои нигоҳ доштани мавқеи худ дар ин минтақа;

3. Эҳтимоли рух додани муқовимат байни ду кишвар: Россия ва Чин;

4. Афзоиш ёфтани ҳузури низомии Чин дар Тоҷикистон ва амали шудани амалиёти амниятии он дар Осиёи Миёна тавассути чаҳорчӯбаи Созмони ҳамкориҳои Шанхай.

Аз баррасии ин ҷанбаҳо, нигоранда ба натиҷае расидааст, ки: «аз нигоҳи иқтисодӣ, Россия минтақаро як роҳи калидӣ медонад, ки тавассути он метавонад бозорҳои афзоянда, аз қабили Ҳиндустон, Чин ва Покистонро, дар ҳоле ки бо таҳримҳои ИМА ва ҷанги тиҷоратӣ рӯ ба рӯ шавад, бо энержӣ ва дигар колоҳо таъмин кунад». Ба назари ӯ, «нуфузи афзояндаи иқтисодии Чин дар минтақа, ки дар пасманзари буҳрони ҷаҳонии иқтисодии соли 2008 фаъол буд, нақши таърихии Россияро ҳамчун омили асосӣ дар Осиёи Миёна чолиш мекунад».

Намунаи дигари ҳамин гуна шарҳи хулосавӣ матни «ВАО-и Тоҷикистон аз сафари Аълоҳазрат Амир ба Душанбе ситоиш (таъриф) мекунад» (الإعلام وسائل دوشنبه إلى الأمير سمو بزيارة تشيد الطاجيكية) [2, 2023. – 9 июн] буда метавонад. Ин нигориши хулосавӣ дар асоси ахбори АМИТ «Ховар», агентиҳои иттилоотии «Азия-Плюс» ва «АВЕСТА», ки доир ба сафари Амири Қатар ба Тоҷикистон интишор намудаанд, таҳия гардидааст. Ҳарчанд шарҳи агентии иттилоотии

Қатар ҷанбаи хабарӣ дорад, аммо дар он унсурҳои таҳлил низ ба назар мерасад. Ин агентӣ, на танҳо дар заминаи маводди агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон дар бораи вохӯриҳо ва музокироти сатҳи баланд миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар иттилоот додааст, балки ба чӣ гуна гузаштани дидору гуфтушунидҳо байни Аълоҳазрат Амири Қатар ва Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, муҳокима ва баррасии муносибатҳои дуҷониба ва амсоли ин низ таваҷҷуҳ намуда, ба мавқеъ ва сатҳи инъикоси мавзуъ дар агентиҳои Тоҷикистон баҳо додааст.

Хусусияти нигоришии ин матлаб он аст, ки дар он иттилои ҳар як агентӣ ба таври алоҳида, бо зикри унвон ва шарҳи мундариҷааш хулоса шудааст. Чунончи, «Вохӯриҳо ва музокироти сатҳи баланд миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар», «Президенти Тоҷикистон ва Амири Давлати Қатар аз Такоб дидан мекунанд» [4, 2023. – 8 июн], «Ифтитоҳи бузургтарин масҷид дар Тоҷикистон» [5, 2023. – 8 июн], «Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Қатар бузургтарин масҷид дар Тоҷикистонро ифтитоҳ мекунанд» (Авеста).

Нигорандагони нигоришҳои байналхалқӣ, ки аксаран бо имзои расонаҳои иттилотии кишварҳои араби Халиҷи Форс ва ҳамчунин Тоҷикистон дарҷ гардидааст, кӯшиш намудаанд, ки аудиторияро аз рӯйдодҳои фарогирандаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб, масъала ва муколамаҳои сатҳи байналмилалӣ ва амсоли ин воқиф намуда, бо таҳлилу баррасиҳои публитсистӣ ва тавзеҳи факту асноди гуногун пасманзараҳои онҳоро нишон диҳанд. Ба ин васила, муаллифон ба дарки сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии масъалаҳо аз ҷониби аудитория мусоидат намудаанд.

Ин гуна матнҳо, чунон ки муаллифони китоби «Журналистикаи советии тоҷик» қайд кардаанд «аз рӯйи таъиноташон ба хонанда панорамаи васеи воқеиятро муҷассам гардонида, маҷмуи фактҳо, ҷараёну анъанаи гузаштаро шарҳ медиҳанд. Аз рӯйи предмети омӯзиш рангорангиву гуногунавзоии вазъият, воқеаҳо, шахсиятҳо, рӯйдодҳо ва ҷараёни марҳилаи таҳлилшавандаро пеши назар меоранд» [177, с. 84]. Доманаи ин матнҳо аз нигоҳи мундариҷа фарох буда,

мақсади асосӣ дар заминаи мавқеъгириҳои инфиродии муаллифон шакл гирифтааст.

Ҳамин тавр, мутолиа, таҳлил ва таҳқиқи маводди дар агентиҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои интернетии кишварҳои араби Халиҷи Форс оид ба муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ин кишварҳо чопшуда нишон дод, ки рӯзноманигорон ва дигар муаллифони дорои касбу кори гуногун дар инъикоси амсоли ин воқеаву масъалаҳо аз имконоти жанрҳои публитсистӣ ба таври фарох ва дурбинонаю ҳадафмандона истифода намудаанд.

ВАО, ба хусус агентиҳои иттилоотӣ дар қолаби жанрҳои публитсистии хабариву таҳлилӣ воқеиятҳои муҳимми рӯзро ба таври фаврӣ инъикос намуда, масъалаҳои мубрами марбут ба ҳамкориҳои байни кишварҳоро баррасӣ ва баҳри рафъи мушкилоти мавҷуда кӯшидаанд.

Таҳлилҳои муқоисавӣ нишон дод, ки дар инъикос ва бозтоби рӯйдодҳои Тоҷикистон расонаҳои иттилоотии кишварҳои араб, аслан аз қолабҳои жанри хабар, мусоҳиба, репортаж, табсира, нигориш ва мақола кор гирифтаанд. Қолабҳои жанрии марбут ба жанрҳои публитсистию бадеӣ, хосса лавҳаву очерк ба назар нарасид. Ин ба он ишора мекунад, ки ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс ба рӯйдодҳои фарҳангии кишвари мо ва ҳаёти аҳли илму адаб камтар таваҷҷуҳ доштаанд.

Қолабҳои жанрии истифодашуда ба типи муайяни маводди марбут ба мавзуъ алоқаманд буда, барои ҳалли вазифаҳои мушаххас, афзудани сатҳи огоҳӣ ва дарку маърифати аудитория ёрӣ расонидааст. Таҳлилҳо ва масъалагузориҳои муаллифон дар қолабҳои муайяни жанрӣ, аз як тараф, ҷолибияти сохторӣ ва ороишии матолибро таъмин намуда бошад, аз ҷониби дигар, ба дарки дурусти моҳияти масъалаҳои ба миён гузошташуда ва вазъу хусусияти онҳо мусоидат намудааст.

ХУЛОСА

Омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии воқеиятҳои гуногун ва муносибатҳои бисёрсамтаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс – ШАС, АМА ва Қатар, ки дар воситаҳои ахбори оммаи мутақобила инъикос гардидааст, ба мо имкон медиҳад, ки дар фарҷоми кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зеринро ҳосил намоем:

1. Ҳарчанд халқи тоҷик бо ҷаҳони араб пайвандҳои таърихии ҳазору сесадсола дорад, аммо муносибатҳои гуногунсамти Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс баъд аз Истиқлоли давлатии кишварамон дараҷаи расмӣ пайдо кардааст. Нақши АИКАХФ дар муаррифии Тоҷикистон ва густариши равобитаҳои дипломатӣ байни кишварҳо бориз аст. Тавассути ВАО-и арабзабон сафарҳо ва мулоқотҳои сатҳи олӣ ба таври васеъ инъикос ёфта, имиҷи мусбати Тоҷикистонро дар минтақа ва ҷаҳон таҳким мебахшад [10-М; 18-М].

2. Тоҷикистон робитаҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии худ муайян карда, аз имкониятҳои молиявии онҳо тавассути сармоягузорӣ дар татбиқи тарҳҳои гуногун истифода намудааст. Ҷонибҳо заминаҳои қонунии созишномаҳои ҳамкории иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайраро фароҳам оварда, дар таҳкими дурнамои манфиатбори равобит кӯшидаанд. Дастгирии молиявӣ дар соҳаи гидроэнегетика, бунёди мактабҳо, таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, содироти хушкмева ва сабзавоти тару тоза аз тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб шаҳодат медиҳад [2-М; 9-М; 12-М].

3. Аз таҳлили равобити дуҷониба бо кишварҳои араби Халиҷи Форс бармеояд, ки барои Тоҷикистон имконияти бештари рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун, аз қабили тандурустӣ, саноат, обрасонӣ ва обёрӣ, хӯрокворӣ, кишоварзӣ ва туризм, техникаю технология мавҷуд буда, тақвият бахшидани онҳо боиси пешрафти иқтисодии кишварамон хоҳад гашт. Инъикоси мунтазами равобити Тоҷикистон бо ШАС, АМА ва Қатар барои аудиторияи араб ҷиҳати эътимод ва нуфузи байналмилалии кишвар шароити мусоид фароҳам меорад [2-М; 8-М].

4. Омӯзиш маълум намуд, ки миёни кишварҳои араби Халиҷи Форс мақом ва манзалати ШАС миёни олами мусалмон муассир аст. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ яке аз панҷ кишвари бойтарини дунё буда, имконияти хеле васеи сармоягузорӣ дорад. Тоҷикистон метавонад аз чунин имконоти фаровони иқтисодӣ ва сармоягузории ин кишвар баҳра бардорад [19-М; 24-М].

5. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Амороти Муттаҳидаи Араб дар самтҳои илму маориф ва тандурустӣ густурдатар будааст. Дар заминаи ин ҳамкориҳо даҳҳо нафар донишҷӯёни тоҷик дар асоси бурсияҳои ҷудошуда ва мустақиман дар муассисаҳои таҳсилоти олии АМА таҳсил менамоянд. Мутахассисони фонду муассисаҳои хайриявии ин кишвар пайваста ба Тоҷикистон сафар намуда, ба ниёзмандон ва беморон кумаки тиббии ройгон (ҷароҳат ва таъминот бо маводди доруворӣ) мерасонанд. Кумакҳои башардӯстона аз аносири дипломатияи нарм бархӯрдор аст [12-М; 13-М; 27-М].

6. Бо таъсири раванди сиёсатҳои геополитикӣ ВАО-и мамолики араб дар охири асри XX ва аввали асри XXI таҳаввулоти ҷиддӣ ёфтааст. Ин раванд, ба хусус баъд аз таъсиси шабакаҳои иттилоотии арабӣ, ба мисли «Ал-Ҷазира» (1996, Қатар), «Ал-Арабия» (2003, Аморот) ва «Ал-Ихбория» (2004, Саудӣ) суръат пайдо карда, ВАО-и кишварҳои Ғарб аз иттилоот ҳамчун сарчашмаи боэътимод истифода мебурдагӣ шуданд [14-М; 15-М; 25-М; 26-М].

7. Аз омӯзиши маводди АИС доир ба воқеиятҳои Тоҷикистон бармеояд, ки ин агентӣ бештар ба чорабиниҳои муҳимми марбут ба муносибат ва ҳамкориҳои ин кишварҳо, аз ҷумла, сафарҳои сатҳи олӣ, форумҳои сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ, ифтитоҳи сафорат, сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони воломақом ба ШАС ва амсоли ин таваҷҷуҳ намуда, аз як тараф, кишвари моро ба олами араб шинос намудааст, аз ҷониби дигар, дар инкишофи муносибатҳои гуногунсамта миёни кишварҳои Тоҷикистон ва ШАС заминаи иттилоотӣ фароҳам овардааст. АИС симо ва мақоми Тоҷикистонро ҳамчун давлати амну осуда, дӯст бо кишварҳои араб, ҳамкор дар бахшҳои мухталиф ва фаъол дар муносибатҳои байналмилалӣ муаррифӣ кардааст [3-М; 6-М; 16-М].

8. АИҚ низ бештар ба ахбори расмӣ эътибор дода, зиёдтар ба натиҷаи сафарҳои расмии ҷонибҳо, ҷараён ва раванди муносибатҳо ва ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар таваҷҷуҳ кардааст. Чунончи, танҳо дар соли 2023 роҷеъ ба мавзуи равобит ва ҳамкориҳои дуҷониба 62 матолиб ба нашр расонидааст, ки ба таҳкими имиҷи мусбат, ҳамкории байнидавлатӣ, нишон додани дурнамои рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Қатар замина ба вуҷуд меорад. Бо вуҷуди ин, АИҚ дар муқоиса бо АИС бештар аз маводди сомонаҳои хориҷӣ кор гирифтааст. Аксарияти мавод хусусияти иттилоотӣ дошта, таҳлил ва мавқеи агентӣ камтар ба назар мерасад [4-М; 5-М; 7-М].

9. Агентии иттилоотии Аморот низ, асосан, ба масъалаҳои муносибат ва ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва АМА таваҷҷуҳ карда, дар инъикоси воқеиятҳои кишвари мо нисбат ба дигар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб мавқеи беғаразона ва бетафовут дорад. Дар он таҳрифи ахбор бо назардошти манфиатҳои кишвари худ ба назар намерасад. Маводди агентии иттилоотии мазкур баёнгари он аст, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо АМА дар сатҳи хуб қарор дорад. Ин усул ба стратегияи дипломатияи иттилоотӣ, ки ҳадафи он таъсир расондан ба афкори ҷомеаи араб ва фароҳам овардани имиҷи мусбати Тоҷикистон аст, мувофиқат мекунад [4-М; 6-М; 12-М].

10. Дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон инъикоси муносибату ҳамкориҳо ва ҳаводиси гуногуни дунё, аз ҷумла кишварҳои араб, ҷойгоҳи хосса дорад. Аз он ҷумла АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва «Pressa.tj» дар бозтоби муносибатҳои мутақобилаи кишварҳо ва рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳони араб фаъоланд. Инъикоси равобиту ҳамкориҳо ва воқеоти марбут ба кишварҳои араб дар ВАО-и Тоҷикистон бо усули ҳирфаӣ сурат гирифта, аз як тараф, дар огаҳии мардум ба муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо, аз ҷониби дигар, ба раванди ояндаи густариши муносибатҳо таъсири муассир мегузорад [2-М; 9-М; 21-М].

11. Ағлаби маводди сомонаи АМИТ «Ховар»-ро муносибатҳои дуҷониба ташкил медиҳад. Сомонаи АМИТ «Ховар» дар муқоиса ба дигар кишварҳои араб ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бештар таваҷҷуҳ кардааст. Иттилооти он аз сафарҳои расмии мутақобилаи сарони давлатҳо, мулоқоту вохӯриҳои анҷомдодаи Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони ин ё он кишвари араб ва

мулоқотҳои мутақобилаи ҳайатҳои баландпояи байнидавлатӣ (вохӯрии сафирону вазирон, ҳайатҳои ҳукуматӣ) манша гирифта, тавассути шарҳу тавзеҳ ва баррасиҳо шинохт ва муаррифии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва таҳкими муносибатҳо бо кишварҳои араби Халиҷи Форс муайян гардидааст. Аз таҳлили маводди АМИТ «Ховар» доир ба равобити иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (КАХФ) бармеояд, ки Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби сармояи мустақими сармоягузорон ва соҳибкорони кишварҳои араб дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ҳавасманд аст [11-М; 22-М].

12. Таҳлили манобеъшиносӣ нишон дод, ки инъикоси ҳаводис ва рӯйдодҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс, хосса ШАС, АМА ва Қатар дар АМИТ «Ховар» дар такя ба ахбори сомонаҳои интернетӣ ва расонаҳои хабарии хориҷӣ шакл гирифтааст. Ин аст, ки дар матолиби АМИТ «Ховар» баъзан мавқеъпазирии кишвари рус, баъзан кишварҳои ғарбӣ ва гоҳо Эронро эҳсос мекунем. Бо вуҷуди ин, агентӣ то қадри имкон тавонистааст, ки воқеиятҳои муҳимми олами арабро дар фазои иттилоотии Тоҷикистон пахш намуда, ба ин васила хонандаи тоҷикро ба ҳолати воқеаҳо ва моҳияти онҳо шинос намояд [11-М; 22-М].

13. Омӯзиш ва таҳқиқи маводди АМИТ «Ховар» собит менамояд, ки тайи солҳои охир муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб (ШАС, АМА ва Қатар) дар сатҳи баланд қарор дошта, дар ҳоли рушд ва густариш аст. Робитаҳои сиёсии Тоҷикистон бо кишварҳои фавқуззикр, махсусан, пас аз ифтитоҳи сафоратҳо ва сафарҳои чандинкаратаи Президенти Тоҷикистон ба ин давлатҳо вусъат ва таҳким ёфта, муносибатҳои дуҷониба ба марҳилаи сифатан нав ворид шудааст. Сиёсати иттилоотии АМИТ «Ховар» доир ба масъалаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои мазкур аз мавқеи хос бархӯрдор аст. Моҳияти асосии ҳамкориҳои иқтисодиро сармоягузорӣ ташкил медиҳад [1-М; 22-М].

14. АИ «Азия-Плюс» дар инъикос ва баррасии муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ин кишварҳо ва воқеиятҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии кишварҳои араби Халиҷи Форс низ мавқеи хос дорад. Воқеиятҳои кишварҳои араб дар ин агентӣ зери рубрикаҳои «Ҷаҳон», «Тоҷикистон», «Иқтисод», «Сиёсат», «Ҷомеа», «Ҳокимият», «Амният», «Қонун ва тартибот», «Варзиш» ва

«Ҳаводис» инъикос ёфтаанд, ки ин ба таҳлили амиқ ва дурусти вазъият дар ин кишварҳо ва ҳамчунин, муайян намудани мавқеи Тоҷикистон дар муносибат бо кишварҳои араби Халиҷи Форс мусоидат мекунад [17-М; 21-М].

15. АИ «Азия-Плюс» дар инъикоси воқеиятҳои муҳимми рӯз, аз ҷумла рӯйдодҳо ва қазияҳои марбут ба робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистон ба кишварҳои араб муносибати вижа дорад, ки он интихоби мавзу (воқеаву рӯйдод)-и муҳим, таҳлилу баррасиҳои бодалелу мунсифона, мавқеъгириҳои устувор, натиҷагириҳои умедворкунанда ва амсоли ин аст. Ин ва амсоли ин вижагиҳо аз саҳми боризи «Азия-Плюс» дар инъикоси раванди муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, Қатар ва АМА шаҳодат медиҳад. Маводди АИ «Азия-Плюс» доир ба мавзуъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар огаҳӣ ва маърифати ҷомеа нақши муҳим гузошта, ба таҳкими муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс заминаи хуби иттилоотиро фароҳам овардааст [29-М].

16. Сомонаи интернетии ҳафтаномаи «Тоҷикистон» – «Pressa.tj» низ воқеиятҳои алоқаманд ба муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, ба хусус ШАС, АМА ва Қатарро пайгирӣ намуда, то қадри имкон хонандагони худро ба вазъ ва ҳолати муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араб ошно намудааст. Мундариҷа ва муҳтавои маводди «Pressa.tj» бо мундариҷаи агентиҳои АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» шабоҳат дорад. Аксарияти маводди ин сомона дар такя ба сарчашмаҳои расмӣ, аз қабили мақомоти давлатии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, намояндагони дипломатӣ ва ширкатҳои сармоягузорӣ таҳия гардидааст, ки ин эътимоднокии маводро афзун мегардонад [29-М].

17. Омӯзиш ва таҳлилу баррасиҳои муқоисавии маводди сомонаҳои АМИТ «Ховар», «Азия-Плюс» ва «Pressa.tj» маълум намуд, ки омили аз ҳама муҳим ва таҳрикбахши робита ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби ШАС, АМА ва Қатар иқдому ташаббус ва рағбати Сарварони кишварҳо, сафарҳои дуҷонибаи онҳо ва имзои санаду созишномаҳо будааст. Дар ин сомонаҳо махсусан фаъолияти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар самти таҳкими ҳамкориҳо бо КАХФ, ҳамчун омили

асосии дипломатияи дуҷониба, ба таври васеъ инъикос ва арзёбӣ гардидааст [21-М; 22-М].

18. Аз баррасиҳои муқоисавӣ маълум гардид, ки агентиҳои иттилоотии ҳам Тоҷикистон ва ҳам кишварҳои араби Халиҷи Форс дар инъикоси воқеиятҳои ифодакунандаи ҳамкориҳои байни кишварҳо ва баррасии қазияҳои марбут ба муносибатҳо, асосан, аз қолабҳои жанрҳои ахбории хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж ва жанрҳои таҳлилии табсира, мақола ва нигориш истифода намудаанд [26-М; 29-М].

19. Аз таҳқиқи маводди агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс бармеояд, ки хабарнигорон дар инъикос ва шарҳу тафсири воқеоти марбут ба муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои араб аз вижагӣ ва аносири жанрҳои ахбории публитсистика бештар истифода кардаанд. Ба хусус, дар солҳои охир вобаста ба авзои ҷаҳон мавқеи жанрҳои ахборӣ боло рафтааст. Ҷараёни ҳаводиси пуртазоди зиндагӣ ва ҳаёҳуи иттилоотӣ боис гардида, ки қисми бештари саҳифаҳои агентиҳои иттилотиро маводди хабарӣ ташкил диҳад [20-М; 23-М; 28-М].

20. Дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳлил ва баррасии мавзуъ ва масъалаҳои марбут ба муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб, асосан, дар қолаби жанрҳои мақола, табсира ва нигориш сурат гирифтааст. Мақолаҳо аз назари талаботи жанрӣ яксон нестанд. Дар ағлаби матнҳо шартҳои мақоланависии касбӣ ба мушоҳида расад ҳам, муносибати муаллифон ба масъалаҳо чандон холисона нест. Баъзе муаллифон дар баррасии масъалаҳо ва таҳлилу натиҷагирӣ аз онҳо на танҳо аз аносири жанрсоз камтар истифода намудаанд, балки дар тафсил ва маънидоди моҳияти масъалаҳо ба субъективизм роҳ дода, андешаи нодуруст ва мавқеъгириҳои носаҳеҳи худро ба хонанда талмеҳ (ишора) намудаанд. Бо вуҷуди ин метавон гуфт, ки жанри мақола дар оҷонсиҳои мавриди назар аз шаклҳои маъмули гузоришу баррасии проблемаҳои марбут ба ҳаёти иҷтитмоиву сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии Тоҷикистон, Осиёи Миёна ва ҷаҳон, музокираву ироаи фикр мавқеи хосса доштааст [6-М; 20-М; 29-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқ ва арзёбиҳои анҷомгирифта метавон хулоса кард, ки доир ба равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики араби Халиҷи Форс баъзе мақолаҳо чоп шуда бошанд ҳам, аммо то ҳол нақши ВАО дар инъикоси паҳлуҳои гуногуни фаъолият, зинаҳои ташаккулу таҳаввули муносибат ва ҳамкориҳои ин кишварҳо мавриди омӯзиши монографӣ қарор нагирифтааст. Албатта, доираи баҳси ин мавзуъ васеъ буда, дар атрофи он метавон таҳқиқотҳои дигар низ анҷом дод. Бо назардошти мушаххасоти мавзуи таҳқиқ дар диссертатсия кӯшиш шудааст, ки заминаҳои ташкил ва ташаккули робитаҳо миёни Тоҷикистон бо кишварҳои араб, инъикоси воқеоти марбут ба раванди ҳамкориҳо дар воситаҳои ахбори оммаи кишварҳо бо дарназардошти интихоби воқеаҳо, мавзуву муҳтаво, тарзи нигориш, хусусияти жанрӣ ва амслои ин мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шавад. Бинобар ин, дар заминаи натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он баъзе тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсия барои унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони таърихи матбуоти даврии ватаниву хориҷӣ, муносибатҳои дипломатӣ дар омӯзиш ва арзёбии омилҳои эҳёи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, вижагиҳои инъикоси раванди ҳамкориҳо дар ВАО-и Тоҷикистон ва кишварҳои ШАС, АМА ва Қатар ҳамчун таҷрибаи амалӣ ёрии бевосита расонда метавонад.

2. Дар шакли рисолаи алоҳидаи диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор додани ин ё он воситаи ахбори омма, аз ҷумла, нақш ва мавқеи расона дар инъикос ва баррасии воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии марбут ба робитаҳои Тоҷикистон бо кишвари алоҳидаи ҷаҳони араб арзишнок мебошад.

3. Зарурати таҳқиқ ва арзёбии расонаҳои дигар ва муқоисаи типологии онҳо дар инъикоси мавзуву масъалаҳои марбут ба муносибатҳои расмӣ ва ҳамкориҳои гуногунсамти Тоҷикистон бо кишварҳои араб ниҳоят муҳим буда, диққати муҳаққиқони соҳа бояд ба ин масъалаҳо ҷалб гардад.

4. Таҷрибаи агентиҳои иттилоотӣ ва сомонаҳои интернетии АМИТ «Ховар» ва «Азия-Плюс» барои шинохт ва арзёбии муқоисавии паҳлуҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои араб низ пураҳамият буда, зарурати анҷом додани пажуҳиши илмиро ба миён мегузорад.

5. Барои ба таври мушаххас таъйин намудани вазъи ташаккулу таҳаввули воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои араби Халиҷи Форс, аз ҷумла нашрияҳо ва агентиҳои алоҳида зарурати таҳқиқоти диссертатсионӣ дар миён аст.

6. Сатҳи равобити гуногунсамти Тоҷикистону кишварҳои араб ҳамкориҳои иқтисодии ҷавобгӯйи манфиатҳои муштараки дарозмуддат ва дорои имкониятҳои ғаниро тақозо менамояд. Истифодаи ҳамаи василаҳои дастрас – суханрониву суҳбатҳо тавассути воситаҳои ахбори омма, тавсеа бахшидани робитаҳо тавассути созмонҳои ҷамъиятӣ ва тарғиби дастовардҳои илму навовариҳои якдигар зарур аст.

7. Маводди дар диссертатсия фароҳамомада барои омӯзиш ва таълими таърихи рӯзноманигории хориҷӣ, назарияю амалияи журналистика, нақди рӯзноманигорӣ, паҳлуҳои сабкии осори дар расонаҳо интишорёфта, вижагиҳои агентиҳои иттилоотӣ, жанрҳои публитсистика ва амсоли инҳо заминаи амалӣ ва таҷрибавиро фароҳам меоварад.

8. Ҳамчунин бахшҳои ҷудогонаи маводди диссертатсия ҳангоми таҳияи дастуроти раҳнамоӣ дар самти тақвияти робита ва ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб ва ба ин васила боз ҳам наздиктар гардонидани иртиботи сафорати кишварҳои гуногун бо идораҳои ВАО истифода шуда метавонанд.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистон дар инъикоси воқеоти кишварҳои якдигар, раванди ҳамкориҳои мутақобила қобили мулоҳиза буда, диссертатсияи мазкур ибтидои пажуҳиши мушаххас дар ин самт мебошад ва ин таҷриба бояд мавриди таваҷҷуҳи донишмандон, унвончӯён ва алоқамандони соҳа қарор гирад. Таҳқиқоти анҷомёфта аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами соҳа буда, дурнамои мавзуи пажуҳиши диссертатсияро собит менамояд.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ

А) РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Сарчашмаҳо бо забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ:

1. Агентии иттилоотии Саудӣ (واس (السعودية انباء وكالة)) http://www.spa.gov.sa
2. Агентии иттилоотии Қатар (قنا (القطريّة الأنْبَاءِ وكالةُ)) http://wwwqna.org.qa
3. Агентии иттилоотии Аморот (وام (الامارات انباء وكالة)) http://www.wam.org.ae
4. Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» http://www.khovar.tj
5. Агентии иттилоотии «Азия-Плюс» (ASIA-Plus) https://www.asiaplustj.info
6. Сомонаи иттилоотии нашрияи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» – Pressa.tj

II. Адабиёти илмӣ

А. Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ:

7. 25 қадам дар паҳнои олам. Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон (СХТ) [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.
8. Абдулла, А. «Арабская весна»: ее влияние на мировую экономику [Текст] / А. Абдулла // Научные труды Белорусского государственного экономического университета: Сборник статей. Том Выпуск 7. – Минск: Белорусский государственный экономический университет, 2014. – С. 3-7.
9. Абдуллаев, М.А. Таджикская публицистика и национальная идентичность (посл. четверть XIX – первая половина XX века [Текст] / А.М. Абдуллаев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
10. Абдуллозода, М.А. “Средства массовой информации арабских стран”: учебное пособие [Текст] / М.А. Абдуллозода, Н.Н. Салихов, А.А. Рахимов, Ш.Б. Муллоев. – Душанбе: РТСУ, 2019. – 156 с.
11. Абдуллозода, М.А. Роль и место информационных агентств в системе СМИ Республики Таджикистан [Матн] / М.А. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 304-309.

12. Абдуҷалилов, Ф.Н. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо: дис. … номз. и. филол.: 10.01.10 / Абдуҷалилов Фирдавс Низомович. – Душанбе, 2020. – 174 с.
13. Абдушукур, А. Равобити адабии арабу аҷам дар асри XI [Матн] А. Абдушукур. – Душанбе: Файз, 2004. – 56 с.
14. Абылгазиев, И.И. Роль информационной войны в гибридном конфликте между государством Катар и королевством Саудовская Аравия / И.И. Абылгазиев, Е.С. Васецова, И.С. Егоров // Век глобализации. – 2023. – № 1(45). – С. 58-72.
15. Авад, А.М. Особенности развития СМИ арабских стран в условиях глобализации на рубеже XX- XI вв. [Текст] / Авад Ахмед Мохамед. – Москва, 2003. – 167 с.
16. Аганин, А.Р. Племена, кланы и семейства Катара [Текст] / А.Р. Аганин. – Москва, 2013. – 312 с.
17. Азимов, А.Х. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940 гг.): автореф. дис. … док. филол. наук: 10.01.10 / Азимов Аъзамджон Холматович. – Душанбе, 2009. – 45 с.
18. Азимов, А. Информационное сопровождение внешней политики (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / А. Азимов, Ф. Салимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2025. – 39 с.
19. Алгави, Л.О. Роль социальных медиа в волнениях и революциях в арабских странах (в конце 2010 -начале 2011 гг.) [Текст] / Л.О. Алгави, Д.А. Аль-Ханаки // Современные проблемы мировой журналистики (к 50-летию падения колониальной системы): Материалы Международной научно-практической конференции, Москва, 13-14 апреля 2011 года. – Москва: Российский университет дружбы народов, 2011. – С. 32-40. – EDN TDKZCZ.
20. Александров, И.А. Монархии Персидского залива: этап модернизации [Текст] / И.А. Александров. – М: Дело и сервис, 2000. – 544 с.

21. Ализода, М.М. Хусусиятҳои таъсири сиёсии воситаҳои ахбори омма дар шароити муосири геополитикӣ [Текст] / М.М. Ализода // ОСИЁ ВА АВРУПО (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2024. – № 2 (18). – С. 25-29.
22. Аль Шаннан, Н. Социальные сети в арабском мире: растущее влияние [Текст] / Н. Аль Шаннан // Актуальные проблемы медиапространства: от теоретических аспектов до практической реализации: Сборник научных статей, Москва, 14 апреля 2022 года. – Москва: Российский университет дружбы народов (РУДН), 2022. – С. 21-28. – EDN MRWCPJ.
23. Аль Мардуд, В. Средства массовой информации и реклама в арабских странах: специальность 10.01.10 «Журналистика»: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук [Текст] / Аль Мардуд Валид. – Минск, 1991. – 19 с. – EDN ZKGLQV.
24. Аль-Бослани, М. Современная модель аравийских массмедиа: опыт теоретического обоснования [Текст] / М. Аль-Бослани // Журнал Белорусского государственного университета. Журналистика. Педагогика. – 2017. – № 2. – С. 79-83. – EDN OOXPQF.
25. Аль-Ибади Мусса М.М. Роль региональных средств массовой информации на ближнем востоке: основные аспекты [Текст] / Аль-Ибади Мусса Муайад Махди // Теории и проблемы политических исследований. – 2020. Том 9. – № 1А. – С. 160-167. DOI: 10.34670/AR.2020.50.45.017
26. Аль-Энези А.Х. К истории становления СМИ Саудовской Аравии [Текст] / А.Х. Аль-Энези // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2012. – № 4/2 (84). – С. 235-241.
27. Ал-Энези, А.Х. Роль частного сектора в развитии СМИ Саудовской Аравии в эпоху короля Фахда Бен Абдель Азиза аль-сауда [Текст] / А.Х. Ал-Энези // Вестник Педагогического университета. – 2012. – № 5-2(48). – С. 147-151. – EDN SCKPTF.
28. Амар, Н.А. Особенности СМИ в арабских странах и тенденции их трансформации (80-90-е годы XX века): специальность 10.01.10 «Журналистика»: автореферат диссертации на соискание ученой степени

кандидата филологических наук [Текст] / Амар Ноха Ахмед. – Москва, 1998. – 19 с. – EDN ZKRXNB.

29. Амреев, Б. Аравийские монархии и их место во внешнеполитических приоритетах Казахстана [Текст] / Б. Амреев. – Астана: Елорда, 2004. – 405 с.
30. Арабские страны Западной Азии и Северной Африки: Материалы VII конференции. Сборник статей / Отв. ред. Б.Г. Сейранян. – М.: Институт востоковедения РАН, 2012. – 342 с.
31. Аслов, С. Эмомалӣ Раҳмон - асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ [Матн] / С. Аслов // Сиёсати хориҷӣ (маҷаллаи илмӣ-назариявӣ ва иттилоотии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2016. – № 2. – С. 3-11.
32. Аталлах, Х.Э. Особенности становления и функционирования СМИ Королевства Саудовской Аравии (1981-2006 гг.): специальность 10.01.10 «Журналистика»: автореф. ... канд. филол. наук [Текст] / Аталлах Хумуд Ал Энези. – Душанбе, 2013. – 23 с.
33. Аталлах, Х.Э. Особенности становления и функционирования СМИ Королевства Саудовской Аравии (1981-2006 гг.): дис. … канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Аталлах Хумуд Ал Энези. – Душанбе, 2013. – 167 с.
34. Афсахзод, А.А. Роль выработки этических норм в объединении журналистов республики [Текст] / А.А. Афсахзод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 277-281.
35. Ахмадулин, Е.В. Система арабской журналистики (XIX-начало XXI вв.). Монография [Текст] / Е.В. Ахмадулин, Т.Б. Вара. – Южный федеральный университет. г. Ростов-на-Дону. Изд: Lulu Press, Inc., Raleigh, North Carolina. 2016. – 190 с.
36. Ахмедов, Ш.Р. Мақом ва нақши васоити ахбори омма дар сиёсат [Матн] / Ш.Р. Ахмедов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – № 3/8 (150). – С. 137-140.
37. Ба Алави, М.М. Современные Медиа и их влияние на революционный процесс «Арабской весны» [Текст] / М.М. Ба Алави // Современные

исследования социальных проблем (электронный научный журнал), Modern Research of Social Problems. – 2014, №8 (40). – С. 22-29.

38. Бабаева, Ф.Д. Защита журналистов в зоне вооруженного конфликта/ Ф.Д. Бабаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. - № 4. – С.268-273.
39. Байрамова, Э.К. Язык арабских средств массовой коммуникации [Текст] / Э.К. Байрамова // Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 9. Филология. Востоковедение. Журналистика. – 2009. – № 2-2. – С. 259-267.
40. Байрамова, Э.К. Функционирование СМИ арабских стран в условиях различных политических систем (на примере Иордании, Ливана и Сирии): специальность 10.01.10 «Журналистика»: Авторефер. дисс. … канд. полит. наук [Текст] / Байрамова Энеш Курбансейидовна. – Санкт-Петербург, 2010. – 23 с.
41. Бакланов, А.Г. Ближний Восток на рубеже XXI века: К созданию системы региональной безопасности [Текст] / А.Г. Бакланов – Москва: МГИМО (ун-т), 2001. – 169 с.
42. Барановский, В.Г. Ближний Восток в меняющемся глобальном контексте: ключевые тренды столетнего развития [Текст] / В.Г. Барановский, В.В. Наумкин // Мировая экономика и международные отношения, том 62. – 2018. – № 3. – С. 5–19.
43. Бартенев, В.И. Ближний Восток и Северная Африка в актуальной статистике официальной помощи развитию: Информационно-аналитический обзор [Текст] / В.И. Бартенев. – Москва: издательство Московского университета, 2020. – 54 с.
44. Баҳодур, З. Географияи сиёсии халиҷи Форс [Матн] / З. Баҳодур. – Теҳрон, 1381 ҳ.
45. Бободжанова, Р.М. Роль СМИ в формировании гендерных стереотипов: дис. … докт. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Бободжанова Ранохон Махмудовна. – Душанбе, 2006. – 274 с.

